Силсилае аз хутбаҳои Масҷиди Набавӣ 1

# Тавҳид

## Аз хутбаҳои Масҷиди Набавӣ



Муаллиф

**д-р. Абдул-Муҳсин Муҳаммад ал-Қосим**
**имом ва хатиби масҷиди Набавии шариф**

مترجم بالطاجيكية

# Тавҳид

## Аз хутбаҳои Масҷиди Набавӣ

**Ҳуқуқи табъу нашр маҳфуз аст**
**Чопи аввал**
**1443-и ҳиҷрӣ _ 2022 мелодӣ**

**Барои зеркашии китоб, кодро скан кунед**

a-alqasim.com

# Тавҳид

## Аз хутбаҳои Масҷиди Набавӣ

Таълиф:

**Доктор Абдулмуҳсин ибни Муҳаммад ал-Қосим**

**Имомхатиби Масҷиди Набавӣ**

*Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон*

# Муқаддима

Тамоми ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд, ки Парвардигори ҷаҳониён аст ва дуруду салом бар Паёмбарамон Муҳаммад (с) ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд**:

Қатъан, аввалин воҷиб бар бандагон тавҳид мебошад ва ба хотири тавҳид, Аллоҳи мутаол инсону ҷинро офарида, расулонашро фиристодааст, китобҳояшро нозил кардаву биҳиштро ба унвони подош муаррифӣ намудааст. Бузургтарин амру масъалае, ки махлуқот ба он даъват шудаанд, низ тавҳид мебошад.

Ба хотири аҳамияти ин аслу пояи дин, чандин хутба дар Масҷиди Набавӣ дар ин замина хонда, баъдан онҳоро дар ин китоб мураттаб намудаму онро “**Тавҳид аз хутбаҳои Масҷиди Набавӣ**” номгузорӣ кардам ва теъдоди хутбаҳои ин китоб 14 хутба мебошад.

Аз Аллоҳи мутаол хоҳонам, ки онро самарабахшу судманд қарор дода, холисона қабул намояд. Ва дуруду салом бар Паёмбарамон Муҳаммад (с) ва бар хонадону ёронаш бод.

**Абдулмуҳсин ибни Муҳаммад ал-Қосим**
Имомхатиби Масҷиди Набавӣ

# Аҳамияти тавҳид[1]

Ҳамоно тамоми ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд, ӯро сипос гуфтаву аз Ӯ ёрӣ меҷӯем, аз Ӯ омӯрзиш мехоҳему аз бадиҳову аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро, ки Аллоҳ ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро, ки гумроҳ созад, ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктост ва ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Паёмбарамон Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст; дуруду саломи бисёру пойдор ба ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ! Тақвои Аллоҳро он тавре, ки шоистаи Ӯст, пеша созед, пас бо тақвост, ки басиратҳо ва дилҳо равшан мешаванд ва гуноҳу маъсиятҳо аз байн меравад.

**Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол ба мо дине арзонӣ доштааст, ки бо фитратҳои росту ақлҳои солим мувофиқ аст ва барои ҳар замону макон салоҳият дорад, ва он шомилу дарбаргирандаи илму ибодат, гуфтору кирдор ва ақида мебошад, инчунин Аллоҳи мутаол аз махлуқот ҳеҷ динеро ҷуз ин дин намепазирад.

﴿وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ﴾

Тарҷума: «Ҳар касе, ки ғайр аз Ислом, оини дигареро баргузинад, пас ҳаргиз аз ӯ пазируфта намешавад, ва ӯ дар охират аз зумраи зиёнкорон хоҳад буд». [Оли Имрон-85]

Дар ин дин калимае вуҷуд дорад, ки ҳар кас онро содиқона ва аз таҳи дил бигӯяд ва ба муқтазову талаботи он холисона барои ризои Аллоҳ амал намояд, бидуни ҳисобу азоб ворид биҳишт мешавад, он калима لا إله إلا الله мебошад, ки беҳтарини гуфторҳост ва бофазлтарини аъмолу болотарин шӯъбаҳои имон мебошад. Ҳар кас онро ҳақиқатан аз таҳи дил бигӯяд, ба болотарин дараҷоти дин баланд бардошта шудааст ва фақат ба забон овардани он барои дохил шудан ба Ислом ё

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 24-уми зулҳиҷҷаи соли 1422-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

мусулмон будан, кофӣ нест; балки лозим аст, ки фарди мусулмон ба маънои он огоҳии комил дошта, ба муқтазову талаботи он амал кунад; Бо дур сохтани ширк ва исботи ягонагии Аллоҳи мутаол, бо эътиқоди устувор ба саҳеҳ будани ончӣ, ки ин калима шомилу хоҳони он аст.

Ва мусулмон дар имону ақидааш ростгӯст, таслими аҳкому дастурот, шаръи Аллоҳ ва тақдир мебошад, ҳоҷатҳои худро фақат аз Аллоҳ металабад ва раҳоӣ аз ғаму андӯҳро танҳо аз Ӯ субҳонаҳу ва таоло талаб мекунад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَإِن يَمْسَسْكَ ٱللَّهُ بِضُرٍّ فَلَا كَاشِفَ لَهُۥٓ إِلَّا هُوَ ۖ

وَإِن يَمْسَسْكَ بِخَيْرٍ فَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ﴾

Тарҷума: «Агар Аллоҳ зиёне ба ту бирасонад, ҳеҷ кас ҷуз Ӯ наметавонад дафъаш кунад ва агар хайре бирасонад, пас Ӯ ба ҳама чиз тавоност». [Анъом-17]

Дуову ниёиши Ӯ таоло ибодати гаронбаҳо буда, аз беҳтарини ибодот ба шумор меравад, Паёмбар (с) фармуданд:

«لَيْسَ شَيْءٌ أَكْرَمَ عَلَى اللهِ مِنَ الدُّعَاءِ»

Тарҷума: «Ҳеҷ чизе назди Аллоҳ аз дуо боарзиштар нест». (Ривояти Аҳмад). Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки фармуд:

«أَفْضَلُ العِبَادَةِ: الدُّعَاءُ»

Тарҷума: «Бофазлтарину беҳтарини ибодатҳо дуо мебошад».

Агар ҳодисаҳо ва балоҳое барои шумо пеш омад, пас Зоти бузургро садо бизанед; зеро ҳар касе, ки аз Ӯ талаб кунад, ба ӯ ато мекунад ва ҳар касе, ки ба Ӯ паноҳ бубарад, ӯро ҳимоят мекунад.

Паёмбар (с) ба Абдуллоҳ ибни Аббос (р) фармуд:

«إِذَا سَأَلْتَ فَاسْأَلِ اللهَ، وَإِذَا اسْتَعَنْتَ فَاسْتَعِنْ بِاللهِ، وَاعْلَمْ أَنَّ الأُمَّةَ لَوِ اجْتَمَعَتْ عَلَى أَنْ يَنْفَعُوكَ بِشَيْءٍ لَمْ يَنْفَعُوكَ إِلَّا بِشَيْءٍ قَدْ كَتَبَهُ اللهُ لَكَ، وَلَوِ اجْتَمَعُوا عَلَى أَنْ يَضُرُّوكَ بِشَيْءٍ لَمْ يَضُرُّوكَ إِلَّا بِشَيْءٍ قَدْ كَتَبَهُ اللهُ عَلَيْكَ»

Тарҷума: «Ҳаргоҳ чизе хостӣ аз Аллоҳ бихоҳ ва ҳаргоҳ талаби ёрӣ ва кӯмак хостӣ, фақат аз Аллоҳ талаб ёрӣ намо, ва инро яқин бидон, ки агар ҳамаи уммат ҷамъ шаванд, то ба ту суду фоидае бирасонанд, натавонанд, магар ончӣ, ки Аллоҳ барои ту навишта бошад, ва агар ҳамаи уммат ҷамъ шаванд, то ба ту зиёне бирасонанд, наметавонанд, магар ончӣ, ки Аллоҳ барои ту муқаррар карда бошад». (Ривояти

Тирмизӣ)

Гарчанде ниёзҳоят хурд низ бошанд, аз талаб намудан аз Парвардигорат даст накаш. Уммулмӯъминин Оиша (р.ҳ) гуфтааст:

«سَلُوا اللَّهَ كُلَّ شَيْءٍ حَتَّى الشِّسْعَ؛ فَإِنَّ اللَّهَ إِنْ لَمْ يُيَسِّرْهُ لَمْ يَتَيَسَّرْ»

Тарҷума: «Аз Аллоҳ ҳама чизро бихоҳеду бипурсед, ҳатто банди кафшу пойафзолҳоятонро, зеро агар Аллоҳи мутаол онро муяссар нагардонад, муяссар намегардад». (Муснади Абуяъло)

Аммо мурдаву ғоиб; молику дорандаи нафъу зарари хеш нест, чи расад ба ин ки ба дигарон нафъ бирасонад, дар ҳоле, ки мурда худ мӯҳтоҷи дуои дигарон аст, ҳамон тавре, ки Паёмбар (с) ҳангоми зиёрати қабристони мусулмонон, ба мо дастур доданд, ки барои онҳо дуои раҳмат кунем, на ин ки аз онҳо ёриву кӯмак биҷӯем.

Ва Парвардигорат дорандаи сифати биноӣ ва шунавоист; ва аз ҷумлаи халалҳое, ки дар рубубияти (Парвардигорӣ) Ӯ ва улуҳияти (маъбудият) Ӯ ворид мегарданд, ин аст, ки байни худ ва Аллоҳ дар дуоҳову ҳоҷатҳоят воситае қарор бидеҳӣ! Дар ҳоле, ки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ٱدۡعُونِيٓ أَسۡتَجِبۡ لَكُمۡ﴾

Тарҷума: «[Фақат] Маро бихонед, то [дуои] шуморо иҷобат кунам». [Ғофир-60]

Ва ҷумлаи аъмоле, ки бо калимаи тавҳид дар тазоду мухолифат аст - ин сар буридан ё забҳ кардан барои ғайри Аллоҳ таоло мебошад.

﴿قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ❁

لَا شَرِيكَ لَهُۥۖ وَبِذَٰلِكَ أُمِرۡتُ وَأَنَا۠ أَوَّلُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ﴾

Тарҷума: “ Бигӯ: Бешак намозу қурбониям ва зиндагиву маргам барои Аллоҳ - Парвардигори ҷаҳониён аст. Ҳеҷ шарике надорад, ба ман чунин амр шудааст ва ман аз аввалин мусулмононам”. [Анъом-162-163]

Ва тавофи Каъба ибодатест, ки шомили фурӯтаниву тавозӯъ ба Парвардигори хонаи Каъба мегардад.

﴿وَلۡيَطَّوَّفُواْ بِٱلۡبَيۡتِ ٱلۡعَتِيقِ﴾

Тарҷума: “Хонаи қадимӣ ва гиромии (Каъбаро) тавоф намоянд”. [Ҳаҷ-29]

Ва тавофи ғайри Аллоҳ, монанди тавофи мақбараҳо ё боргоҳҳо сабабгори маҳрум гаштан аз биҳишт мегардад. Ва савганди ростин дар ҷое, ки ниёз бошад, эҳтиром ба Парвардигори ҷаҳониён аст. Ва савганд ба ғайри Аллоҳ, сабук шумурдани зоти Аллоҳ аст, ба ҳамин сабаб Паёмбар (с) фармуданд:

«مَنْ حَلَفَ بِغَيرِ اللَّهِ؛ فَقَدْ كَفَرَ أَوْ أَشْرَكَ»

Тарҷума: «Ҳар касе, ки ба ғайри Аллоҳ савганд ёд кунад, қатъан куфр варзидааст ё муртакиби ширк шудааст». (Ривояти Тирмизӣ)

Ҳар касе низ муҳрае ва ғайраро барои муҳофизат аз чашми бад ё ҷалби манфиате истифода кунад, Паёмбар (с) дуо намудааст, ки Аллоҳи мутаол ниёзи чунин шахсро бароварда насозад, балки муҳолифу баръакси онҷӣ, ки қасду нияташро кардааст, ба ӯ бирасад; Паёмбар (с) фармуданд:

«مَنْ تَعَلَّقَ تَمِيمَةً؛ فَلَا أَتَمَّ اللَّهُ لَهُ»

Тарҷума:“Ҳар кас тӯмор ё тилисмеро ба худ овезад, Аллоҳи мутаол мақсудашро тамом накунад”. (Ривояти Аҳмад)

Ва Паёмбар (с) аз байъат кардан бо шахсе, ки ба худ тӯмор овехта буд, даст нигоҳ дошт, Уқба ибни Омир (р) мегӯяд:

«أَقْبَلَ إِلَى رَسُولَ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم رَهْطٌ، فَبَايَعَ تِسْعَةً وَأَمْسَكَ عَنْ وَاحِدٍ، فَقَالُوا: يَا رَسُولَ اللَّهِ! بَايَعْتَ تِسْعَةً وَتَرَكْتَ هَذَا؟ قَالَ: إِنَّ عَلَيْهِ تَمِيمَةً؛ فَأَدْخَلَ يَدَهُ فَقَطَعَهَا فَبَايَعَهُ، وَقَالَ: مَنْ عَلَّقَ تَمِيمَةً؛ فَقَدْ أَشْرَكَ»

Тарҷума: «Гурӯҳе назди Расулуллоҳ (с) омаданд, Паёмбар (с) бо нӯҳ нафар байъат карданду аз яке даст нигоҳ доштанд, гуфтанд: Эй Расулуллоҳ (с)! Бо нуҳ нафарамон байъат намудӣ ва инро раҳо намудӣ !? Фармуданд: "Ин ба худ тӯморе бастааст"; пас он шахс дасти худро дохили либосаш намуд ва онро канд, Паёмбар (с) бо ӯ байъат намуданд ва фармуданд: Ҳар кас ба худ тӯморе овезон кунад, ширк варзидааст». (Ривояти Аҳмад)

Ҳангоми сахтӣ ва ғаму андӯҳ ба Аллоҳи Воҳиду Дайён паноҳ бубар, зеро Ӯ беҳтарин иҷобаткунанда аст ва ҳар кас, ки нафси ӯ танҳо ба Аллоҳ вобаста шуду ҳоҷоташро аз Ӯ хост ва ба Ӯ паноҳ бурду ҳамаи умурашро ба Ӯ супурд - Ӯ барои ҳамаи ҳадафҳояш кофист ва ҳамаи сахтиҳоро барояш осон мекунад. Ва ҳар кас ба ғайри Аллоҳ вобаста шуд ё ба илму ақл ва тилисмҳои он шахс (коҳин) ором гирифт ва ба тавоноӣ ва қудрати ӯ эътимод намуд, Аллоҳи мутаол ӯро ба он шахс

месупорад ва ӯро ёрӣ намекунад, соҳиби китоби "Тайсир -ул Азиз-ил Ҳамид" мегӯяд: «Ин бо нусус (оятҳои қуръонӣ ва ҳадис) ва таҷриба шинохта шудааст».

Ва аз ҷумлаи олоту абзори нобуд намудани дин - умури зерин низ мебошанд: Рафтан пеши шӯъбадабозону ҷодугарон ва пурсиш аз коҳинону ғайбгӯён. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنۡ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَآ إِنَّمَا نَحۡنُ فِتۡنَةٞ فَلَا تَكۡفُرۡ﴾

Тарҷума: «Ва ба ҳеҷ касе чизе намеомӯхтанд, магар ин ки пеш аз ҳама ба ӯ мегуфтанд: мо василаи озмоишу имтиҳон ҳастем, пас, куфр маварз». [Бақара-102]

Ва дар ҳадис омадааст:

«مَنْ أَتَى كَاهِناً أَوْ عَرَّافاً فَصَدَّقَهُ بِمَا يَقُولُ؛ فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِلَ عَلَى مُحَمَّدٍ»

Тарҷума: «Ҳар кас назди ғайбгӯ ё коҳине биравад ва гуфтаи ӯро тасдиқу бовар кунад, қатъан ба онҷӣ, ки бар Муҳаммад (с) нозил шудааст, кофир гаштааст». (Ривояти Аҳмад)

Ва ҳар кас аз ҷодугарон ҳила ва макре барои дигарон талабу савол кунад, кайфару оқибати найрангаш ба худаш боз мегардад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَلَا يَحِيقُ ٱلۡمَكۡرُ ٱلسَّيِّئُ إِلَّا بِأَهۡلِهِۦۚ﴾

Тарҷума: «Ва ҳилагариҳои зишт ҷуз домангири ҳилагарон намегардад». [Фотир-43]

Ва торикӣ бо торикӣ бартараф намешавад, торикии сеҳр бо равшании Қуръон бартараф мегардад, на бо сеҳри мисли худаш:

﴿وَنُنَزِّلُ مِنَ ٱلۡقُرۡءَانِ مَا هُوَ شِفَآءٞ وَرَحۡمَةٞ لِّلۡمُؤۡمِنِينَ﴾

Тарҷума: «Ва аз Қуръон онҷиро, ки дораи беҳбудӣ ва раҳмат барои мӯъминон аст, нозил месозем». [Исро-82]

Пас - эй мусулмон - ақидаатро эмин нигоҳ дор, зеро ақида боарзиштарин чизест, ки молики он ҳастӣ ва азизтарин чизест, ки онро захира менамоӣ. Аммо ширк нури фитратро хомӯш месозаду сабаби бадбахтиву мусаллат шудани душманон мегардад.

**أعوذ بالله من الشّيطان الرَّجيم**

﴿فَٱسْتَمْسِكْ بِٱلَّذِىٓ أُوحِىَ إِلَيْكَ ۖ إِنَّكَ عَلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ۝ وَإِنَّهُۥ لَذِكْرٌ لَّكَ وَلِقَوْمِكَ ۖ وَسَوْفَ تُسْـَٔلُونَ﴾

Тарҷума: «Ба онҷӣ, ки ба ту ваҳй шудааст, чанг бизан чаро ки ту қатъан дар роҳи рост қарор дорӣ. Ва бешак, дар Қуръон мояи панде барои ту ва қавмат аст ва ба зудӣ пурсида хоҳед шуд». [Зухруф-42-43]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони азимушшаъну баландмартаба баракат иноят фармояд…

# Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат гузошт, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёри Аллоҳ бар ӯ хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд: Эй мусулмонон:**

Дуввумин рукн баъд аз калимаи «Шаҳодатайн» намоз мебошад ва ҳамчунин аввалин чизест, ки банда рӯзи Қиёмат аз он пурсида мешавад, пас дар адои он бо ҷамоати мусулмонон сустӣ накун, ва ранҷуриро бар тоати Парвардигори ҷаҳониён тарҷеҳ мадеҳ ва барои онҷӣ, ки Аллоҳи мутаол барои мулоҳизакорон дар ин масъала бахшишу атоҳои бекарон омода кардааст, кӯтоҳӣ накун, чаро ки дарвозаҳои хайру баракат барои банда ба андозаи наздикияш ба Аллоҳи мутаол боз мешавад ва аз маъсияту гуноҳон худро дур кун, зеро гуноҳон тоату ибодотро сахту душвор мекунанд.

Сарфарозии дини Аллоҳ дар даъват кардан ба он ва пайравӣ намудан аз расулону паёмбарон мебошад. [Даъват ба сӯи дини Аллох] беҳтарину гиромитарини [амалу] гуфторҳост. Дар ибтидо, бемориро кашф кун, сипас доруи муносиб барояш пайдо намо ва ҳоли касонеро, ки даъваташон менамоӣ ва онҷӣ ниёз дорандро бидон ! Андӯҳҳо ва афкори мардумро таҳаммул кун ва афкори худро ба мардум таҳмил накун.

Ва бисёр тавбаву истиғфор намо, зеро ибрату меъёр поёни комил аст, на шурӯъи ноқису нопурра. Ва нишонаи қабули кори нек -ин анҷоми корҳои неки дигар дар пайи он мебошад. Қатода (раҳ) мегӯяд: "Ин Қуръон шуморо ба беморӣ ва илоҷу дармони он роҳнамоӣ мекунад; бемориҳо гуноҳон ҳастанд ва илоҷашон истиғфор мебошад". Ва истиғфор сабаби вуруд ба биҳишту зиёд шудани рӯзӣ ва баҳраи хубу дафъи бало мебошад, Абуминҳол (раҳ) мегӯяд: "Ҳеҷ бандае дар қабраш ҳамсояе маҳбубтар аз истиғфор пайдо накардааст".

Сипас бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба салому дуруд ба Паёмбараш (с) амр намудааст…

# Чанг задан ба тавҳид[1]

Тамоми ҳамду таърифот махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд; ки дар камолу иззат, ҷовидонагиву кибриё ягона ва фарзона аст. Зоте, ки дорандаи номҳову сифот аст ва аз ҳар шабеҳу монанд поку муназзаҳ аст ва Ӯро барои онҷӣ дода ва бахшида сипос мегӯем.

Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад, ва аз ниҳону розҳо огоҳ аст.

Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Паёмбарамон Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, ки бо бурҳони возеҳ ва шариати тобон мабъус шудааст, дуруду саломи ҳамешагӣ ва пойдор то рӯзи растохезу ҷазо бар вай ва хонадону ёрони парҳезгораш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ, тақвои Ӯро ҳамон тавре, ки шоистаи Ӯст, пеша созед ва барои рӯзе аъмоли нек анҷом диҳед, ки розҳову онҷӣ дар синаҳо ва дарунҳо махфӣ аст, ошкор мешаванд.

**Эй мусулмонон:**

Дар гузашта, ҳамаи мардум пайрави як дини ҳақ буда, бар он фитрати исломӣ, ки Аллоҳи мутаол дар вуҷуди онҳо ниҳод ва бар он ҳидояту рӯшноие, ки аз онҳо аҳду паймон гирифта буд, пойбанд буданд. Ҳангоме, ки муддатҳо аз байн гузашт, осору нишонаҳои якпарастӣ дар вуҷуди онҳо аз байн рафт. Дар натиҷа, нохолисиҳое дар онҳо ба вуҷуд омад, ки сабаби олудагии ақидаи онҳо шуд ва равнақу таровати тавҳид аз байн рафт; Одамон дар гирдоби ширк қарор гирифтанд, анвоъи гуногуни ибодотро барои ғайри Аллоҳ анҷом доданд, дар натиҷа ваҳдату якпорчагии онҳо ҳам нобуд шуд ва байни онҳо ихтилофу даргирӣ сурат гирифт. Аллоҳи мутаол паёмбаронро ба унвони башоратдиҳанда ва ҳушдордиҳанда фиристод, то инсонҳо ҳеҷ далеле надошта бошанд. Ва Паёмбарамон Муҳаммад (с) ба сӯи уммате фиристода шуд, ки дар ҷаҳолату гумроҳии комил ба сар мебурданд, ширк асоси динашон, бутҳо сарвару парвардигори онҳо буданд. Паёмбар (с) онҳоро ба дини якпарастӣ, ки далелҳо бар он қоиму устувор ва нишонаҳои саҳеҳу дуруст будани он возеҳ ва шавоҳид онро собит карда буд, даъват намуд.

---

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 24-уми зулқаъдаи соли 1419-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

Мӯъминон бо ақидаашон мавриди хитоб қарор мегиранд, то имонашон зиёд гардад, ҳамон тавре ки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِي نَزَّلَ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ مِن قَبۡلُ﴾

Тарҷума: «Эй касоне, ки имон овардаед! Ба Аллоҳ ва Паёмбараш (с) ва китобе, ки ба Паёмбараш нозил кардааст, ва китобе, ки аз қабл нозил намудааст, имон биёваред». [Нисо-163]

То ба дурустии динашон итминон ҳосил намоянд, ва аз нуқс ё ихтилол дар он барҳазар бошанд; балки Аллоҳи мутаол расулону паёмбаронашро ба раҳоӣ аз ширк ва бароату дур будан аз мушрикон мухотаб қарор дода - бо вуҷуди ин ки маҳол аст, ки ин корро анҷом бидиҳанд - Аллоҳ мефармояд:

﴿وَإِذۡ بَوَّأۡنَا لِإِبۡرَٰهِيمَ مَكَانَ ٱلۡبَيۡتِ أَن لَّا تُشۡرِكۡ بِي شَيۡـٔٗا وَطَهِّرۡ بَيۡتِيَ لِلطَّآئِفِينَ وَٱلۡقَآئِمِينَ وَٱلرُّكَّعِ ٱلسُّجُودِ﴾

Тарҷума: «Ва (ба ёд овар) замонеро, ки ҷои хонаи (Каъба) -ро барои Иброҳим муайян кардем, (ва гуфтем:) чизеро шарики ман қарор мадеҳ, ва хонаамро барои тавофкунандагон ва рукӯъу саҷдакунандагон покиза дор». [Ҳаҷ-26]

Ба беҳтарини махлуқоташ Муҳаммад (с) фармуд:

﴿وَٱدۡعُ إِلَىٰ رَبِّكَۖ وَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ﴾

Тарҷума: «Ба сӯи Парвардигорат даъват намо, ва ҳаргиз аз мушрикон набош». [Қасас-87]

Ва ҳамчунин фармуд:

﴿فَلَا تَدۡعُ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ فَتَكُونَ مِنَ ٱلۡمُعَذَّبِينَ﴾

Тарҷума: «Пас (эй Паёмбар!) ҳеҷ маъбудеро бо Аллоҳ (яъне, дар баробари номи Аллоҳ) нахон, ки аз азобшудагон хоҳӣ буд». [Шуаро-213]

Ва гумроҳон бо он низ мавриди хитоб қарор гирифтаанд, то роҳи ҳидоятро баргузинанд, Аллоҳ ҷалла шаънуҳу фармуд:

﴿قُلۡ يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ تَعَالَوۡاْ إِلَىٰ كَلِمَةٖ سَوَآءِۭ بَيۡنَنَا وَبَيۡنَكُمۡ أَلَّا نَعۡبُدَ إِلَّا ٱللَّهَ وَلَا نُشۡرِكَ بِهِۦ شَيۡـٔٗا

وَلَا يَتَّخِذَ بَعۡضُنَا بَعۡضًا أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِۚ فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَقُولُواْ ٱشۡهَدُواْ بِأَنَّا مُسۡلِمُونَ﴾

Тарҷума: «Бигу: Эй Аҳли Китоб! Биёед ба сӯи сухане, ки миёни мову шумо яксон аст, ки ҷуз Аллоҳро парастиш накунем, ва чизеро шарики Ӯ насозем. Ва бархе аз мо бархи дигареро ба ҷои Аллоҳ раббу парвардигори хеш қарор надиҳад, пас агар (аз ин даъват) рӯй

гардонданд, бигӯед: Гувоҳ бошед, ки мо мусулмонем». [Оли Имрон-64]

Ҳеҷ ҳайрате дар ин нест; зеро ягона донистани Аллоҳ дар тамоми ибодот - асли дин ва асоси кор мебошад; бар он қибла бино шуд ва дини Ислом таъсис шуд. Аввалин дастур дар Қуръон ҳам ҳамин мебошад, ва аввалин наҳй дар он - наҳй аз ширк мебошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعْبُدُوا۟ رَبَّكُمُ ٱلَّذِى خَلَقَكُمْ وَٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ۝ ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلْأَرْضَ فِرَٰشًا وَٱلسَّمَآءَ بِنَآءً وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَخْرَجَ بِهِۦ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ رِزْقًا لَّكُمْ ۖ فَلَا تَجْعَلُوا۟ لِلَّهِ أَندَادًا وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ﴾

Тарҷума: «Эй мардум, Парвардигори худро парастиш намоед, он Зоте ки шумо ва касонеро, ки пеш аз шумо буданд, офарид, то парҳезгор шавед. Он Зоте, ки заминро барои шумо густарда намуд ва осмонро ҳамчун сақфе болои сари шумо қарор додаву аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он анвоъи меваҳоро ба вуҷуд овард, то рӯзии шумо бошанд, бинобар ин, барои Аллоҳ шарике қарор надиҳед, дар ҳоле, ки медонед». [Бақара-22-21]

То замоне, ки шахс иқрор ба ягонагии Аллоҳи мутаол накунад, вурудаш дар Ислом саҳеҳу дуруст шуморида намешавад ва калимаи тавҳид охирин чизест, ки шахси мусулмон дунёи фониро бо он видоъ мегӯяд. Паёмбар (с) мефармояд:

«لَقِّنُوا مَوْتَاكُمْ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ»

Тарҷума: «Калимаи (Ло илоҳа ила-лаллоҳ)-ро ба касоне, ки дар ҳоли марг ҳастанд, талқин намоед». (Ривояти Муслим)

Иртикоби ширк бадтар аз куштани фарзанд аст, Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) мегӯяд:

«سَأَلْتُ رَسُولَ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم: أَيُّ الذَّنْبِ عِنْدَ اللَّهِ أَكْبَرُ؟ قَالَ: أَنْ تَجْعَلَ لِلَّهِ نِدّاً وَهُوَ خَلَقَكَ، قُلْتُ: ثُمَّ أَيٌّ؟ قَالَ: ثُمَّ أَنْ تَقْتُلَ وَلَدَكَ خَشْيَةَ أَنْ يَطْعَمَ مَعَكَ»

Тарҷума: «Аз Расули Худо (с) пурсидам бузургтарин гуноҳ, назди Аллоҳи мутаол чист? Фармуданд: «Ширк ба Аллоҳи мутаол дар ҳоле, ки Ӯ туро офаридааст». Гуфтам: Пас аз он кадом гуноҳ бузургтар аст. Фармуданд: «Ин ки фарзанди худро бикушед, аз тарси ин ки бо ту ғизо мехӯрад». (Муттафақун алайҳ)

Ба ин хотир, наҳй аз ширк дар Қуръон бисёр таъкид шудааст ва

ҳамчунин дастур ба тавҳид, ки Аллоҳи мутаол Қуръонро бо он оғоз ва онро такрор намудааст, барои возеҳ будани он мисолҳоеро баён кардааст.

Ва дастур ба ибодати Аллоҳ аввалин даъвати паёмбарон будааст, Иброҳими Халил (а) даъвати падарашро бо он оғоз намуд:

﴿يَـٰٓأَبَتِ لِمَ تَعْبُدُ مَا لَا يَسْمَعُ وَلَا يُبْصِرُ وَلَا يُغْنِى عَنكَ شَيْـًٔا﴾

Тарҷума: «Эй падарам, чаро чизеро парастиш мекунӣ, ки на мешунаваду на мебинад ва ҳеҷ ниёзи туро бароварда намесозад». [Марям-42]

Ва ба хотири аҳамияти волои тавҳид Паёмбарамон Муҳаммад (с) мардумро даҳ сол қабл аз фарз шудани намоз мардумро фақат ба он даъват кард. Ва ҳамаи даъватгаронро низ ба оғоз намудани даъвати хеш ба тавҳид амр намудааст. Паёмбар (с) вақте Муъозро (р)ба Яман фиристод, хитоб ба вай фармуданд:

«إِنَّكَ تَأْتِي قَوْماً مِنْ أَهْلِ الكِتَابِ؛ فَادْعُهُمْ إِلَى شَهَادَةِ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَأَنِّي رَسُولَ اللَّه»

Тарҷума: «Ту назди қавме аз Аҳли Китоб меравӣ, аз онҳо бихоҳ то гувоҳӣ диҳанд, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад». (Муттафақун алайҳ)

Имоми яктопарастон Иброҳим (а) ин гуна дуо намуд:

﴿وَٱجْنُبْنِى وَبَنِىَّ أَن نَّعْبُدَ ٱلْأَصْنَامَ﴾

Тарҷума: «Бор Илоҳо, ман ва фарзандонамро аз парастиши бутҳо маҳфуз бигардон. Иброҳими Таймӣ (раҳ) мегӯяд: Чи касе аз барои ширк баъд аз Иброҳим (а) аз нафси хеш дар амон аст!?». [Иброҳим-35]

Ҳамаи паёмбарон якдигарро ба собитқадамӣ бар дини ҳақ ва ақидаи саҳеҳ, то охирон лаҳзаи зиндагӣ амр намудаанд:

﴿وَوَصَّىٰ بِهَآ إِبْرَٰهِـۧمُ بَنِيهِ وَيَعْقُوبُ يَـٰبَنِىَّ إِنَّ ٱللَّهَ ٱصْطَفَىٰ لَكُمُ ٱلدِّينَ
فَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسْلِمُونَ﴾

Тарҷума: «Ва Иброҳиму Яъқуб, фарзандони хешро ба ин оин амр карданд: «Эй фарзандони ман! Аллоҳ ин дин ва оинро барои шумо баргузидааст, пас намиред ҷуз ин ки мусулмон бошед». [Бақара-132]

Ва аз ҳамин тавҳид паёмбарон дар лаҳзаи марг, фарзандони худро савол намуданд:

﴿أَمۡ كُنتُمۡ شُهَدَآءَ إِذۡ حَضَرَ يَعۡقُوبَ ٱلۡمَوۡتُ إِذۡ قَالَ لِبَنِيهِ مَا تَعۡبُدُونَ مِنۢ بَعۡدِيۖ قَالُواْ نَعۡبُدُ إِلَٰهَكَ وَإِلَٰهَ ءَابَآئِكَ إِبۡرَٰهِـۧمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَ إِلَٰهٗا وَٰحِدٗا وَنَحۡنُ لَهُۥ مُسۡلِمُونَ﴾

Тарҷума: «Оё ҳангоме, ки марги Яъқуб фаро расид, шумо ҳозир набудед? Он гоҳ, ки ба фарзандони хеш гуфт: Пас аз ман чӣ чизеро мепарастед? Гуфтанд: «Маъбуди падаронат, Иброҳим ва Исҳоқ, Аллоҳи якторо мепарастем, ва мо таслими Ӯ ҳастем». [Бақара-133]

**Эй мусулмонон:**

Ҳидоят беҳтарин матлаб ва касби он ифтихоровартарини неъматҳо мебошад ва эътиқоди саҳеҳ амнтарин паноҳгоҳ ҳангоми мушкилоту сахтиҳост:

﴿ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَمۡ يَلۡبِسُوٓاْ إِيمَٰنَهُم بِظُلۡمٍ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلۡأَمۡنُ وَهُم مُّهۡتَدُونَ﴾

Тарҷума: «Онҳо, ки имон оварданд ва имони хешро ба ширк олуда накарданд, амният аз онҳост ва онҳо ҳидоятёфтагонанд». [Анъом-82]

Ва ҳангоми тӯфони фитна ва мушкилоту сахтиҳо танҳо ба Аллоҳи мутаол паноҳ бурдан, роҳи наҷот мебошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَذَا ٱلنُّونِ إِذ ذَّهَبَ مُغَٰضِبٗا فَظَنَّ أَن لَّن نَّقۡدِرَ عَلَيۡهِ فَنَادَىٰ فِي ٱلظُّلُمَٰتِ أَن لَّآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنتَ سُبۡحَٰنَكَ إِنِّي كُنتُ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ۞ فَٱسۡتَجَبۡنَا لَهُۥ وَنَجَّيۡنَٰهُ مِنَ ٱلۡغَمِّۚ وَكَذَٰلِكَ نُـۨجِي ٱلۡمُؤۡمِنِينَ﴾

Тарҷума: «Ва ёд кун Зиннун (Юнус)- ро ҳангоме, ки хашмгин шуд, чунин пиндошт, ки Мо ҳаргиз бар ӯ сахт намегирем. Дар миёни торикиҳо фарёд баровард, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ту нест, Ту поку муназзаҳӣ ва ман аз ҷумлаи ситамкорон будам. Пас дуои ӯро пазируфта ва ӯро аз ғамҳо раҳо сохтем, ҳамчунин мӯъминонро наҷот медиҳем». [Анбиё-82-83]

Ақидаи ноб ниятҳоро ислоҳ менамояд ва хоҳишҳои нафсониро идора мекунад, дар кору зиндагии инсон баракат оварда, ному овозаро мондагор мекунад. Оё зиндагиномаи Абуҷаҳл бо корномаи Абубакри Сиддиқ баробар аст ? Ё насаби Билол куҷову насаби Абулаҳаб куҷо ?! Ва аммо хисорату зиёни дин ҳеҷ ивазеро намепазирад, агарчи дар ивази тилло бошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَمَاتُواْ وَهُمۡ كُفَّارٞ فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡ أَحَدِهِم مِّلۡءُ ٱلۡأَرۡضِ ذَهَبٗا وَلَوِ ٱفۡتَدَىٰ بِهِۦٓ﴾

Тарҷума: «Ба дурустӣ касоне, ки куфр варзиданд ва дар ҳоли куфр

мурданд, агарчи заминро пур аз тилло кунанд, онро фидя (-и наҷот аз азоб) диҳанд, ҳаргиз аз онҳо пазируфта нахоҳад шуд». [Оли Имрон-91]

**Эй мусулмонон:**

Ба хотири тавҳид Каъба бино шудааст. Ҳамаи наслҳо барои тавофи он мераванд ва мусулмонон дар расидан ба он рақобат меварзанд, дар канори он имон ва дар фазояш амнияту оромиш вуҷуд дорад:

﴿وَإِذۡ بَوَّأۡنَا لِإِبۡرَٰهِيمَ مَكَانَ ٱلۡبَيۡتِ أَن لَّا تُشۡرِكۡ بِي شَيۡـٔٗا﴾

Тарҷума: «Ва замонеро, ки ҷои хонаи Каъбаро барои Иброҳим муайян кардем ва фармудем: «Чизеро шарики Ман қарор надеҳ». [Ҳаҷ-26]

Дар шиори ҳаҷ инкори ширк вуҷуд дорад:

«لَبَّيكَ لَا شَرِيكَ لَكَ»

Тарҷума: «Бор Илоҳо! Омода ва фармонбардори дастури Ту ҳастем, ҳеҷ шарике надорӣ, фармонбардори Ту ҳастем». Ва беҳтарин дуои рӯзи Арафа боло бурдани мақоми тавҳид мебошад.

Паёмбар (с) мефармоянд:

«خَيْرُ الدُّعَاءِ دُعَاءُ يَوْمِ عَرَفَةَ، وَخَيْرُ مَا قُلْتُ أَنَا وَالنَّبِيُّونَ مِنْ قَبْلِي: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ»

Тарҷума: «Беҳтарини дуоҳо, дуои рӯзи Арафа мебошад, ва беҳтарин зикру гуфторе, ки ману паёмбарони пешин гуфтаанд, ин аст ки: Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, якто‍ст, шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст, тамоми ситоишҳо махсуси Ӯ мебошанд ва Ӯ бар ҳама қодиру тавоност». (Ривояти Тирмизӣ)

Тавҳиди холису ноб ҷавҳару асоси ҳамаи паёмҳо ва динҳои осмонӣ мебошад. Ва ҳақиқатест, ки бар мо лозим аст барои посдории он ба ғайрат биёем ва онро аз нохолисию олудагӣ ҳифз намоем. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَ﴾

Тарҷума: «Ва бешак мо дар миёни ҳар уммате паёмбаре фиристодем, ки фақат Аллоҳро бипарастед, ва аз тоғут иҷтиноб кунед». [Наҳл-36]

**Бандагони Аллоҳ**:

Паёмбар (с) даъваташро бар калимаи тавҳид ва оини ноб бунёдгузорӣ намуд, Иброҳим (а) тавҳидро дар бозмондагонаш бар ҷо

гузошт, ва ҳеҷ гӯяндае бо гуфторе беҳтар аз "Ло илоҳа илалаллоҳ" Аллоҳи мутаолро ситоиш накардааст. Ба муқтазову талаботи он амал намудан, подошу муздаш биҳишт мебошад ва агар вазни тамоми замину осмон чен карда шавад, аз онҳо вазнинтар хоҳад буд.

Суфён ибни Уяйна (раҳ.) мегӯяд: Аллоҳи мутаол ҳеҷ неъмате бар бандае аз бандагонаш боарзиштар аз шинохти "Ло илоҳа илалаллоҳ" арзонӣ накардааст.

Таваҷҷӯҳ кунед! Фақат ба забон овардани калимаи тавҳид суде надорад, магар ин ки шахс моҳияту талаботи онро ба сурати инкору исбот[1] ва шароити онро бидонад, ки иборатанд аз илму яқин доштан ба маънои ин, ихлосу садоқат дар амал ба талаботи он, ва дӯст доштану таслим шудан ва қабул намудани ончӣ ба он роҳнамоӣ мекунад ва куфр варзидан ба ҳар чизе, ки ба ғайр аз Аллоҳ ибодат мешавад.

**Эй мусулмонон**:

Тавҳид ва ширк монанди шабу рӯз зидду нақиз ҳам ҳастанд, ки ҳаргиз бо ҳам ҷамъ намешаванд, ҳаргоҳ ширк мушоҳида шуд, имон аз байн меравад.

Парвардигорат ба ту бартарӣ дода ва туро аз хору залил гардонидани қалбу чеҳраи хеш барои ғайр аз худ маҳфуз намудааст, ва туро ба шитофтан ба сӯи худ даъват менамояд, пас дилу ҷони худро фақат ба Ӯ бисупор ва худро барои каси дигар хор накун ва ғайр аз Холиқи осмонҳову замин каси дигареро нахон. Чи тавр баробаранд касоне, ки Зоти зиндаеро садо мезананд ва касоне, ки мурдаҳоро садо мезананд ва қалбашон вобаста ба устухонҳои пусидаву хокистаршуда дар қабрҳо мебошад!.

**Эй мусулмонон:**

Аз забҳ кардан барои ғайри Аллоҳ бипарҳез, зеро забҳ фақат барои Аллоҳ ибодат маҳсуб мешавад ва барои ғайри Аллоҳ ширк мебошад; Аллоҳ он Парвардигорест, ки туро офарида ва Ӯ ба ту ин ҳайвонеро, ки сар мебурӣ ато кардааст, пас онро, ҷуз барои Зоте, ки ҳайвонро офарида, забҳ накун:

﴿فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنۡحَرۡ﴾

---

[1] Яъне нафй ва инкори ҳамаи маъбудони ботил ва исботи рубубият танҳо барои Аллоҳ таоло

Тарҷума: «Пас барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбонӣ намо». [Кавсар-3]

Ва ҷуз бо номи Аллоҳ савганд нахӯр, зеро Аллоҳи мутаол ба ту гӯёӣ ато фармуда, пас фақат шукргузори Ӯ бош, ва ба ғайри Ӯ савганд нахӯр, на ба паёмбару валие, бузургӣ ё неъмате, инчунин на ба зиндагии махлуқе савганд ёд кун. Паёмбар (с) мефармояд:

«مَنْ حَلَفَ بِغَيْرِ اللَّهِ؛ فَقَدْ كَفَرَ أَوْ أَشْرَكَ»

Тарҷума: «Ҳар касе ба ғайри Аллоҳ савганд бихӯрад, қатъан куфр варзидааст ё муртакиби ширк шудааст». (Ривояти Тирмизӣ)

Ҳалқаву риштаҳо ва тӯморҳо махлуқоти беҷону беҳаракатанд, ва ту махлуқи зинда! Пас худро эҳтиёт кун, то ҷойгоҳу манзилати худро баъд аз ин ки Аллоҳи мутаол онро бартарӣ дода, паст нагардонӣ. Ба махлуқоти беҷон паноҳ мабар, онро ба баҳонаи ин ки муҳофизи бадиҳову ҷалбкунандаи хубиҳост ва аз чашми бад наҷот медиҳад, набанд, дар ҳоле, ки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَإِن يَمْسَسْكَ ٱللَّهُ بِضُرٍّ فَلَا كَاشِفَ لَهُۥٓ إِلَّا هُوَ ۖ وَإِن يُرِدْكَ بِخَيْرٍ فَلَا رَآدَّ لِفَضْلِهِۦ﴾

«Ва агар Аллоҳ зиёне ба ту бирасонад пас ҷуз Ӯ ҳеҷ кас наметавонад онро бартараф кунад, ва агар иродаи хайре барои ту кунад пас ҳеҷ кас фазли ӯро наметавонад боз дорад». [Юнус-107]

Ва Паёмбар (с) мефармояд:

«مَنْ عَلَّقَ تَمِيمَةً؛ فَقَدْ أَشْرَكَ»

Тарҷума: «Ҳар кас тӯморе ба худ овезад; қатъан ширк варзидааст». (Ривояти Аҳмад)

**Эй мусулмонон:**

Бархе аз мардум ҳикмати офариниши худро намедонанд, аз ин сабаб ҳавову ҳаваси нафсонӣ онҳоро аз роҳи ҳақ дур андохта, фитнаҳову бемориҳо бар онҳо ғолиб омадааст. Иддае бо ҷодугарону шӯъбадабозон ва дурӯғгӯён мубтало гаштаанд, ба баҳонаи ин ки аз ғайб ва оянда иттилоъ доранд, ва дар муқобили ин корашон ба ғайр аз гумроҳию ҳадар додани амволи хеш дар роҳи ботил чизе насибашон намегардад. Дар ҳоле, ки Аллоҳи мутаол ҳақро дар ин фармудаи Хеш баён намудааст:

﴿قُل لَّا يَعْلَمُ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ٱلْغَيْبَ إِلَّا ٱللَّهُ ۚ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: Дар осмонҳову замин ба ҷуз Аллоҳ ҳеҷ кас илми

ғайбро намедонад ва намедонанд, ки чӣ замоне барангехта мешаванд». [Намл-65]

Ва Паёмбар (с) мефармояд:

«مَنْ أَتَى كَاهِناً أَوْ عَرَّافاً فَصَدَّقَهُ بِمَا يَقُولُ؛ فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِلَ عَلَى مُحَمَّدٍ»

Тарҷума: «Ҳар кас назди коҳину ғайбгӯе биравад ва ӯро тасдиқ кунад; қатъан бар ончӣ Муҳаммад (с) нозил шудааст, куфр варзидааст». (Ривояти Аҳмад)

Иддае аз мардум аз ончӣ, ки ба он бахтбиниву ситорабинӣ, фолбинӣ ва ҳозир кардани арвоҳу хондани кафи даст меноманд, фиреб хӯрданду дар натиҷа ба селе аз таваҳҳуму норозигӣ аз тақдир мубтало гаштаанд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿أَمْ عِندَهُمُ ٱلْغَيْبُ فَهُمْ يَكْتُبُونَ﴾

Тарҷума: «Оё наздашон илми ғайб аст, пас эшон менависанд». [Тур-41]

**Бандагони Аллоҳ:**

Ихлос тоҷи аъмол аст ва ҳар кас ба Аллоҳ шарике қарор диҳад, Аллоҳи мутаол аз ширк бениёз мебошад ва барои бандагонаш куфрро намепазирад, пас вой бар риёкороне, ки на дунёе ҷамъ намуданду на барои охирати худ амал намуданд! Паёмбар (с) мефармоянд:

«الْمُتَشَبِّعُ بِمَا لَمْ يُعْطَ كَلَابِسِ ثَوْبَيْ زُورٍ»

Тарҷума: «Ҳар кас ин гуна вонамуд кунад, ки ба ӯ чизе дода шудааст, дар ҳоле ки чунин набошад, монанди касест, ки пироҳану шалвори дурӯғин (либоси дигар шахсро) ба тан карда бошад». (Муттафақун алайҳ)

Қатъан орзуи риёкорон ба бод рафт, ва талошашон таҳаққуқ наёфт, дар дунё расво ва дар охират ҳеҷ подоши неке наёфтанд. Бинобар ин, аз риё ва шӯҳратхоҳӣ барҳазар бош, зеро аввалин касоне, ки оташи Ҷаҳаннам бар онҳо рӯзи Қиёмат шӯълавар мешавад, риёкорон мебошанд.

أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم

﴿فَٱسْتَمْسِكْ بِٱلَّذِىٓ أُوحِىَ إِلَيْكَ ۖ إِنَّكَ عَلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ۞

وَإِنَّهُۥ لَذِكْرٌ لَّكَ وَلِقَوْمِكَ ۖ وَسَوْفَ تُسْـَٔلُونَ﴾

Тарҷума: «Ва фармон дода нашудаанд ҷуз он ки Аллоҳи мутаолро

мухлисонаву ҳақгароёна бипарастанд, намозро барпо доранд ва закотро бипардозанд ва ин аст оини ростин». [Баййина-5]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони баландмартаба баракат иноят фармояд…

# Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки ба некияш ҳидоятёфтагонро ҳидоят дод ва бо адлаш гумроҳонро бар залолат қарор дод. Ӯро сипосе монанди сипоси бандагоне, ки Ӯро аз ончӣ, ки золимон ба Ӯ нисбат медиҳанд поку муназзаҳ медонанд, гӯем.

Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктост, шарике надорад, Аллоҳ Парвардигори Арш аз ончӣ ба Ӯ тавсиф мекунанд поку муназзаҳ аст.

Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи дусти Ӯст, ростгӯ ва амонатдораст, Бор Илоҳо! Дуруду саломи фаровон бар ӯ ва хонадонашу ёронаш - онҳое, ки бар равиши ӯ чанг задаву бар манҳаҷи ӯ рафтанд, бод.

**Аммо баъд, эй мусулмонон:**

Имон колову матоъи ночиз ё шиор додану танҳо як лақаб нест, балки имони воқеӣ - эътиқоди солиму кирдори саҳеҳ, дӯстӣ ва душманӣ намудан ба хотири Аллоҳ; ва ислоҳи зоҳиру ботин, ва саховати бахшидан ва худдорӣ кардан аз осеб расонидан аст.

Ва дастёбӣ ба тавҳид, ба огоҳии дарунӣ ва ҷиддиву ҳамешагӣ ниёз дорад, ки аз нафсу ҳавои нафсонӣ ҳар фикру ангезае, ки дар убудияти Аллоҳи мутаол халал ворид мекунадро инкор мекунад.

Ва ҳар кас дар гирдоби ширк қарор гирифт; дар натиҷа, аз мурдаҳо тақозои бартараф намудани факр ё беморӣ намуд, ё аз онҳо тақозои манофеъе монанди: касби мол ё фарзанд намуд, ё аз боргоҳҳову мурдаҳо кӯмак хост, ё онҳоро тавоф намуд, ё барои онҳо назр кард; чунин шахс аз мақоми тавҳиди рубубият костааст, ва тавҳиди улуҳиятро камранг сохта ва ба Парвардигори ҷаҳониён бадгумон шудааст; бешак муртакиби бузургтарини гуноҳон дар назди Аллоҳи мутаол гаштаву биҳишт бар ӯ ҳаром шудааст, инчунин дар оташи ҷаҳаннам барои ҳамеша мондагор мегардад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ﴾

Тарҷума: «Ҳар кас ба Аллоҳ ширк варзад, Аллоҳ биҳиштро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳи ӯ дӯзах аст, ва ситамкорон ҳеҷ ёваре надоранд». [Моида-72]

Пас роҳу равиши ҳақро пеш бигир ва роҳи растагориро интихоб намо, дар ҳифзи ақидаи хеш кӯшиш кун, зеро аз азоби Аллоҳ ҷуз Худаш наҷотдиҳандае нест ва онҷӣ назди Аллоҳ аст фақат бо холисона будани онҷӣ барои бандагонаш машрӯъ намуда, то бо он ба Ӯ тақаррубу наздикӣ биҷӯянд, ҳосил мешавад.

Ва тавҳид ягона дарвозаи умедворӣ дар торикиҳои зиндагӣ мебошад, ва ҳаргиз ба хостаи хеш намерасед, то ин ки Аллоҳи мутаолро дар тамоми гуфтору кирдори хеш ягона надонед, Ӯст ки туро дубора зинда мекунад; ва аз аъмолат туро муҳосиба мекунад:

﴿أَلَآ إِلَى ٱللَّهِ تَصِيرُ ٱلۡأُمُورُ﴾

Тарҷума: «Огоҳ бошед, ки ҳамаи корҳо ба сӯи Аллоҳ боз мегарданд». [Шӯро-53]

Пас бидонед, ки Аллоҳ шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намудааст…

# Самараҳои тавҳид[1]

Ҳамоно тамоми ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд, ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему аз Ӯ талаби омӯрзиш мекунем ва аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем, ҳар касеро Аллоҳи мутаол ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро гумроҳ созад ҳидоятгаре нахоҳад ёфт; ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктост, ва ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру пойдори Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Ӯро ҳамон тавре ки шоистаи Ӯст пос доред, зеро тақво роҳи комёбист ва мухолифат бо он роҳи гумроҳиву бадбахтист.

**Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол аз назари ягонагӣ беназир аст, ва Зоти хешро аз шарик ва мислу шабеҳ поку муназзаҳ гардонидааст, ва бандагонашро амр кардааст, ки танҳо Ӯро парастиш кунанд, ва ибодотро мутанаввеъу гуногун қарор додааст, ва яктопарастиро аслу асос ва аввалин рукни дин қарор додааст. Яктопарастӣ асоси ҳамаи некиҳо мебошад, ҳеҷ некӣ бидуни он пазируфта намешавад, амали неки кам бо тавҳид чандин баробар аст ва бидуни он ҳамаи аъмоли нек беарзишу нобудшавандаанд, агарчи ба андозаи кӯҳҳо бошанд.

Ва тавҳид аввалин даъвати паёмбарон ва хулосаи он мебошад, ба хотири тавҳид паёмбарон фиристода шудаанд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِيٓ إِلَيۡهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدُونِ﴾

Тарҷума: «Ҳеҷ паёмбареро пеш аз ту нафиристодем, магар ин ки ба ӯ ваҳй кардем, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ман нест; пас Маро бипарастед». [Анбиё-25]

---

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 9-уми ҷимодулохири соли 1434-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

Ва ҳар ояте, ки дар Қуръон вуҷуд дорад дар ин бора сареҳ мебошад, ё ба он (тавҳид) ва ё ба воҷибот, ё ба подоши он, ё ба парҳез аз зиддият бо тавҳид роҳнамоӣ мекунад ва нахустин фармони Аллоҳ дар Қуръон, дастур ба тавҳид аст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعۡبُدُواْ رَبَّكُمُ﴾

Тарҷума: «Эй мардум, Парвардигори худро парастиш намоед»- яъне Ӯро ягона бидонед. [Бақара-21]

Дар ҳар намозе мусулмонон бо Парвардигорашон бар анҷом додани он аҳд мебанданд:

﴿إِيَّاكَ نَعۡبُدُ﴾

Тарҷума: «Ғайр аз ту касеро намепарастем».

﴿وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ﴾

Тарҷума: «Фақат Туро мепарастем ва фақат аз Ту кӯмак меҷӯем».

Ва тавҳид ҳаққи Аллоҳ бар бандагонаш мебошад ва нахустин дастурест, ки бар онҳо фарз гардидааст. Паёмбар (с) ба Муоз (р) фармуданд:

«فَلْيَكُنْ أَوَّلَ مَا تَدْعُوهُمْ إِلَيْهِ: عِبَادَةُ اللَّهِ»

Тарҷума: «Нахустин чизе, ки шумо мардумро ба он даъват медиҳед, гувоҳӣ додан бар ин бошад, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ нест». (Муттафақун алайҳ)

Ва нахустин чизе, ки банда дар қабр аз он савол карда мешавад:

«مَنْ رَبُّكَ؟»

Парвардигори ту кист? Яъне: Маъбуди ту кист!?

Ва ба далели аҳамияти он ва ба далели ин ки ҳеҷ роҳе барои ҷалби ризояти Аллоҳи мутаол ҷуз он вуҷуд надорад, имоми яктопарастон Иброҳим (а) барои худ ва фарзандонаш бар пойбандӣ ба тавҳид дуо карда, фармуданд:

﴿رَبَّنَا وَٱجۡعَلۡنَا مُسۡلِمَيۡنِ لَكَ وَمِن ذُرِّيَّتِنَآ أُمَّةٗ مُّسۡلِمَةٗ لَّكَ﴾

Тарҷума: Парвардигоро! Моро фармонбардори Худат қарор деҳ ва аз фарзандонам уммате фармонбардор падид овар». [Бақара-128]

Ва Юсуф (а) аз Парвардигораш талаб карду фармуд:

﴿تَوَفَّنِي مُسۡلِمٗا وَأَلۡحِقۡنِي بِٱلصَّٰلِحِينَ﴾

Тарҷума: «Маро мусулмон бимирон ва ба накӯкорон мулҳақ соз».

[Юсуф-101]

Ва аз ҷумлаи дуоҳои Паёмбар (с) ин буд:

«يَا مُقَلِّبَ الْقُلُوبِ! ثَبِّتْ قَلْبِي عَلَى دِينِكَ»

Тарҷума: "Эй гардонандаву тағйирдиҳандаи дилҳо, дили маро бар дини Худ собиту побарҷо фармо". (Ривояти Аҳмад)

Балки васияти ҳамаи паёмбарон ҳамин мебошад:

﴿وَوَصَّىٰ بِهَآ إِبۡرَٰهِـۧمُ بَنِيهِ وَيَعۡقُوبُ يَٰبَنِيَّ إِنَّ ٱللَّهَ ٱصۡطَفَىٰ لَكُمُ ٱلدِّينَ فَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ﴾

Тарҷума: Иброҳиму Яъқуб фарзандони хешро ба ин оин амр карданд: «Эй фарзандони ман! Аллоҳ ин динро барои шумо баргузидааст, пас намиред ҷуз ин ки мусулмон бошед». [Бақара-132]

Таълими тавҳид ба фарзандони хеш манҳаҷу равиши паёмбарон буда, балки ҳангоми сакароти марг низ онро аз онҳо дубора мепурсиданд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿أَمۡ كُنتُمۡ شُهَدَآءَ إِذۡ حَضَرَ يَعۡقُوبَ ٱلۡمَوۡتُ إِذۡ قَالَ لِبَنِيهِ مَا تَعۡبُدُونَ مِنۢ بَعۡدِيۖ قَالُواْ نَعۡبُدُ إِلَٰهَكَ وَإِلَٰهَ ءَابَآئِكَ إِبۡرَٰهِـۧمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَ إِلَٰهٗا وَٰحِدٗا وَنَحۡنُ لَهُۥ مُسۡلِمُونَ﴾

Тарҷума: «Оё ҳангоме, ки марги Яъқуб фаро расид, шумо ҳозир набудед? Онгоҳ, ки ба фарзандони худ гуфт: Пас аз ман чӣ чизеро мепарастед? Гуфтанд: Маъбуди ту, ва маъбуди падаронат: Иброҳим ва Исмоилу Исҳоқ, Аллоҳи якторо мепарастем ва мо таслими Ӯ ҳастем». [Бақара-133]

Ва Паёмбар (с) фарзандони хурдсоли саҳобаро фақат вобастагӣ ба Аллоҳро меомӯхт, ба Абдуллоҳ ибни Аббос (р.ҳ) фармуданд:

«يَا غُلَامُ! إِنِّي أُعَلِّمُكَ كَلِمَاتٍ؛ احْفَظِ اللَّهَ يَحْفَظْكَ، احْفَظِ اللَّهَ تَجِدْهُ تُجَاهَكَ، إِذَا سَأَلْتَ فَاسْأَلِ اللَّهَ، وَإِذَا اسْتَعَنْتَ فَاسْتَعِنْ بِاللَّهِ»

Тарҷума: «Эй писар! Ба ту чанд калимае меомӯзам; (аҳкоми) Аллоҳро ҳифзу риоя намо, Аллоҳ туро ҳифз мекунад. Аллоҳро ёд кун, Ӯро дар баробари худ меёбӣ ва ҳаргоҳ чизе хостӣ фақат аз Аллоҳ бихоҳ ва ҳаргоҳ талаби ёрӣ ва кӯмак намудӣ; фақат аз Аллоҳ талаби ёрӣ намо». (Ривояти Тирмизӣ)

Аллоҳи мутаол ба мо дастур додааст, ки бидуни тавҳид ин дунёи фониро тарк накунем:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ حَقَّ تُقَاتِهِۦ وَلَا تَمُوتُنَّ إِلَّا وَأَنتُم مُّسۡلِمُونَ﴾

Тарҷума: «Эй касоне, ки имон овардаед! Аз Аллоҳ; он гунае, ки шоистаи тарсидан аз Ӯст битарсед ва намиред магар ин ки мусулмон бошед». [Оли Имрон-102]

Бо холис намудани ибодот барои Аллоҳи мутаол кушоиши дил ва оромиши қалб ҳосил мегардад, инчунин аз шахсиятпарастӣ раҳоӣ меёбад.

﴿فَمَن يُرِدِ ٱللَّهُ أَن يَهۡدِيَهُۥ يَشۡرَحۡ صَدۡرَهُۥ لِلۡإِسۡلَٰمِ﴾

Тарҷума: «Ҳар касеро, ки Аллоҳ бихоҳад ҳидоят кунад, дилашро барои пазируфтани Ислом кушоиш медиҳад». [Анъом-125]

Ва бо он андӯҳҳо бартараф мешаванд ва сахтиҳо аз байн меравcovered.

﴿فَنَادَىٰ فِي ٱلظُّلُمَٰتِ أَن لَّآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنتَ سُبۡحَٰنَكَ إِنِّي كُنتُ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ﴾

Тарҷума: «Дар торикиҳо нидо дод, ки: (Парвардигоро!) Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ту нест, Ту поку муназзаҳӣ! Бегумон ман аз ситамкорон будам». [Анбиё-87]

Имом Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: «Ҳеҷ чизе ба монанди тавҳид сахтиҳоро дафъ накардааст».

Кинаву адоватҳоро аз байн мебарад ва қалбҳоро ислоҳ мекунад. Паёмбар (с) фармуданд:

**«ثَلَاثُ خِصَالٍ لَا يُغِلُّ عَلَيْهِنَّ قَلْبُ مُسْلِمٍ أَبَداً: إِخْلَاصُ العَمَلِ لِلَّهِ، وَمُنَاصَحَةُ وُلَاةِ الأَمْرِ، وَلُزُومُ الجَمَاعَةِ، فَإِنَّ دَعْوَتَهُمْ تُحِيطُ مِنْ وَرَائِهِمْ»**

Тарҷума: «Се хислатанд агар дар қалби мӯъмине бошанд адовату интиқомҷӯӣ вориди қалбаш нахоҳад гардид: Ихлоси амал барои Аллоҳ, насиҳати имомону фармонравоёни мусулмонон ва лозим донистани пойбандӣ ба ҷамоати мусулмонон, зеро дуояшон ҳамаро дар бар мегирад». (Ривояти Аҳмад)

Тавҳид сабаби зиндагонии хуб мегардад, балки ҳеҷ саодате дар дунё бе тавҳид вуҷуд надорад, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿مَنۡ عَمِلَ صَٰلِحٗا مِّن ذَكَرٍ أَوۡ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَلَنُحۡيِيَنَّهُۥ حَيَوٰةٗ طَيِّبَةٗ﴾

Тарҷума: «Ҳар шахсе, ки кори шоистае анҷом диҳад, хоҳ мард бошад ё зан, дар ҳоле мӯъмин бошад, ӯро ҳаёте пок мебахшем». [Наҳл-97]

Тавҳид аслу асоси зиндагоние аст, ки орзуи ҳамаи инсонҳост.

﴿فَمَنِ ٱتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشْقَىٰ﴾

Тарҷума: «Пас ҳар кас аз роҳи ҳидояти Ман пайравӣ кунад, на гумроҳ мешавад ва на бадбахт мегардад». [Тоҳо-123]

Тавҳид аст, ки сабаби ваҳдати сафи ҳамаи мусулмонони Шарқу Ғарб, арабу ғайриараб гаштааст:

﴿إِنَّ هَٰذِهِۦٓ أُمَّتُكُمۡ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗ وَأَنَا۠ رَبُّكُمۡ فَٱعۡبُدُونِ﴾

Тарҷума: «Бешак ин аст, ки оини шумо оине ягона аст, ва ман Парвардигори шумо ҳастам, пас Маро парастиш намоед». [Анбиё-92]

Калимаи тавҳид, поку баландпоя аст, ки асосу решаҳояш устувор ва шохаҳояш дар фарози осмон мебошанд ва калимаи баландмартабаи Аллоҳи мутаол мебошад ва бо ҳамин калима Аллоҳи мутаол бо Мӯсо (а) бидуни восита сӯҳбат кард.

﴿إِنَّنِيٓ أَنَا ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدۡنِي﴾

Тарҷума: «Бегумон, Ман Аллоҳ ҳастам, ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ман нест, пас Маро парастиш намоед». [То-ҳо-14]

Ва ҳеҷ шӯъбае аз шӯъбаҳои имон болотар аз он намебошад. Паёмбар (с) фармуданд:

«الإِيمَانُ بِضْعٌ وَسَبْعُونَ - أَوْ: بِضْعٌ وَسِتُّونَ - شُعْبَةً؛ فَأَفْضَلُهَا: قَوْلُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ»

Тарҷума: «Имон ҳафтоду чанд шӯъба - ё шасту чанд - шӯъба дорад, [ва] афзалтарини онҳо калимаи «Ло илоҳа илалаллоҳ» мебошад».(Ривояти Муслим)

Тавҳид беҳтарини гуфторҳо ва сангинтарини чизҳо дар тарозуи аъмол аст, мусовию баробар бо озод намудани даҳ ғулом ва паноҳгоҳи рӯзона аз шарри Шайтон мебошад. Паёмбар (с) фармуданд:

«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، فِي يَوْمٍ مِئَةَ مَرَّةٍ؛ كَانَتْ لَهُ عَدْلَ عَشْرِ رِقَابٍ، وَكُتِبَتْ لَهُ مِئَةُ حَسَنَةٍ، وَمُحِيَتْ عَنْهُ مِئَةُ سَيِّئَةٍ، وَكَانَتْ لَهُ حِرْزاً مِنَ الشَّيْطَانِ يَوْمَهُ ذَلِكَ حَتَّى يُمْسِيَ، وَلَمْ يَأْتِ أَحَدٌ بِأَفْضَلَ مِمَّا جَاءَ بِهِ إِلَّا أَحَدٌ عَمِلَ أَكْثَرَ مِنْ ذَلِكَ»

Тарҷума: «Ҳар кас рӯзе сад бор «***Ло илоҳа илалаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд, ва ҳува ало кулли шайъин қадир***» бигӯяд, мусовӣ бо озод намудани даҳ ғулом асту барояш сад некӣ навишта мешавад ва сад гуноҳаш маҳв мегардад, инчунин он рӯз барояш паноҳгоҳе аз шарри шайтон фароҳам мегардад ва ҳеҷ кас амале

беҳтар аз амали ин фард анҷом надодааст, магар касе, ки ин зикрро бештар аз ӯ гуфта бошад». (Муттафақун алайҳ)

Ҳеҷ забоне атрогинтару хушбӯйтар аз забони гӯяндаи «Ло илоҳа илалаллоҳ» намебошад, ва ҳаракати ҳеҷ лабе беҳтар аз ҳаракат додани он барои ин калима вуҷуд надорад. Паёмбар (с) мефармоянд:

**«خَيْرُ مَا قُلْتُ أَنَا وَالنَّبِيُّونَ مِنْ قَبْلِي: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ»**

Тарҷума:«Беҳтарин зикр ва гуфторе, ки ману паёмбарони пешин гуфтаанд - ин аст, ки: Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, яктосту шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст, тамоми ситоишҳо махсуси Ӯ мебошанд, ва Ӯ бар ҳама қодиру тавоност». (Ривояти Тирмизӣ)

Калимаи тавҳид; калимаи мондагоре буда, Аллоҳи мутаол ваъда додааст, ки байни мардум боқӣ бимонад, ки иддае онро бигӯянд, ва мардумро ба он даъват намоянд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَجَعَلَهَا كَلِمَةَۢ بَاقِيَةٗ فِي عَقِبِهِۦ﴾

Тарҷума: «Тавҳидро калимае пояндаву устуворе дар наслҳои баъд аз худ қарор дод». [Зухруф-28]

Гуфтори собиту пойдорест, ки ҳар кас ба он чанг зад, Аллоҳи мутаол ӯро дар дунёву охират собитқадам мекунад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يُثَبِّتُ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱلۡقَوۡلِ ٱلثَّابِتِ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِ﴾

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол касонеро, ки имон оварданд бо гуфтори собит (калимаи тавҳид) дар зиндагии дунёву охират пойдор медорад». [Иброҳим-27]

Комилтарини махлуқот касест, ки бандагияш нисбат ба Аллоҳи мутаол комилтар бошад, ва ба андозаи таҳаққуқи тавҳид дар шахс камолаш собиту манзилаташ боло бардошта мешавад, инчунин танҳо шахсе, ки умед аст Аллоҳи мутаол ӯро мавриди мағфирати Хеш қарор диҳад, фарди яктопараст мебошад. Аллоҳи мутаол дар ҳадиси қудсӣ мефармояд:

**«لَوْ أَتَيْتَنِي بِقُرَابِ الأَرْضِ خَطَايَا ثُمَّ لَقِيتَنِي لَا تُشْرِكُ بِي شَيْئاً لَأَتَيْتُكَ بِقُرَابِهَا مَغْفِرَةً»**

Тарҷума: «Агар ба андозаи ғунҷоиши замин, аз гуноҳ ба сӯи Ман биёӣ, сипас дар ҳоле, ки бо Ман рӯ ба рӯ шавӣ, ки чизеро ба Ман шарик қарор надодаӣ, бо ғунҷоиши замин [бо] мағрифату омӯрзиш ба

истиқбол ту меоям».

Ибни Раҷаб (раҳ) мегӯяд: «Тавҳид бузургтарин сабаби мағфират аст, ҳар кас тавҳид надошта бошад, мағфират намешавад ва ҳар кас тавҳидро биёварад бузургтарин сабаби мағфиратро овардааст». (Ривояти Тирмизӣ)

Шайтон ҳеҷ роҳи нуфузе ба фарди яктопараст надорад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ لَيۡسَ لَهُۥ سُلۡطَٰنٌ عَلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَلَىٰ رَبِّهِمۡ يَتَوَكَّلُونَ﴾

Тарҷума: «Бегумон, ӯ (шайтон) бар касоне, ки имон овардаанд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд, ҳеҷ тасаллуте надорад». [Наҳл-99]

Ва ба андозаи тавҳид худи Аллоҳи мутаол аз ӯ дифоъ мекунад:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ يُدَٰفِعُ عَنِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ﴾

Тарҷума: «Яқинан Аллоҳ аз касоне, ки имон овардаанд; дифоъ мекунад». [Ҳаҷ-38]

Ҳар кас тавҳидро дар вуҷудаш муҳаққақ намуд, Аллоҳи мутаол ӯро аз хатарҳову бадиҳо ва фаҳшо маҳфуз мегардонад. Аллоҳи мутаол дар мавриди Юсуф (а) мефармояд:

﴿كَذَٰلِكَ لِنَصۡرِفَ عَنۡهُ ٱلسُّوٓءَ وَٱلۡفَحۡشَآءَۚ إِنَّهُۥ مِنۡ عِبَادِنَا ٱلۡمُخۡلَصِينَ﴾

Тарҷума: «Ин тавр кардем, то бадиҳову фаҳшоро аз ӯ дур созем, бегумон ӯ аз бандагони мухлиси мост». [Юсуф-24] Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: «Ҳар қадаре, ки тавҳид дар қалб заифу нотавон бошад ва ба ҷояш ширк бузург бошад, банда бештар мубтало ба фаҳшо мешавад».

Инсони яктопараст дар зиндагӣ суботу оромиш дорад; ва ба андозаи имонаш амният дорад.

﴿ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَمۡ يَلۡبِسُوٓاْ إِيمَٰنَهُم بِظُلۡمٍ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلۡأَمۡنُ وَهُم مُّهۡتَدُونَ﴾

Тарҷума: «Онҳое, ки имон овардаанд, ва имони хешро ба ширк олуда накарданд, амният аз онҳост; ва онҳо ҳидоятёфтагонанд». [Анъом-82]

Мурдаҳо аз дуои хайри яктопарастон суд мебаранд, дар намози ҷаноза дуои ҳеҷ кас ҷуз яктопараст пазируфта намешавад. Паёмбар (с) фармуданд:

«مَا مِنْ رَجُلٍ مُسْلِمٍ يَمُوتُ، فَيَقُومُ عَلَى جِنَازَتِهِ أَرْبَعُونَ رَجُلاً لَا يُشْرِكُونَ بِاللَّهِ شَيْئاً؛ إِلَّا

**شَفَّعَهُمُ اللَّهُ فِيهِ»**

Тарҷума: «Ҳар мусулмоне, ки чил нафар яктопараст, ки ҳеҷ чизро ба Аллоҳ шарик қарор намедиҳанд, бар намози ҷаноза бихонанд; Аллоҳи мутаол шафоати онҳоро дар ҳаққи ӯ хоҳад пазируфт». (Ривояти Муслим)

Ва ҳангоме, ки марги яктопараст наздик мегардад, Аллоҳи мутаол биҳиштро ба ӯ башорату мужда медиҳад. Паёмбар (с) фармуданд:

**«مَنْ كَانَ آخِرُ كَلَامِهِ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ؛ دَخَلَ الجَنَّةَ»**

Тарҷума: «Ҳар кас охирин суханаш дар ҳангоми марг "Ло илоҳа илалаллоҳ" бошад, вориди биҳишт хоҳад шуд». (Ривояти Абудовуд)

Ҳамон тавре, ки Аллоҳи мутаол яктопарастонро дар ин дунё иззат додааст, онҳоро дар охират низ икром мекунад ва ҷойгоҳашро боло бурдаву беҳтарин подоши накӯкоронро ба ӯ медиҳад, ҳар кас бо тавҳид вафот кунад, аҳли биҳишт аст- дар ибтидо ё каме баъд вориди он мешавад, агар ба хотири гуноҳонаш вориди ҷаҳаннам шуд, ҳамеша дар он мондагор намегардад. Паёмбар (с) фармуданд:

**«مَنْ مَاتَ لَا يُشْرِكُ بِاللَّهِ شَيْئاً؛ دَخَلَ الجَنَّةَ»**

Тарҷума: «Ҳар кас, ки маргаш фаро расид ва ҳеҷ чизро ба Аллоҳ шарик қарор надодааст, вориди биҳишт мешавад». (Муттафақун алайҳ)

Фақат яктопарастон шафоати Паёмбар (с)-ро касб мекунанд, Абуҳурайра (р) хитоб ба Паёмбар (с) фармуд:

«يَا رَسُولَ اللَّهِ! مَنْ أَسْعَدُ النَّاسِ بِشَفَاعَتِكَ يَوْمَ القِيَامَةِ؟ قَالَ: **أَسْعَدُ النَّاسِ بِشَفَاعَتِي يَوْمَ القِيَامَةِ مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ؛ خَالِصاً مِنْ قِبَلِ نَفْسِهِ»**

Тарҷума: «Эй Расулуллоҳ чӣ касоне рӯзи Қиёмат барои шафоати шумо саодати бештаре доранд? Фармуданд: Касоне рӯзи Қиёмат бар шафоати ман саодати бештар доранд, ки аз самими қалбу ҷон, «Ло илоҳа илалаллоҳ» бигӯянд». (Саҳеҳи Бухорӣ)

Яктопарасти холис аз ҳар дарвозае аз дарвозаҳои ҳаштгонаи биҳишт, ки бихоҳад ворид мешавад.

Паёмбар (с) фармуданд:

**«مَا مِنْكُمْ مِنْ أَحَدٍ يَتَوَضَّأُ فَيُسْبِغُ الوُضُوءَ، ثُمَّ يَقُولُ: أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، وَأَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ؛ إِلَّا فُتِحَتْ لَهُ أَبْوَابُ الجَنَّةِ الثَّمَانِيَةُ، يَدْخُلُ مِنْ أَيِّهَا شَاءَ»** (Ривояти Муслим)

Тарҷума: «Ҳаркас аз ба таври комил вузӯ бигирад ва сипас бигӯяд: «***Ашҳаду ан ло илоҳа илалаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан Абдуллоҳи ва Расулуҳ***» - Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе

ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст - магар ин ки дарҳои ҳаштгонаи биҳишт барояш кушода мегардад, аз ҳар кадом бихоҳад ворид мегардад».

Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: Ҳар андоза тавҳиди банда бузургтар бошад, мағфирати Аллоҳ нисбат ба ӯ комилтар мешавад, ҳар касе бо Ӯ мулоқот намояд, ки ҳеҷ чизеро ба Ӯ шарик қарор надодааст, ҳамаи гуноҳонашро меомӯрзад.

Ҳафтод ҳазор нафар бидуни ҳисобу китоб вориди биҳишт мешаванд; ҳамаи онҳо аҳли тавҳид мебошанд. Паёмбар (с) фармуданд:

«هُمُ الَّذِينَ لَا يَسْتَرْقُونَ، وَلَا يَتَطَيَّرُونَ، وَلَا يَكْتَوُونَ، وَعَلَى رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ»

Тарҷума: «Онҳо касоне ҳастанд, ки тӯмору афсун ва фол намегиранд ва доғ (гармӣ) намекунанд, инчунин ба Парвардигорашон, таваккул мекунанд». (Муттафақун алайҳ)

**Сипас эй мусулмонон:**

Тавҳид боарзиштарин сармояи мусулмон аст, ҳар касе, ки Аллоҳи мутаол ӯро ҳидоят кард, тавҳидро бо дандонҳояш маҳкам бидорад ва аз ҳар чизе, ки бо он мухолифат дорад ё онро халалдору камранг месозад дурӣ кунад; онро маҳфуз нигоҳ дорад ва ҳар кас ғайр аз Аллоҳи мутаолро садо бизанад ё қаброро тавоф намояд ё барои қабр забҳ кунад - нуру фазоили тавҳидро аз даст медиҳад ва ҳеҷ ибодате аз вай пазируфта намешавад ва ӯ дар хатари абадӣ мондан дар ҷаҳаннам қарор дорад.

أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم

﴿قُلْ إِنَّمَآ أَنَا۠ بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُوحَىٰٓ إِلَىَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ۖ

فَمَن كَانَ يَرْجُوا۟ لِقَآءَ رَبِّهِۦ فَلْيَعْمَلْ عَمَلًا صَٰلِحًا وَلَا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِۦٓ أَحَدًۢا﴾

Тарҷума: «Бигӯ: Ман фақат инсоне мисли шумо ҳастам, ба ман ваҳй мешавад, ки танҳо маъбудатон Зоти ягона аст, пас ҳар кас ба мулоқоти Парвардигораш умед дорад, аъмоли нек анҷом диҳад, ва ҳеҷ касро дар ибодати Парвардигораш шарик насозад».

Аллоҳ ба ману шумо дар ин Қуръони баландмартаба баракат иноят фармояд…

## Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки некӣ намуду тавфиқ дод ва миннат гузошт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктосту шарике надорад, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Паёмбарамон Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст; дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Тавҳид миннати бисёр бузурге аз ҷониби Аллоҳи мутаол аст, ба ҳар кас аз бандагонаш бихоҳад ато мекунад ва бар шахси мусулмон лозим аст, ки барои ҷустани он дар худ ва фарзандонаш ва ҳамсояҳое, ки аз хешу табораш ҳастанд ё мусулмонони дигар талош намояд.

Ва шукри неъмати тавҳид иборат аст аз даъват кардани махлуқот ба он, барҳазар будан аз ҳар офате, ки бо асл ё камоли тавҳид мухолифат дорад.

Аз ҷумлаи васоили собитқадамӣ бар тавҳид: Аз Аллоҳи мутаол талаб намудани собитқадамӣ, дурӣ аз бидъатҳову шубҳаҳо ва шаҳавот; ва бисёр кори нек анҷом додан, мусаллаҳ намудани худ бо илми дин ва савол намудан аз олимони раббонӣ дар бораи умуру масоиле, ки бо мушкил мувоҷеҳ мешавад.

Пас бидонед Аллоҳ шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намудааст…

# Фазилати калимаи тавҳид[1]

Ҳамоно тамоми ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд, ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзиш мехоҳем ва аз бадиҳову аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касе, ки Аллоҳи мутаол ӯро ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро гумроҳ созад, ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳақке ҷуз Аллоҳ нест, яктосту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст. Даруду саломи бисёру пойдор бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ, тақвои Ӯро ҳамон тавре, ки шоистаи Ӯст, пеша созед ва ба ресмони мустаҳкаму устувори Ислом чанг занед.

**Эй мусулмонон:**

Шарафи махлуқот дар шитофтани онҳо дар тоату ибодати Аллоҳи мутаол ва лузуму пойбандӣ ба парастиши Ӯ мебошад, ва ҳикмати офаранишу ба вуҷуд оварданашон ҳамин аст, ва дар он пирӯзӣ ва растагории дунёву охират вуҷуд дорад.

﴿وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدۡ فَازَ فَوۡزًا عَظِيمًا﴾

Тарҷума: «Ва ҳар кас аз Аллоҳ ва Паёмбараш итоат кунад, қатъан ба комёбии бузурге ноил шудааст». [Аҳзоб-71]

Ва шодмонию сурур, лаззату лаҳзаи хуш ва саодати ҳақиқӣ дар шинохти Аллоҳ ва ягонагиву имон овардан ба Ӯст.

Ва беҳтарину маҳбубтарин гуфтор назди Аллоҳи мутаол гуфторест, ки дар он ситоишу мадҳи Ӯ бошад, ва беҳтарин санову таърифот барои Аллоҳи мутаол калимаи тавҳид яъне: «Ло илоҳа илалаллоҳ» мебошад, калимае ки осмонҳову замин бар он бино шудааст ва ба хотири он тамоми махлуқот офарида шудаанд ва ба хотири он Аллоҳи мутаол китобҳоро нозил кардаву паёмбаронашро фиристодааст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 6-уми ҷимодулаввали соли 1438-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِيٓ إِلَيۡهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدُونِ﴾

Тарҷума: «Ва пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар ин ки ба ӯ ваҳӣ кардем; ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ман нест, пас танҳо Маро ибодат намоед». [Анбиё-25]

Ва ба василаи он паёмбарон қавми худро тарсониданд, Аллоҳ субҳонаҳу мефармояд:

﴿أَنۡ أَنذِرُوٓاْ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱتَّقُونِ﴾

Тарҷума: «Ва бигӯед ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ман нест; пас аз Ман битарсед». [Наҳл-2]

Аллоҳи мутаол бо ин калима бар ҳаққонияти Хеш гувоҳӣ дода, беҳтарини махлуқоташро гувоҳ гирифтааст.

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿شَهِدَ ٱللَّهُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَأُوْلُواْ ٱلۡعِلۡمِ قَآئِمَۢا بِٱلۡقِسۡطِۚ

لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Аллоҳ гувоҳӣ додааст, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ӯ нест, ва фариштагону соҳибони дониш - низ гувоҳӣ медиҳанд - дар ҳоле, ки (Аллоҳ дар ҷаҳони ҳастӣ) қиём ба адолат дорад, ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ӯ нест, ва Ӯ тавонманду ҳаким аст». [Оли Имрон-18]

Имом Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: Ин гаронқадртарину бузургтарин ва одилтарину саҳеҳтарин гувоҳӣ аст, ки аз гаронқадртарин шоҳид барои гаронқадртарин машҳуд мебошад.

Асоси тамоми динҳо бар ҳамин калима буда, аз ҳуқуқи кулли дин мебошад, ҳамаи подошҳо асосашон бар он ва ҳамаи азобҳо низ ба хотири нагуфтан ё кӯтоҳӣ дар он мебошад; калимаест баландмартаба, ва дорои фазоили фаровон. Пас асоси Ислом бар ҳамин аст, ва аввалин рукну бузургтарин пояе мебошад, ки ҳамаи аркони дигар бар он истодаанд. Ва низ рукни имон ба Аллоҳ бузургтарин пояш аст, зеро имон бидуни он саҳеҳ набуда, инчунин ҷуз бо он пойдор намегардад.

Асоси ин оин бар ин калима буда, қибла бар он қарор гирифтааст ва ҳаққи хоси Аллоҳи мутаол бар бандагонаш мебошад, калимаи Ислом ва калиди биҳишт; ва бо он инсонҳо ба бадбахту хушбахт, пазируфташуда ва рондашуда тақсимбандӣ мешаванд. Ҳамин калима байни куфр ва Ислом тафовут меоварад, ҳеҷ гӯяндае беҳтар аз ин калима ҳарфе нагуфтааст ва ҳеҷ шахсе беҳтар аз [амал намудан ба]

раҳнамудаҳои ин калима, амале анҷом надодааст. Паёмбар (с) фармуданд:

«أَحَبُّ الكَلَامِ إِلَى اللهِ أَرْبَعٌ: سُبْحَانَ اللهِ، وَالحَمْدُ لِلَّهِ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَاللهُ أَكْبَرُ»

(Ривояти Муслим)

Тарҷума: «Маҳбубтарин сухан назди Аллоҳи мутаол чаҳортоянд: «***Субҳоналлоҳ, Алҳамдулиллоҳ, Ло илоҳа илалаллоҳ ва Аллоҳу акбар***» мебошанд».

Ҳамин калима, калимаи парҳезгорист, ки Аллоҳи мутаол авлиёи хешро ба он ихтисос додааст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَأَلْزَمَهُمْ كَلِمَةَ ٱلتَّقْوَىٰ﴾

Тарҷума: «Ва онҳоро ба калимаи тақво мулзаму водор сохт».

Ва ҳамин калима; дастовези маҳкамест, ки ҳар кас ба он чанг бизанад растагор мешавад. Аллоҳ мефармояд:

﴿فَمَن يَكْفُرْ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسْتَمْسَكَ بِٱلْعُرْوَةِ ٱلْوُثْقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَا﴾

Тарҷума: «Пас ҳар кас ба тоғут куфр варзад ва ба Аллоҳ имон оварад, пас бегумон ба ресмони маҳкаме чанг задааст, ки онро гусастане нест». [Бақара-256]

Бартарӣ аз хислатҳои он ва мондагорӣ мулозими он аст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَكَلِمَةُ ٱللَّهِ هِىَ ٱلْعُلْيَا﴾

Тарҷума: «Ва каломи Аллоҳ болову бартар аст». [Тавба-40]

Калимаи тайййибае аст, ки Аллоҳи мутаол ба он мисол задаву фиристодааст:

﴿أَلَمْ تَرَ كَيْفَ ضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلًا كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ أَصْلُهَا ثَابِتٌ وَفَرْعُهَا فِى ٱلسَّمَآءِ﴾

Тарҷума: «Оё надидӣ, ки Аллоҳ чӣ гуна мисол задааст? Калимаи тайййиба (тавҳид) ҳамчун дарахти тайййибаву покест, ки решаи он (дар замин) собиту шоха[ҳоя]аш дар осмон аст». [Иброҳим-24]

Калимаест, ки дилҳо ба воситаи он васеъ ва кушода мешаванд.

﴿فَمَن يُرِدِ ٱللَّهُ أَن يَهْدِيَهُۥ يَشْرَحْ صَدْرَهُۥ لِلْإِسْلَٰمِ﴾

Тарҷума: «Ҳар касро, ки Аллоҳ бихоҳад ҳидоят кунад, дилашро барои пазируфтани Ислом кушоиш медиҳад». [Анъом-125]

Ибни Ҷурайҳ (раҳ) мегӯяд: "Яъне ба Ло илоҳа илалаллоҳ".

Ва саломати қалб дар ҳамин аст,

﴿يَوْمَ لَا يَنفَعُ مَالٌ وَلَا بَنُونَ ۝ إِلَّا مَنْ أَتَى ٱللَّهَ بِقَلْبٍ سَلِيمٍ﴾

Тарҷума: «Рӯзе, ки молу фарзандон суде набахшанд, магар касе, ки бо қалби солим (холӣ аз ширку куфр ва нифоқ) ба пешгоҳи Аллоҳ биёяд». [Шуаро-88-89]

Абдуллоҳ ибни Аббос (р) мегӯяд: «Қалби солим он аст, ки ба "Ло илоҳа илалаллоҳ" гувоҳӣ бидиҳад».

Ва он даъвати ростин ва гуфтори дурусту некест, ки ҳеҷ ботилу каҷие дар он нест. Гувоҳи ростест, ки ҳеҷ дурӯғе дар он нест, ва он мисоли боло ва бартарест, ки Аллоҳи мутаол ба воситаи он худро аз боқимондаи махлуқот фарқгузорӣ кардааст, калимаи мондагор дар насли Иброҳим (а) аст, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَجَعَلَهَا كَلِمَةًۢ بَاقِيَةً فِى عَقِبِهِۦ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ﴾

Тарҷума: «Ва (Иброҳим) ин калимаи (тавҳид)-ро дар наслҳои баъд аз худ қарор дод, бошад ки (ба сӯи Аллоҳ) боз гарданд». [Зухруф-28]

Ибни Касир (раҳ) дар тафсири ин оят мегӯяд: Ин калима- «Ло илоҳа илалаллоҳ» аст, ки дар насли Иброҳим (а) қарор дод, то касе, аз фарзандони Иброҳим (а)-ро ки Аллоҳи мутаол ҳидоят насиб кунад, аз ӯ (а) пайравӣ намояд.

«Ло илоҳа илалаллоҳ» бузургтарин неъмати Аллоҳ бар махлуқот мебошад, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَأَسْبَغَ عَلَيْكُمْ نِعَمَهُۥ ظَٰهِرَةً وَبَاطِنَةً﴾

Тарҷума: «Неъматҳои худро ошкору пинҳон бар шумо арзонӣ медорад». [Луқмон-20]

Суфён ибни Уяйна (раҳ) мегӯяд: «Аллоҳи мутаол ҳеҷ неъмате бузургтар аз шинохти "Ло илоҳа илалаллоҳ" бар бандагонаш арзонӣ накардааст».

Калимаест, ки бо дунёву ҳар онҷӣ зе дар он аст, баробарӣ мекунад.

Расулуллоҳ (с) фармуданд:

**«لَأَنْ أَقُولَ: سُبْحَانَ اللَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَاللَّهُ أَكْبَرُ؛ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا طَلَعَتْ عَلَيْهِ الشَّمْسُ»**

Гуфтани: «Субҳоналлоҳ, Алҳамдулиллоҳ, Ло илоҳа илалаллоҳ, Аллоҳу акбар; назди ман аз тамоми онҷӣ, ки офтоб бар он тулӯъ кардааст, беҳтар аст». (Ривояти Муслим)

Калимаи тавҳид нахустин воҷиб бар бандагон аз лиҳози шинохту амал намудан ба он мебошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ﴾

Тарҷума: «Пас бидон, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест». [Муҳаммад-19]

Шайхулислом Ибни Таймия (раҳ) мегӯяд: «Ҳамаи гузаштагон ва имомон иттифоқи назар доранд, ки аввалин чизе ки бандагон ба он дастур дода шудаанд: Ду калимаи шаҳодат мебошад».

Ва ҳамчунин он охирон воҷиб бар бандагон мебошад, Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«مَنْ كَانَ آخِرُ كَلَامِهِ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ؛ دَخَلَ الجَنَّةَ»

Тарҷума: «Ҳар кас охирон суханаш ҳангоми марг Ло илоҳа илалаллоҳ бошад, вориди биҳишт ворид хоҳад шуд». (Ривояти Абудовуд)

Бешак, олими амалкунанда ба он, бар истиқомату пойдорист. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسۡتَقَٰمُواْ﴾

قال ابن عبَّاسٍ رضي الله عنهما: «أيْ: عَلَى شَهَادَةِ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ»

﴿فَلَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ﴾

Тарҷума: «Бегумон касоне, ки гуфтанд: Парвардигори мо Аллоҳ аст, сипас пойдорӣ намуданд-Абдуллоҳ ибни Аббос (р) мегӯяд: Яъне, бар калимаи Шаҳодат пойдорӣ намуданд-пас бар онҳо тарсе нест ва онҳо андӯҳгин намешаванд». [Аҳқоф-13]

Агар гӯяндаи ин калима дар гуфтанаш рост бошад, қалбаш аз ғайри Аллоҳ ба таври комил поку муназзаҳ мешавад, ва ҳар кас дар талаффузаш рост бошад, ғайр аз Аллоҳро дӯст намедорад; ва аз касе ҷуз Ӯ умедвор намешавад ва наметарсад, эътимод намекунад ва ҳеҷ аломату нишонае аз нафси аммора ва хоҳишҳои нафсонӣ дар ӯ боқӣ намемонад.

Ва ӯ сабаби маҳфуз шудани молу хунаш мегардад, Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَكَفَرَ بِمَا يُعْبَدُ مَنْ دُونِ اللَّهِ؛ حَرُمَ مَالُهُ وَدَمُهُ، وَحِسَابُهُ عَلَى اللَّهِ عز وجل»

Тарҷума: «Ҳар кас «Ло илоҳа илалаллоҳ»-ро ба забон оварда, ба

ҳама чизҳое, ки ҷуз Аллоҳ парастиш мешаванд, куфр варзад; молу хунаш ҳаром гардидааст ва

ҳисобаш бо Аллоҳ аст». (Ривояти Муслим)

Калимаи тавҳид нахустин мавридест, ки даъват бо он оғоз меёбад, Паёмбар (с) даъвати хешро бо оғоз намуд ва бар он бо ёронаш байъат мегирифт. Бо амр намудан ба ҳамин даъватгаронро ба сарзаминҳо мефиристод, ва ба Муоз (р) вақте ӯро ба Яман фиристод, фармуданд: «إِنَّكَ تَأْتِي قَوْماً مِنْ أَهْلِ الكِتَابِ؛ فَادْعُهُمْ إِلَى: شَهَادَةِ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَأَنِّي رَسُولُ اللَّهِ» (Муттафақун алайҳ)

Тарҷума: «Ту назди қавме аз Аҳли Китоб меравӣ; ва аз онҳо бихоҳ то гувоҳӣ диҳанд: ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва ман фиристодаи Ӯ ҳастам».

Калимаи тавҳид калимаи баробари баробарист, иҷтимоъи ҳамаи махлуқот бо ҳамин калима ҳосил мешавад ва бидуни он дар ихтилофу даргирӣ мебошанд. Аллоҳ субҳонаҳу мефармояд:

﴿قُلْ يَـٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَـٰبِ تَعَالَوْا۟ إِلَىٰ كَلِمَةٍ سَوَآءٍۭ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا ٱللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِۦ شَيْـًٔا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ ٱللَّهِ ۚ فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَقُولُوا۟ ٱشْهَدُوا۟ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: Эй Аҳли Китоб! Биёед ба сӯи сухане, ки миёни мову шумо яксон аст, ки ҷуз Аллоҳро парастиш накунем, ва чизеро шарики Ӯ насозем». [Оли Имрон-64]

Ҳар кас онро содиқона бигӯяд, растагор шавад. Паёмбар (с) фармуданд:

«يَا أَيُّهَا النَّاسُ! قُولُوا: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ؛ تُفْلِحُوا»

Тарҷума: «Эй мардум бигӯед: Ло илоҳа илалаллоҳ, то растагору комёб шавед». (Ривояти Аҳмад)

Ҳар касе, ки ба ин калима чанг задааст, болотарин шӯъбаи имонро дар ихтиёраш дорад, Паёмбар (с) фармуданд:

«الإِيمَانُ بِضْعٌ وَسَبْعُونَ شُعْبَةً، فَأَفْضَلُهَا: قَوْلُ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ»

Тарҷума: «Имон ҳафтоду чанд -ё шасту чанд- шӯъба дорад, ки афзалтарини онҳо калимаи "Ло илоҳа илалаллоҳ" мебошад». (Ривояти Муслим)

Ояте, ки дарбаргирандаи ин калима аст, азимтарин ояти Қуръон мебошад ва саййиди истиғфор низ шомили ҳамин калима мебошад».

Калимаи тавҳид аз ҳамаи аъмол подошаш бештар афзуда мешавад: «مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ المُلْكُ وَلَهُ الحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ

قَدِيرٌ، فِي يَوْمٍ مِئَةَ مَرَّةٍ؛ كَانَتْ لَهُ عَدْلَ عَشْرِ رِقَابٍ، وَكُتِبَتْ لَهُ مِئَةُ حَسَنَةٍ وَمُحِيَتْ عَنْهُ مِئَةُ سَيِّئَةٍ، وَكَانَتْ لَهُ حِرْزاً مِنَ الشَّيْطَانِ يَوْمَهُ ذَلِكَ حَتَّى يُمْسِيَ، وَلَمْ يَأْتِ أَحَدٌ أَفْضَلَ مِمَّا جَاءَ بِهِ إِلَّا أَحَدٌ عَمِلَ أَكْثَرَ مِنْ ذَلِكَ» (Муттафақун алайҳ)

Тарҷума: «Ҳар кас, рӯзона сад бор "**Ло илоҳа илалаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд, ва ҳува ъало кулли шайъин қадир**" бигӯяд, ба ӯ ба андозаи озод кардани даҳ ғулом, савоб мерасад ва ҳамчунин сад некӣ барояш навишта ва сад гуноҳаш маҳв мегардад ва он рӯз то шаб аз шайтон ҳифозат мешавад ва ҳеҷ кас беҳтар аз амали ин фард [амале] анҷом надодааст, магар касе ки ин зикрро бештар гуфта бошад. (Муттафақун алайҳ) Ва

«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، عَشْرَ مِرَارٍ؛ كَانَ كَمَنْ أَعْتَقَ أَرْبَعَةَ أَنْفُسٍ مِنْ وَلَدِ إِسْمَاعِيلَ»

Тарҷума: «Ҳар кас даҳ маротиба бигӯяд:

***Ло илоҳа илалаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир***» монанди касест, ки чор нафар аз фарзандони Исмоилро аз банди ғуломӣ озод кардааст. (Ривояти Муслим)

Калимаи тавҳид беҳтарин садақаест, ки ниёз ба сарфи мол надорад. Паёмбар (с) фармуданд:

«وَكُلُّ تَهْلِيلَةٍ صَدَقَةٌ»

Тарҷума: «Ва ҳар "Ло илоҳа илалаллоҳ" гуфтан садақа аст». (Ривояти Муслим)

Ва калимаи тавҳид танҳо роҳи наҷоти банда дар қабр мебошад, ва ба он ҳангоми саволу ҷавоб шудан, собитқадам мешавад, Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«الْمُسْلِمُ إِذَا سُئِلَ فِي الْقَبْرِ: يَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَأَنَّ مُحَمَّداً رَسُولُ اللَّهِ؛ فَذَلِكَ قَوْلُهُ: ﴿يُثَبِّتُ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا بِالْقَوْلِ الثَّابِتِ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَفِي الآخِرَةِ﴾»

Тарҷума: «Чун мусулмон дар қабр суол шавад, гувоҳӣ медиҳад ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад (с) фиристодаи Аллоҳ аст; ва он ин фармудаи Аллоҳ аст: «**Аллоҳи мутаол мӯъминонро бо қавли собит дар зиндагии дунёву охират собитқадам мекунад**» [Иброҳим-27]. (Саҳеҳи Бухорӣ)

Ва парвандаҳои гуноҳ сабук мешаванд-ба фазли Аллоҳи мутаол- ба хотири сангинии ин калима Паёмбар (с) фармуданд:

«يُؤْتَى بِرَجُلٍ فَيُنْشَرُ عَلَيْهِ تِسْعَةٌ وَتِسْعِينَ سِجِلّاً، كُلُّ سِجِلٍّ مَدَّ الْبَصَرِ، فَتُخْرَجُ لَهُ بِطَاقَةٌ

**فِيهَا: أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَأَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ، فَتُوضَعُ السِّجِلَّاتُ فِي كِفَّةٍ، فَطَاشَتِ السِّجِلَّاتُ، وَثَقُلَتِ البِطَاقَةُ»**

Тарҷума: «Дар рӯзи Қиёмат марде оварда мешавад ва наваду нӯҳ парвандаи бузург барои ӯ боз ва кушода мегардад, ҳар парванда то ҷое, ки чашм онро мебинад, дарозӣ дорад, сипас баргае (ҳуҷҷате) баровварда мешавад, ки дар он навишта шудааст: «Ашҳаду ан Ло илоҳа илалаллоҳу ва анна Муҳаммадан Расулуллоҳ», пас парвандаҳои бузург дар як паллаи тарозу ва барга (ҳуҷҷат) дар паллаи дигар гузошта мешаванд, парвандаҳо сабук мешаванд ва барга вазнин мешавад». (Ривояти Аҳмад)

Ва

**«لَوْ أَنَّ السَّمَوَاتِ السَّبْعَ وَالأَرَضِينَ السَّبْعَ وُضِعَتْ فِي كِفَّةٍ، وَوُضِعَتْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ فِي كِفَّةٍ؛ رَجَحَتْ بِهِنَّ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَلَوْ أَنَّ السَّمَوَاتِ السَّبْعَ وَالأَرَضِينَ السَّبْعَ، كُنَّ حَلْقَةً مُبْهَمَةً؛ قَصَمَتْهُنَّ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ»**

Тарҷума: «Агар осмонҳову заминҳои ҳафтгона дар як паллаи тарозу қарор дода шаванд, ва калимаи «Ло илоҳа илалаллоҳ» дар паллаи дигар гузошта шавад, «Ло илоҳа илалаллоҳ» сангинӣ мекунад, ва агар осмону заминҳои ҳафтгона ба як ҳалқа баста шуда бошанд, онҳоро «Ло илоҳа илалаллоҳ» мешиканад». (Ривояти Аҳмад)

Аҳли ин калима шафоаткунандагон мебошанд, ва назди Аллоҳ аҳду паймоне доранд, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿لَّا يَمۡلِكُونَ ٱلشَّفَٰعَةَ إِلَّا مَنِ ٱتَّخَذَ عِندَ ٱلرَّحۡمَٰنِ عَهۡدٗا﴾

Тарҷума: «Онҳо молики шафоат нестанд; магар касе, ки назди (Аллоҳи) Раҳмон ӯҳда гирифта бошад». [Марям-87]

Саодатмандтарини мардум ба шафоати Паёмбар (с) касоне ҳастанд, ки дар гуфтани ин калима ростгӯ ва мухлис будаанд, Паёмбар (с) фармуданд:

**«أَسْعَدُ النَّاسِ بِشَفَاعَتِي يَوْمَ القِيَامَةِ: مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ؛ خَالِصاً مِنْ قِبَلِ نَفْسِهِ»**

Тарҷума: «Саодатмандтарин шахс ба шафоати ман дар рӯзи Қиёмат шахсест, ки бо ихлос ва аз самими қалб, Ло илоҳа илалаллоҳ бигӯяд». (Ривояти Бухорӣ)

Ва касе, ки онро содиқона, аз таҳи қалб, холисона, бо яқини комилу бидуни тардид, бо амал ба он ва дурӣ аз ҳар чизе, ки бо мухолифат дорад, бигӯяд - подошаш биҳишт аст. Паёмбар (с) фармуданд:

**«مَا مِنْ عَبْدٍ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، ثُمَّ مَاتَ عَلَى ذَلِكَ؛ إِلَّا دَخَلَ الجَنَّةَ»**

Тарҷума: «Ҳар бандае, ки «Ло илоҳа илалаллоҳ» бигӯяд ва [бо имон]

бар он бимирад вориди биҳишт мешавад». (Муттафақун алайҳ)

Ва дарвозаҳои ҳаштгонаи биҳишт барои гӯяндаи ин калима кушода мешаванд, ки аз ҳар кадом бихоҳад ворид мешавад; балки ҳар кас дар он содиқ ва амалкунанда ба талаботи он бошад, оташи ҷаҳаннам ба ӯ намерасад, Паёмбар (с) фармуданд:

«مَا مِنْ أَحَدٍ يَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَأَنَّ مُحَمَّداً رَسُولُ اللَّهِ، صِدْقاً مِنْ قَلْبِهِ، إِلَّا حَرَّمَهُ اللَّهُ عَلَى النَّارِ»

Тарҷума: «Ҳар кас аз самими қалб; **"Ашҳаду ан ло илоҳа илалаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ"** бигӯяд, Аллоҳи мутаол оташи ҷаҳаннамро бар ӯ ҳаром мегардонад». (Муттафақун алайҳ)

Балки Аллоҳи мутаол ҳар касе, ки онро гуфтааст ва дар қалбаш заррае имон бошад; аз ҷаҳаннам берун меоварад, Аллоҳи мутаол дар ҳадиси қудсӣ мефармояд:

«وَعِزَّتِي وَجَلَالِي، وَكِبْرِيَائِي وَعَظَمَتِي! لَأُخْرِجَنَّ مِنْهَا مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ»

Тарҷума: «Ба иззату ҷалол ва бузургию азаматам савганд; ҳар кас, «Ло илоҳа илалаллоҳ» гуфтааст, ӯро аз оташ берун меоварам». (Ривояти Бухорӣ)

Ба хотири аҳамияти калимаи тавҳид дар ҳар лаҳза аз зиндагонии банда, шариати исломӣ ба илтизому пойбандӣ ба он дар тамоми аҳволи зиндагияш ташвиқ намуда, фармудааст:

«مَنْ قَالَ إِذَا أَصْبَحَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ، وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ؛ كَانَ لَهُ عَدْلُ رَقَبَةٍ مِنْ وَلَدِ إِسْمَاعِيلَ، وَكُتِبَ لَهُ عَشْرُ حَسَنَاتٍ، وَحُطَّ عَنْهُ عَشْرُ سَيِّئَاتٍ، وَرُفِعَ لَهُ عَشْرُ دَرَجَاتٍ، وَكَانَ فِي حِرْزٍ مِنَ الشَّيْطَانِ حَتَّى يُمْسِيَ، وَإِنْ قَالَهَا إِذَا أَمْسَى كَانَ لَهُ مِثْلُ ذَلِكَ حَتَّى يُصْبِحَ»

Тарҷума: «Ҳар кас ҳангоми субҳ бигӯяд: «***Ло илоҳа илалаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир***»; барои ӯ баробар бо озод кардани ғуломе аз фарзандони Исмоил аст ва барои ӯ даҳ некӣ навиштаву даҳ гуноҳ кам мешавад, даҳ дараҷа боло бурда мешавад, ва он рӯз то шаб аз шайтон, дар амон мемонад ва агар онро шаб бигӯяд, ҳамон имтиёзҳо то субҳ ба ӯ дода мешаванд». (Ривояти Абудовуд)

Ва ҳангоме, ки аз таҳораташ фориғ шуду он [калима]-ро гуфт; дарвозаҳои ҳаштгонаи биҳишт бар рӯяш кушода мешаванд, Паёмбар (с) фармуданд:

«مَا مِنْكُمْ مِنْ أَحَدٍ يَتَوَضَّأُ، فَيُسْبِغُ الْوُضُوءَ، ثُمَّ يَقُولُ: أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَأَنَّ

مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ؛ إِلَّا فُتِحَتْ لَهُ أَبْوَابُ الْجَنَّةِالثَّمَانِيَةُ»

Тарҷума: «Ҳар кас аз шумо, ки ба таври комил вузӯ бигирад ва сипас бигӯяд: «***Ашҳаду ан ло илоҳа илалаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ***» - Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст- магар ин ки дарҳои ҳаштгонаи биҳишт барояш кушода мешаванд». (Ривояти Муслим)

Ва калимаи тавҳид ибтидову интиҳои азон мебошад, Паёмбар (с) фармуданд:

«إِذَا قَالَ الْمُؤَذِّنُ: اللَّهُ أَكْبَرُ اللَّهُ أَكْبَرُ، فَقَالَ أَحَدُكُمْ: اللَّهُ أَكْبَرُ اللَّهُ أَكْبَر، ثُمَّ قَالَ: أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، قَالَ: أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، ثُمَّ قَالَ: أَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّداً رَسُولُ اللَّهِ، قَالَ: أَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّداً رَسُولُ اللَّهِ، ثُمَّ قَالَ: حَيَّ عَلَى الصَّلَاةِ، قَالَ: لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ، ثُمَّ قَالَ: حَيَّ عَلَى الْفَلَاحِ، قَالَ: لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ، ثُمَّ قَالَ: اللَّهُ أَكْبَرُ اللَّهُ أَكْبَرُ، قَالَ: اللَّهُ أَكْبَرُ اللَّهُ أَكْبَرُ، ثُمَّ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، مِنْ قَلْبِهِ؛ دَخَلَ الْجَنَّةَ»

Тарҷума: «Ҳар гоҳе яке аз шумо бо Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар гуфтани муаззин бигӯяд: Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, бо Ашҳаду ан ло илоҳа илалаллоҳ -и муаззин бигӯяд: Ашҳаду ан ло илоҳа илалаллоҳ, бо Ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ-и муаззин бигӯяд: Ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ ва бо Ҳайя ала-с-салот-и муаззин бигӯяд: Ло ҳавла ва ло қуввата ило биллоҳ ва бо Ҳайя ала-л-фалоҳ-муаззин бигӯяд: Ло ҳавла ва ло қуввата ило биллоҳ, бо Аллоҳу акбар-и муаззин бигӯяд: Аллоҳу акбар ва бо Ло илоҳа илалаллоҳ- и ӯ аз таҳи дил бигӯяд: Ло илоҳа илалаллоҳ, вориди биҳишт мешавад». (Ривояти Муслим) Ва

«مَنْ قَالَ حِينَ يَسْمَعُ الْمُؤَذِّنَ: أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، وَأَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ، رَضِيتُ بِاللَّهِ رَبّاً، وَبِمُحَمَّدٍ رَسُولاً، وَبِالإِسْلَامِ دِيناً؛ غُفِرَ لَهُ ذَنْبُهُ»

Тарҷума: «Ҳар кас баъд аз шунидани азон бигӯяд: ***Ашҳаду ан ло илоҳа илалаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ, разийту биллоҳи раббан, ва бимуҳаммадин расулан, ва билисломи динан***[1], гуноҳонаш бахшида мешаванд». (Ривояти Муслим)

Ва дар намоз низ ҳангоме, ки шахси мусулмон онро барпо медорад, бо калимаи тавҳид намозашро оғоз мекунад, ва намози шахс бидуни

[1] Тарҷума: "*Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ нест, шарике надорад ва Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, ба рубубияти Аллоҳ ва рисолати Муҳаммад (с) ва дини Ислом розӣ шудам*".

ташаҳҳуд саҳеҳ нест, ва қабл аз ин ки намозгузор салом бидиҳад, дуоро бо тавассулу истиъонат ба калимаи тавҳид оғоз мекунад:

**«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي مَا قَدَّمْتُ وَمَا أَخَّرْتُ وَمَا أَسْرَرْتُ وَمَا أَعْلَنْتُ وَمَا أَسْرَفْتُ وَمَا أَنْتَ أَعْلَمُ بِهِ مِنِّي أَنْتَ الْمُقَدِّمُ وَأَنْتَ الْمُؤَخِّرُ لاَ إِلَهَ إِلاَّ أَنْتَ»**

Тарҷума: «*Бор Илоҳо! Биёмӯрз бароям, онҷиро, ки дар гузаштаву оянда, пинҳону ошкор анҷом додам ва онҷиро, ки [дар он] аз ҳадд гузаштам ва онҷӣ Ту аз ман ба он донотарӣ, Ту пешбарандаву таъхирандозандаӣ, ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ту вуҷуд надорад*». (Ривояти Муслим)

Баъд аз ҳар намоз мефармуданд:

**«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ»**

Тарҷума: «Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, яктост, шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст, тамоми ситоишҳо махсуси Ӯ мебошанд, ва бар ҳар чизе тавоност». (Муттафақун алайҳ)

Ва «***Субҳоналлоҳ, Алҳамдулиллоҳ, Аллоҳу акбар***»-ро бо калимаи тавҳид хотима медод. Сипас фармуд:

**«تُغْفَرُ خَطَايَاهُ، وَإِنْ كَانَتْ مِثْلَ زَبَدِ الْبَحْرِ»**

Тарҷума: «Гуноҳонаш агарчи ба андозаи сатҳи дарё бошанд; бахшида мешаванд». (Ривояти Муслим) -

Дар маносики ҳаҷ низ тавҳид ҳамроҳӣ мекунад, Паёмбар (с) вақте болои кӯҳи Сафо ва Марва мерафт:

**«كَانَ النَّبِيُّ صلى الله عليه وسلم إِذَا صَعِدَ عَلَى الصَّفَا وَالمَرْوَةِ؛ اسْتَقْبَلَ القِبْلَةَ، فَوَحَّدَاللَّهَ، وَكَبَّرَهُ»**

Тарҷума: «Рӯ ба қибла менамуд, Аллоҳро ба ягонагӣ ва бузургӣ ёд менамуд».(Ривояти Муслим)

Ва дар Муздалифа

**«أَتَى النَّبِيُّ صلى الله عليه وسلم المَشْعَرَ، فَرَقِيَ عَلَيْهِ؛ فَحَمِدَ اللَّهَ، وَوَحَّدَهُ، وَكَبَّرَهُ، وَهَلَّلَهُ»**

Тарҷума: «Вақте, ки Паёмбар (с) ба Машъар-ул-Ҳаром расид, болои он баромад, сипас [шурӯъ кард ба гуфтани] ***Субҳоналлоҳ, Алҳамдулиллоҳ, Аллоҳу акбар, Ло илоҳа илалаллоҳ, Ло илоҳа илалаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ*** (яъне зикру дуо намуд)». (Ривояти Нисоӣ) «**Ҳангоми бозгашт аз ҷиҳод, ё ҳаҷҷу умра, вақте ки аз ягон макони баланде убур мекард, себор такбир мегуфт, сипас мефармуд: *Ло илоҳа илалаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку***

***ва лаҳул ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир***». (Муттафақун алайҳ)

Ва дар мавсиму замони ибодоту хубиҳо-монанди даҳаи аввали моҳи зилҳиҷҷа- мустаҳаб аст, ки калимаи тавҳид зиёд зикр гардад, инчунин ҳар кас дар маҷлисе нишаст, ки дар он гуфтори беҳудаву гуноҳолуд зиёд шуда буд, пеш аз ин ки аз он маҷлис бархезад, бигӯяд:

«**سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتُوبُ إِلَيْكَ؛ إِلَّا غُفِرَ لَهُ مَا كَانَ فِي مَجْلِسِهِ ذَلِكَ**»

Тарҷума: «Парвардигоро! Поку муназзаҳӣ ва ситоиш лоиқи Туст, гувоҳӣ медиҳам ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ту нест, аз Ту талаби мағфирату омӯрзиш менамоям ва ба сӯи Ту тавба мекунам. Магар ин ки Аллоҳ ҳар чизе, ки дар он маҷлис муртакибаш шуда бошадро мебахшад». (Ривояти Тирмизӣ)

«**Ҳар кас шабҳангом аз хобаш парид; калимаи тавҳидро гуфта, дуо намуд, дуояш пазируфта мешавад, агар таҳорат карду намоз хонд, намозаш пазируфта мегардад**». (Ривояти Бухорӣ)

Ва ҳангоми андӯҳу парешонӣ гуфта мешавад:

«**لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ الْعَظِيمُ الْحَلِيمُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ رَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ رَبُّ السَّمَوَاتِ وَرَبُّ الْأَرْضِ وَرَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيمِ**»

Тарҷума: «Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи бузургу бурдбор вуҷуд надорад, ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ- Парвардигори Арш вуҷуд надорад, ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ Парвардигори осмонҳову замин ва Арши карим вуҷуд надорад.» (Муттафақун алайҳ)

Таърифу тамҷиди Аллоҳ бо ин калима қабл аз талаби эҳтиёҷе намудан сабаби пазириши дуо мегардад, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَذَا ٱلنُّونِ إِذ ذَّهَبَ مُغَٰضِبًا فَظَنَّ أَن لَّن نَّقۡدِرَ عَلَيۡهِ فَنَادَىٰ فِي ٱلظُّلُمَٰتِ أَن لَّآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنتَ سُبۡحَٰنَكَ إِنِّي كُنتُ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ۞ فَٱسۡتَجَبۡنَا لَهُۥ وَنَجَّيۡنَٰهُ مِنَ ٱلۡغَمِّ﴾

Тарҷума: «Ва Зиннун (Юнус)-ро (ба ёд овар) ҳангоме, ки хашмгин (аз миёни қавмаш) рафт, пас чунин пиндошт, ки Мо ҳаргиз бар ӯ сахт намегирем, пас (вақте, ки дар шиками моҳӣ фурӯ рафт) дар торикиҳо нидо дод: Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ту нест, Ту муназзаҳӣ, бегумон ман аз ситамкорон будам, пас дуои ӯро иҷобат кардем, ва аз андӯҳ наҷоташ додем». [Анбиё-87-88]

Паёмбар (с) фармуданд:

«لَمْ يَدْعُ بِهَا رَجُلٌ مُسْلِمٌ فِي شَيْءٍ قَطُّ؛ إِلَّا اسْتَجَابَ اللَّهُ لَهُ»

Тарҷума: «[Ба дуои Юнус (а)] ҳеҷ мусулмоне ин дуоро накардааст; магар ин ки Аллоҳ таоло дуояшро иҷобат мекунад». (Ривояти Тирмизӣ)

Ва ҳамин калима кафораи савганд ба ғайри Аллоҳи мутаол мебошад, Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«مَنْ حَلَفَ فَقَالَ فِي حَلِفِهِ: وَاللَّاتِ وَالعُزَّى؛ فَلْيَقُلْ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ»

Тарҷума: «Ҳар кас, ба Лоту Уззо савганд ёд кунад, бояд «Ло илоҳа илалаллоҳ» бигӯяд». (Муттафақун алайҳ)

Ҳар кас ҳангоми вафот буд, мустаҳаб аст, ки ин калима ба ӯ талқин шавад, Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«لَقِّنُوا مَوْتَاكُمْ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ»

Тарҷума: «Ло илоҳа илалаллоҳ»-ро ба касоне, ки дар ҳоли марг ҳастанд, талқин намоед». (Ривояти Муслим)

Ҳар кас ба дине ғайр аз дини Ислом бошад, бо ҳамин калима даъват мешавад, агарчи дар охирон лаҳзаи зиндагияш бошад, ҳангоме ки вафоти Абутолиб наздик шуд, Паёмбар (с) пеши ӯ рафт ва фармуданд:

«يَا عَمِّ! قُلْ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، كَلِمَةً أَشْهَدُ لَكَ بِهَا عِنْدَ اللَّهِ»

Тарҷума: «Эй амаки ман! Бигӯ: «Ло илоҳа илалаллоҳ», то бо ин калима назди Аллоҳ бар имони ту гувоҳӣ диҳам». (Муттафақун алайҳ)

**Ва сипас, эй мусулмонон:**

Иззати воқеӣ дар тавҳид мебошад, Умар (р) фармуд:

«نَحْنُ قَوْمٌ أَعَزَّنَا اللهُ بِالإِسْلَامِ»

Тарҷума: «Мо қавме ҳастем, ки Аллоҳи мутаол моро бо Ислом иззат бахшид». Гувоҳӣ додан ба калимаи тавҳид аломату далел бар Исломи шахс аст ва иқроре, ки мухолифи кирдор бошад суде надорад, ҳар кас калимаи тавҳидро ба забон наовард аз лаззати дунёву охират маҳрум мегардад, инчунин қуввату заъфи мусулмонон бар андозаи таҳаққуқи ин калима дар гуфтору кирдораш мебошад, пас калимаи тавҳид мизони санҷиши ҳам гуфтору ҳам кирдор назди Аллоҳ ва назди мардум мебошад, агар он дар наздашон мустаҳкам шуд Аллоҳи мутаол аз онҳо розӣ мешавад ва иззат меёбанду рушд менамоянд ва агар тавҳид назди онон заиф бошад аз Аллоҳ дур мешаванд ва сусту нотавон мегарданд.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ وَٱسۡتَغۡفِرۡ لِذَنۢبِكَ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِۗ

وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مُتَقَلَّبَكُمۡ وَمَثۡوَىٰكُمۡ﴾

Тарҷума: «Пас бидон, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва барои гуноҳи худ омӯрзиш бихоҳу барои мардону занони мӯъмин талаби мағфират намо; ва Аллоҳ аст, ки ҷои рафту омади шуморо ва ҷои монданатонро медонад». [Муҳаммад-19]

Худованд ба ману шумо дар ин Қуръони баландмартаба баракат иноят фармояд…

## Хутбаи дуввум

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат гузошт, ва гувоҳӣ медиҳам ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктосту шарике надорад, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Шинохти маънои калимаи тавҳид ва амал намудан ба он ва дурӣ аз чизҳое, ки бо он мухолифат ё дар тазод мебошанд-шарти ҳосил намудан мӯҳтавои нусуси воридшуда дар ин замина мебошад; пас маънои он: Инкори маъбудияти барҳақ ғайр азАллоҳи мутаол, исботи маъбудият фақат барои Аллоҳи мутаол мебошад, ин чизе буд, ки мушрикони Қурайш мункири он буданд, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّهُمۡ كَانُوٓاْ إِذَا قِيلَ لَهُمۡ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ يَسۡتَكۡبِرُونَ﴾

Тарҷума: Онҳо буданд, ки вақте ба онҳо гуфта мешуд: Ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, саркашӣ мекарданд. [Соффот-35]

Фақат иқрор намуданашон ба тавҳиди рубубият фоидае ба онҳо нарасонд.

Ва ҳар кас ба маънои калимаи тавҳид огоҳтар бошад ва дар амал намудан ба талаботи он босуботтар, мизони аъмоли некаш вазнинтар мешавад, тафовути мардум ба андозаи таҳаққуқи калимаи тавҳид мебошад, ва рӯҳу сирри ин калима ягона донистани Аллоҳи мутаол дар тамоми ибодот мебошад, ҳар кас махлуқеро дар ҳаққи Аллоҳи мутаол ва дар ибодат барои Ӯ, шарик қарор дод, ин амалкардаш ботилкунандаву мухолифи "Ло илоҳа илалаллоҳ" мебошад.

Хушбахту саодатманд касест, ки аз тавҳидаш муҳофизат намуда, бо он бимирад, бидуни ин ки тавҳидашро бо олудагиҳои ақидавӣ мубтало созад, ё онро халалдор созад ё ин ки тавҳидашро ба чизе, ки онро ноқис месозад, олуда кунад. Тавҳид орзуи ҳамаи бандаҳои солеҳи Аллоҳ мебошад:

﴿تَوَفَّنِي مُسۡلِمٗا وَأَلۡحِقۡنِي بِٱلصَّٰلِحِينَ﴾

Тарҷума: Маро мусулмон бимирон ва ба накӯкорон мулҳақ соз. [Юсуф-101]

Сипас бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намудааст…

# Маҳбубтарин амал назди Аллоҳи мутаол[1]

Ба дурустӣ, ки тамоми ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд, Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему аз Ӯ талаби омӯрзиш мехоҳему аз бадиҳову аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем, ҳар касеро Аллоҳи мутаол ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро гумроҳ созад, ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Ва гувоҳӣ медиҳам ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру пойдор ба ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Аллоҳро он тавре, ки шоистаи Ӯст, пеша созед ва ба ресмони маҳками Ислом чанг занед.

**Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол бандагонро офарид ва онҷӣ дар осмонҳову замин ҳастандро барои онҳо ром сохт, неъматҳои ошкору пинҳони Хешро бар онҳо комил гардонд, то танҳо Ӯро ибодат кунанд. Инсонҳо баъд аз Одам (а) муддати даҳ аср, Аллоҳи мутаолро танҳо ибодат мекарданд, то замоне, ки Шайтон парастиши бутҳоро барои бархе аз бандагон зебо ҷилва дод ва онҳо ба ибодати бутҳо рӯ оварданд. Сипас Аллоҳи мутаол паёмбаронро фиристод ва ба ҳамроҳи онҳо китобҳои Хешро нозил кард, то мардум танҳо ба ибодати Аллоҳ рӯ оваранд, инчунин яке аз ҷумлаи меҳрубонии Аллоҳ бар бандагонаш ин аст, ки фитрати онҳоро низ мувофиқи тавҳид қарор дод, пас ҳар навзоде бар фитрати илоҳӣ, яъне тавҳид офарида шудааст ва ин ки танҳо Ӯ маъбуди ҳақиқист. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿فِطۡرَتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِي فَطَرَ ٱلنَّاسَ عَلَيۡهَا﴾

Тарҷума: «Фитрате, ки Аллоҳ мардумро бар [мабнои] он офарид». [Рум-30]

Шайтон саъй дар фосид сохтани фитрати мардум дорад, то онҳоро аз хушнудии Парвардигорашон ва аз неъматҳои абадие, ки дар

---

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 29-уми шавволи соли 1431-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

биҳиштҳои пурнеъмат барояшон муҳайё гардидааст, маҳрум созад. Паёмбар (с) фармуданд:

«أَلَا إِنَّ رَبِّي أَمَرَنِي أَنْ أُعَلِّمَكُمْ مَا جَهِلْتُمْ مِمَّا عَلَّمَنِي يَوْمِي هَذَا، وَإِنِّي خَلَقْتُ عِبَادِي حُنَفَاءَ كُلَّهُمْ، وَإِنَّهُمْ أَتَتْهُمُ الشَّيَاطِينُ فَاجْتَالَتْهُمْ عَنْ دِينِهِمْ، وَحَرَّمَتْ عَلَيْهِمْ مَا أَحْلَلْتُ لَهُمْ، وَأَمَرَتْهُمْ أَنْ يُشْرِكُوا بِي مَا لَمْ أُنَزِّلْ بِهِ سُلْطَاناً»

Тарҷума: «Огоҳ бошед! Аллоҳи мутаол ба ман амр кардааст, то ончиро, ки шумо намедонед, аз онҷӣ ба ман дар ин рӯзам омӯхтааст, ба шумо биёмӯзам, Аллоҳи мутаол мефармояд: Ҳар моле, ки ба бандагонам додаам, ҳалол аст, Ман ҳамаи бандагонамро яктопараст офаридам ва шайтонҳо ба назди онҳо омадаву онҳоро аз динашон дур сохтанд; ва чизҳоеро, ки бар онҳо ҳалол гардонида буда, ҳаром сохтанд ва ба онҳо дастур доданд, ки ба Ман чизеро шарик созанд, ки бар он ҳеҷ бурҳоне нозил накарда будам». (Ривояти Муслим)

Иблис мардумро ба иртикоби бузургтарин гуноҳе, ки дар ҳаққи Аллоҳ анҷом мегирад, даъват мекунад. Аз Расулуллоҳ (с) пурсиданд, кадом як аз гуноҳон бузургтар аст? Фармуданд:

«أَنْ تَجْعَلَ لِلَّهِ نِدّاً وَهُوَ خَلَقَكَ»

Тарҷума: «Ин ки барои Аллоҳ шарику ҳамтое қарор диҳӣ, дар ҳоле ки Ӯ туро офаридааст». (Муттафақун алайҳ)

Бисёре аз мардум ба ибодати ғайри Аллоҳ пардохтанд, чунон ки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يُؤْمِنُونَ﴾

Тарҷума: «Аммо бештари мардум имон намеоваранд». [Ҳуд-17]

Аз ҷумлаи осори бади беимонӣ, ки метавон ба он ишора кард, ин аст: шахси беимон ҳар амале, ки анҷом медиҳад- ҳарчанд нек бошад - ба хотири бединӣ ҳеҷ подоши неке дарёфт намекунад. Уммулмӯъминин Оиша (р.ҳ) хитоб ба Расулуллоҳ (с) гуфт: «Эй Расулуллоҳ! Ибни Ҷудъон дар ҷоҳилият силаи раҳм мекард ва ба ниёзмандон ғизо медод; Оё ин суде барои ӯ хоҳад расонд?» Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«لَا يَنْفَعُهُ؛ إِنَّهُ لَمْ يَقُلْ يَوْماً: رَبِّ اغْفِرْ لِي خَطِيئَتِي يَوْمَ الدِّينِ»

Тарҷума: «Ин кор ҳеҷ суде барои ӯ нахоҳад дошт; зеро ӯ рӯзе нагуфт: Парвардигоро гуноҳи маро дар рӯзи Қиёмат мавриди омӯрзиш қарор деҳ». (Ривояти Муслим)

Ва ин гуноҳи бузург - яъне ширк - сабаби хашм гирифтани Аллоҳ ва

гирифтор шудани соҳибаш дар зиллату бадбахтӣ мегардад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ ٱلۡعِجۡلَ سَيَنَالُهُمۡ غَضَبٞ مِّن رَّبِّهِمۡ وَذِلَّةٞ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا﴾

Тарҷума: «Оре он касоне, ки гӯсоларо (ба парастиш) гирифтанд ба зудӣ хашме аз сӯи Парвардигорашон ва зиллате дар зиндагии дунё ба эшон хоҳад расид». [Аъроф-152]

Ва соҳиби он ҳамеша дар ғаму ғусса ва ноором иҳо дасту по хоҳад зад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَمَن يُرِدۡ أَن يُضِلَّهُۥ يَجۡعَلۡ صَدۡرَهُۥ ضَيِّقًا حَرَجٗا كَأَنَّمَا يَصَّعَّدُ فِي ٱلسَّمَآءِ﴾

Тарҷума: «Ва (Аллоҳ) ҳар касеро бихоҳад, дар гумроҳӣ вогузорад, дилашро танг [ва баста] месозад [ва пазириши ҳақро чунон барояш маҳолу номумкин мегардонад, ки] гӯӣ мехоҳад аз осмон боло равад [ва наметавонад]». [Анъом-125]

Ва Аллоҳ ӯро аз вуруд ба биҳишт боз хоҳад дошт ва барои абад дар оташ боқӣ хоҳад монд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُ﴾

Тарҷума: «Ҳар кас ба Аллоҳ ширк варзад, Аллоҳи мутаол биҳиштро бар ӯ ҳаром намудааст ва ҷойгоҳи ӯ дӯзах аст».

Барои ин ки бандагон ба доми шайтон гирифтор нашаванд ва Парвардигори хешро хашмгин насозанд, инчунин то абад дар оташи ҷаҳаннам мондагор нагарданд, Аллоҳи мутаол барои ҳар уммате паёмбаре фиристод, то онҳоро аз даъвати Шайтон барҳазар дорад ва ба парастиши Парвардигор фаро хонад, ва китобҳое аз сӯи Хеш нозил намуд ва дар бисёре аз оёт ба он амр намуд ва ҳамаи оятҳо далолаткунанда бар тавҳиданд ва аввалин дастуре, ки дар Қуръон омадааст, ҳамин аст, Аллоҳ мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعۡبُدُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِي خَلَقَكُمۡ﴾

Тарҷума: «Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед».

Яъне: танҳо Ӯро мавриди ибодат қарор диҳед, ва аввалин наҳй дар Қуръон, наҳй аз ширк аст:

﴿فَلَا تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادٗا وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ﴾

Тарҷума: Пас дар ҳоле, ки медонед барои Аллоҳ шариконе қарор надиҳед.

Ва сураи Ихлос дар аҷр баробар бо сеяки Қуръон мебошад, ба хотир ин ки шомили баҳси тавҳид аст ва бузургтарин ояти Қуръон оятест, ки дарбаргирандаи ваҳдонияту ягонагии Аллоҳ мебошад ва он Оятулкурсӣ аст.

Паёмбар (с) ба муддати даҳ сол баъд аз биъсати Хеш дар Макка танҳо ба тавҳид даъват кард ва ба чизи дигаре намепардохт, сипас шароиъ (суннату равишҳо)-и дин яке пас аз дигаре бар вай нозил гардид ва пас аз он ба ҳамроҳи тавҳид ба шариат низ то вафоташ даъват мекард. Паёмбар (с) субҳгоҳону шомгоҳон мефармуданд:

«أَصْبَحْنَا عَلَى فِطْرَةِ الإِسْلَامِ، وَعَلَى كَلِمَةِ الإِخْلَاصِ، وَعَلَى دِينِ نَبِيِّنَا مُحَمَّدٍ صلى الله عليه وسلم، وَعَلَى مِلَّةِ أَبِينَا إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً مُسْلِماً، وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ»

Тарҷума: «Бар фитрати Ислом, бар калимаи ихлос, бар дини Паёмбарамон Муҳаммад (с) ва бар миллати падарамон Иброҳим, ки яктопарасту мусулмон буд ва аз мушрикон набуд, субҳ намудем». (Ривояти Аҳмад)

Ва рӯзи худро бо тавҳид оғоз менамуд, пас дар ду ракъати намози субҳ сураи «Кофирун» ва «Ихлос»-ро қироат мекард ва рӯзи худро низ бо тавҳид ба поён мерасонд; пас дар ду ракъати намози витр сураи «Кофирун» ва «Ихлос»-ро мехонд.

Ва уммати худро низ ба тавҳид суфориш кардааст, рӯзе як бодиянишине ба назди Паёмбар (с) омаду гуфт: «Маро ба коре роҳнамоӣ кун, ки агар онро анҷом диҳам, вориди биҳишт шавам». Паёмбар (с) фармуданд:

«تَعْبُدُ اللَّهَ لَا تُشْرِكُ بِهِ شَيْئاً، وَتُقِيمُ الصَّلَاةَ الْمَكْتُوبَةَ، وَتُؤَدِّي الزَّكَاةَ الْمَفْرُوضَةَ، وَتَصُومُ رَمَضَانَ»

Тарҷума: «Фақат Аллоҳи мутаолро ибодат намо ва бо Ӯ чизеро шарик насоз, намозҳои фарзро барпо дор, закоти воҷибатро адо кун ва моҳи Рамазонро рӯза бигир». (Муттафақун алайҳ)

Ва ёронашро дастур медод, ки бар бандагии Аллоҳ ба ягонагӣ бо вай байъат кунанд, Авф ибни Молик (р) мегӯяд:

«كُنَّا عِنْدَ رَسُولِ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم تِسْعَةًأَوْ ثَمَانِيَةً أَوْ سَبْعَةً، فَقَالَ: أَلَا تُبَايِعُونَ رَسُولَ اللَّهِ؟ قُلْنَا: قَدْ بَايَعْنَاكَ يَا رَسُولَ اللَّهِ! فَعَلَامَ نُبَايِعُكَ؟ قَالَ: عَلَى أَنْ تَعْبُدُوا اللَّهَ، وَلَا تُشْرِكُوا بِهِ شَيْئاً، وَالصَّلَوَاتِ الْخَمْسِ»

Тарҷума: «Мо нӯҳ ё ҳашт ё ҳафт нафар дар назди Расулуллоҳ (с) будем, пас Расули акрам фармуданд: Бо Расулуллоҳ байъат намекунед? Гуфтем: Эй Расулуллоҳ мо бо шумо байъат кардем! Бар чи чизе бо ту

байъат кунем? Фармуданд: Бар ин ки Аллоҳро ибодат кунед ва бо ӯ чизеро шарик насозед ва бар адои намозҳои панҷгона». (Ривояти Муслим)

Ҳангоме, ки даъватгаронро ба сарзаминҳои дигар мефиристод, ба онҳо дастур медод, ки даъвати хешро бо тавҳид оғоз намоянд, Муъоз (р)-ро ба Яман фиристод ва ба ӯ фармуд:

**«إِنَّكَ تَأْتِي قَوْماً مِنْ أَهْلِ الكِتَابِ؛ فَادْعُهُمْ إِلَى شَهَادَةِ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَأَنِّي رَسُولُ اللَّهِ»**

Тарҷума: «Ту назди қавме аз Аҳли Китоб меравӣ; пас нахустин чизе, ки онҳоро ба сӯи он фаро мехонӣ: Гувоҳӣ додан ба ин ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад фиристодаи Ӯст». (Муттафақун алайҳ)

Ва ҳангоме, ки фиристодаҳое аз шаҳрҳои дигар ба назди ӯ меомаданд, аввал тавҳидро ба онҳо ёд медод, боре фиристодаҳои Абдулқайс ба назди ӯ омаданд, пас ба онҳо фармуд:

**«أَتَدْرُونَ مَا الإِيمَانُ بِاللَّهِ وَحْدَهُ؟** قَالُوا: اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَعْلَمُ، قَالَ: **شَهَادَةُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَأَنَّ مُحَمَّداً رَسُولُ اللَّهِ...»**

Тарҷума: «Оё медонед имон ба Аллоҳ чист?» Гуфтанд: Аллоҳ ва Расулаш донотаранд. Фармуданд: «Гувоҳӣ додан ба ин ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад, фиристодани Аллоҳ аст...» (Ривояти Бухорӣ)

Паёмбарон аз ин ки фарзандҳояшон ба пайравӣ аз Шайтон ба ибодати бутҳо бипардозанд, метарсиданд. Иброҳими Халилуллоҳ (а) фармуданд:

﴿وَٱجۡنُبۡنِي وَبَنِيَّ أَن نَّعۡبُدَ ٱلۡأَصۡنَامَ﴾

Тарҷума: «Ман ва фарзандонамро аз парастиши бутҳо маҳфуз бигардон». [Иброҳим-35]

Ва Паёмбар (с) низ аз он бар уммати хеш бим дошт. Паёмбар (с) фармуданд

**«إِنَّ أَخْوَفَ مَا أَخَافُ عَلَيْكُمُ الشِّرْكُ الأَصْغَرُ،** فَسُئِلَ عَنْهُ، فَقَالَ: **الرِّيَاءُ»**

Тарҷума: «Бештарин чизе, ки аз он бар шумо бим дорам ширки асғар (хурд) аст, пурсида шуд: Ширки асғар чист? Фармуданд: Риёкорӣ». (Ривояти Аҳмад)

Тавҳид ҳаққи Аллоҳ таоло бар бандагонаш мебошад, Паёмбар (с) хитоб ба Муоз фармуданд:

**«يَا مُعَاذُ! أَتَدْرِي مَا حَقُّ اللَّهِ عَلَى العِبَادِ؟** قَالَ: اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَعْلَمُ، قَالَ: **فَإِنَّ حَقَّ اللَّهِ عَلَى**

**الْعِبَادِ: أَنْ يَعْبُدُوهُ وَلَا يُشْرِكُوا بِهِ شَيْئاً**» (Муттафақун алайҳ)

Тарҷума: «Эй Муъоз! Оё медонӣ ҳаққи Аллоҳ бар бандагончӣст?» Гуфт: Аллоҳ ва Расулаш донотаранд, фармуданд: «Ҳаққи Аллоҳ бар бандагон ин аст, ки: Ӯро ибодат кунанд ва ба ӯ чизеро шарик қарор надиҳанд».

Тавҳид бандаро ба биҳишт наздик ва аз оташи ҷаҳаннам дур месозад, бодиянишине ба назди Паёмбар (с) омаду гуфт:

«أَخْبِرْنِي بِمَا يُقَرِّبُنِي مِنَ الجَنَّةِ وَمَا يُبَاعِدُنِي مِنَ النَّارِ، قَالَ: فَكَفَّ النَّبِيُّ صلى الله عليه وسلم، ثُمَّ نَظَرَ فِي أَصْحَابِهِ، ثُمَّ قَالَ: **لَقَدْ وُفِّقَ - أَوْ: لَقَدْ هُدِيَ -، قَالَ: كَيْفَ قُلْتَ؟** قَالَ: فَأَعَادَ، فَقَالَ النَّبِيُّ صلى الله عليه وسلم: **تَعْبُدُ اللَّهَ لَا تُشْرِكُ بِهِ شَيْئاً، وَتُقِيمُ الصَّلَاةَ، وَتُؤْتِي الزَّكَاةَ، وَتَصِلُ الرَّحِمَ**»

«Эй Расулуллоҳ! Маро аз коре хабар деҳ, ки маро ба биҳишт наздику аз оташи ҷаҳаннам дур кунад, Расулуллоҳ (с) нигоҳе ба ёронаш андохту фармуданд: Ӯ тавфиқ дода шуд ё ин ки ҳидоят шуд, сипас ба он бодиянишин гуфт: «Чи гуфтӣ?» Ӯ низ суоли худро дубора такрор кард, Паёмбар (с) фармуданд: «Аллоҳро ибодат намо ва чизеро шарики Ӯ қарор надеҳ, намозро барпо дор ва закотро бидеҳ, ва пайванди хешовандиро ҳифз намо». (Муттафақун алайҳ)

Ва ҳеҷ саодате дар дунёву охират, бидуни тавҳид вуҷуд нахоҳад дошт. Паёмбар (с) фармуданд:

«**قُولُوا: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ؛ تُفْلِحُوا**»

Тарҷума: «Ло илоҳа илалаллоҳ» бигӯед, то растагору комёб шавед». (Ривояти Имом Аҳмад)

Ва ҳар кас хотимааш бо калимаи шаҳодат бошад, вориди биҳишт хоҳад шуд. Паёмбар (с) фармуданд:

«**مَنْ كَانَ آخِرُ كَلَامِهِ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ؛ دَخَلَ الْجَنَّةَ**» (Ривояти Абӯдовуд)

Тарҷума: «Ҳар кас охирон суханаш ҳангоми марг Ло илоҳа илалаллоҳ бошад, вориди биҳишт мешавад». (Ривояти Абӯдовуд)

Ва ҳар кас бар он бимирад вориди биҳишт мешавад ва аз оташи ҷаҳаннам наҷот меёбад». Паёмбар (с) фармуданд:

«**مَنْ لَقِيَ اللَّهَ لَا يُشْرِكُ بِهِ شَيْئاً دَخَلَ الْجَنَّةَ، وَمَنْ لَقِيَهُ يُشْرِكُ بِهِ دَخَلَ النَّارَ**»

Тарҷума: «Ҳар кас дар ҳоле ба мулоқоти Аллоҳ биравад, ки чизеро ба Ӯ шарик насохтааст; вориди биҳишт хоҳад шуд». (Ривояти Муслим)

Аъмоли неки яктопарастон ба андозаи тафовути имону ихлосе, ки дар қалб доранд аз назари дараҷаву арзиш гуногунанд; беҳтарин сармояе, ки мусулмон аз он бархурдор аст -тавҳиди Парвардигор

мебошад. Муҳимтарин чизе, ки бар ӯҳдаи ӯст - ин муҳофизати тавҳидаш аз умуре, ки сабабгори ботил шудан ё халалдор шудани он мегардад, мебошад. Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: «Тавҳид латифтарин ва поктарину софтарини чизҳост, аз ин сабаб камтарин чизе онро халалдору нопок сохта, ба он таъсир мегузорад, пас он монанди либоси сафедест, ки хурдтарин асаре ё доғе бар он мемонад ва низ монанди оинаи софу покест, ки камтарин чизе бар он таъсир мерасонад».

Аллоҳ таоло ба паёмбаронаш ваҳй намуда, ки агар онҳо муртакиби ширке шаванд, тамоми аъмоли некашон бекор хоҳад шуд! Пас ҳоли дигарон чӣ бошад!? Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَلَقَدْ أُوحِيَ إِلَيْكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكَ لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلْخَٰسِرِينَ﴾

Тарҷума: «Ва ба ростӣ ба ту ва касоне, ки пеш аз ту буданд, ваҳй шуд, ки агар ширк биварзӣ, яқинан аъмолат нобуд мешавад ва аз зиёнкорон хоҳӣ буд». [Зумар-65]

Ба ҳамин далел, Иброҳими Халил (а) аз ширк ҳарос дошт ва дар ҳоле, ки Каъбаро бино мекард аз Аллоҳ чунин хост:

﴿وَٱجْنُبْنِي وَبَنِيَّ أَن نَّعْبُدَ ٱلْأَصْنَامَ﴾

Тарҷума: «Ман ва фарзандонамро аз парастиши бутҳо маҳфуз бигардон».

Омӯзиши аслу асоси дин ба фарзандон ва ҳамеша аз он пурсидан равишу суннати паёмбарон аст. Яъқуб (а) дар ҳоле, ки дар бистари марг буд, фарзандони хешро аз тавҳид пурсид:

﴿أَمْ كُنتُمْ شُهَدَآءَ إِذْ حَضَرَ يَعْقُوبَ ٱلْمَوْتُ إِذْ قَالَ لِبَنِيهِ مَا تَعْبُدُونَ مِنۢ بَعْدِى ۖ قَالُوا۟ نَعْبُدُ إِلَٰهَكَ وَإِلَٰهَ ءَابَآئِكَ إِبْرَٰهِـۧمَ وَإِسْمَٰعِيلَ وَإِسْحَٰقَ إِلَٰهًا وَٰحِدًا وَنَحْنُ لَهُۥ مُسْلِمُونَ﴾

Тарҷума: «Оё ҳангоме, ки марги Яъқуб фаро расид, шумо ҳозир будед? Онгоҳ, ки ба фарзандони хеш гуфт: Пас аз ман чӣ чизеро мепарастед? Гуфтанд: Маъбуди ту ва падаронатро, Иброҳим ва Исмоилу Исҳоқ, Аллоҳи якторо мепарастем, ва мо таслими Ӯ ҳастем». [Бақара-133]

Ва Паёмбарамон Муҳаммад (с) аз духтари хурдсоле пурсид:

«أَيْنَ اللَّهُ؟ قَالَتْ: فِي السَّمَاءِ»

Тарҷума: «Аллоҳ куҷост? Гуфт: Болои осмонҳо». (Ривояти Муслим)

Омӯхтану ёд гирифтани китобҳои эътиқодии саҳеҳу муҳим ва иштирок дар ҳалқаҳои дарсии аҳли илм, аз ҷумлаи сабабҳои субот бар

дин мебошад. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

(Ривояти Ҳоким) «تَرَكْتُ فِيكُمْ شَيْئَيْنِ لَنْ تَضِلُّوا بَعْدَهُمَا: كِتَابَ اللَّهِ، وَسُنَّتِي»

Тарҷума: «Дар миёни шумо ду чиз боқӣ гузоштаам, ки агар ба онҳо чанг бизанед, ҳаргиз гумроҳ намешавед: Китоби Худо ва суннати ман».

Шайх Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (раҳ) мегӯяд: «Муҳимтарин чизе, ки бар ту ёдгирии он зарур аст: Шинохти тавҳид пеш аз шинохти ҳамаи ибодоти дигар, ҳатто намоз мебошад».

Дуо бар суботу пойдорӣ бар дин, роҳу равиши паёмбарон аст, Юсуф (а) фармуданд:

Тарҷума: «Маро мусулмон бимирон ва ба накӯкорон мулҳақ соз». [Юсуф-101]

Бузургдошти тавҳиди Аллоҳ ва дарки аҳамияти он ва дурӣ аз шубҳаҳо яке аз сабабҳои ҳидоят аст

أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم

﴿فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ وَٱسۡتَغۡفِرۡ لِذَنۢبِكَ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِۗ

وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ مُتَقَلَّبَكُمۡ وَمَثۡوَىٰكُمۡ﴾

Тарҷума: «Пас бидон, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва барои гуноҳи худ омӯрзиш бихоҳу барои мардону занони мӯъмин талаби мағфират намо ва Аллоҳ аст, ки ҷойи рафту омади шуморо ва ҷойи монданатонро медонад». [Муҳаммад-19]

## Хутбаи дуввум

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат гузошт ва гувоҳӣ медиҳам ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктосту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Тавҳид бузургтарин чизест, ки нафси башарӣ бо он пок мегардад ва ҷуз бо куфр варзидан ба ҳамаи чизҳое, ки ба ғайр аз Аллоҳ парастиш мешаванд, таҳаққуқ намеёбад ва ин ҳамон маънои калимаи Шаҳодатайн аст. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَكَفَرَ بِمَا يُعْبَدُ مِنْ دُونِ اللَّهِ؛ حَرُمَ مَالُهُ وَدَمُهُ، وَحِسَابُهُ عَلَى اللَّهِ عز وجل»

Тарҷума: «Ҳар кас «Ло илоҳа илалаллоҳ»-ро бар забон овард ба ҳамаи чизҳое, ки ба ҷуз Аллоҳ парастиш мешаванд куфр меварзад; молу хунаш ҳаром мегардаду ҳисобаш бо Аллоҳ аст». (Ривояти Муслим)

Ҳар кас тавҳидро дар худ ба таҳаққуқ бирасонад, ҳамаи сахтиҳояш бартараф шудаву хушнудии Парвардигорашро ба даст овардааст. Аъмоли некаш пазируфта шуда, аҷраш чандин баробар мегардад, зиндагияш гуворо шуда, гуноҳонаш омӯрзида мешаванд ва бидуни ҳисобу китоб вориди биҳишт хоҳад гардид ва ҳеҷ неъмате бартар аз неъмати дин ва собитқадамӣ бар он нест.

Сипас бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намудааст…

# Азамату бузургии Аллоҳи мутаол[1]

Бешубҳа, тамоми ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему аз Ӯ талаби омӯрзиш мехоҳем ва аз бадиҳову аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳи мутаол ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро гумроҳ созад, ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру пойдор ба ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Ӯро ҳамон тавре, ки шоистаи Ӯст, пеша созед ва ба ресмони маҳками Ислом чанг занед.

**Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол бандагонро аз ҳеҷ ба вуҷуд овард, ба онҳо анвоъи неъматҳоро арзонӣ дошт, мушкилоту сахтиҳоро дур сохт ва фитрати солими инъомкунанда ва некӯкорро дӯст медорад ва ниёзи дилҳо ба шинохти Парвардигор аз ниёзи онҳо ба обу хӯрок ва нафас кашидан бештар аст, ҳеҷ саодате дар дунёву охират ҷуз бо шинохту муҳаббат ва ибодати Аллоҳи мутаол вуҷуд надорад, касоне, ки Аллоҳи мутаолро беҳтар шинохтанд; бештар ӯро бузург доштаанд ва имонашон мустаҳкамтар аст.

Бандагӣ бо қалб бузургтару бодавомтар аз бандагии аъзои бадан мебошад, зеро ки дар ҳар вақт лозим мебошад. Ва аъмоли аъзои бадан низ барои ислоҳу бузургдошти Аллоҳи мутаол мебошанд. Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: «Аллоҳи мутаол бандаро ҳамон андоза мақому манзалат медиҳад, ки ӯ Аллоҳи мутаолро дар қалбаш ҷойгоҳу манзилат бидиҳад».

Ва агар банда Парвардигори худро хуб бишиносад, итминон ба Аллоҳ ҳосил мешавад ва қалбаш ба Ӯ ором мегардад, ва ҳар кас ба Аллоҳи мутаол ва сифоташ огоҳтар бошад, таваккалаш ба Ӯ саҳеҳтару қавитар мегардад ва аз Ӯ бештар метарсад; ва комилтарини одамон аз

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 18-уми ҷимодулаввали соли 1432-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

лиҳози зиндагӣ касест, ки фақат Аллоҳи мутаолро бузург дошта, Ӯро бо ҳамаи номҳову сифоташ парастиш намояд.

Ва барои Аллоҳи мутаол номҳои некӯест, ҳамаи номҳояш мадҳу ситоишу тамҷид мебошанд ва комилтарину беҳтарин сифот аз они Ӯст, ҳамаи сифоташ - сифоти комил мебошанд. Паёмбар (с) дар рукӯъ мефармуданд:

«سُبْحَانَ ذِي الجَبَرُوتِ، وَالمَلَكُوتِ، وَالكِبْرِيَاءِ، وَالعَظَمَةِ»

Тарҷума: «Поку муназзаҳ аст Парвардигоре, ки молики қудрату фармонравоӣ ва бузургию азамат аст».(Ривояти Нисоӣ)

Камоли мутлақ дар ҳамаи ашё аз они Ӯст, Паёмбар (с) фармуданд:

«لَا أُحْصِي ثَنَاءً عَلَيْكَ، أَنْتَ كَمَا أَثْنَيْتَ عَلَى نَفْسِكَ»

Тарҷума: «Наметавонам Туро он гунае, ки шоистаи Туст ситоишат кунам, чунон ки Ту Худро ситоиш кардаӣ». (Ривояти Муслим)

Ва тамоми онҳое, ки дар осмонҳову замин мебошанд, Аллоҳи мутаолро аз айбу нуқсон поку муназзаҳ медонанд, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۖ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Онҷӣ дар осмонҳову заминанд, Аллоҳи мутаолро тасбеҳ мегӯянд ва Ӯ пирӯзманду ҳаким аст». [Ҳашр-1]

Ва ҳамагӣ Ӯро саҷда мекунанд, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَلِلَّهِ يَسۡجُدُ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ مِن دَآبَّةٖ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَهُمۡ لَا يَسۡتَكۡبِرُونَ﴾

Тарҷума: «Онҷӣ дар осмонҳову замин вуҷуд дорад ва ҷунбандаҳое, ки дар замин ҳастанд барои Аллоҳ саҷда мекунанд ва (низ) фариштагон ва онҳо такаббур намеварзанд». [Наҳл-49]

Офаринишу фармон фақат аз они Аллоҳ таоло мебошад, бо беҳтарин шакл офарид, ва дар офариниши Хеш ибдоъ намуд, панҷоҳ ҳазор сол пеш аз офариниши осмонҳову замин андозаҳои махлуқоту ҳастиро муқаррар намуд. Ҳукму фармон аз они Ӯст, ҳеҷ касе бо Ӯ дар он шарик нест ва ҳеҷ боздорандае ба қазову тақдири муайянкардаи Ӯ вуҷуд надорад. Ҳеҷ эътирозе барои фармони Ӯ нест, ҳамеша зинда аст ва намемирад. Тамоми махлуқот таҳти тасаллуту фармон ва қабзаи Ӯ мебошанд, онҳоро мемиронад ва дубора зинда мекунад, онҳоро ба хандаву гиря дар меоварад, сарватманду фақир мекунад, дар раҳиму бачадони модар ҳар тавре бихоҳад шакл медиҳад.

﴿مَّا مِن دَآبَّةٍ إِلَّا هُوَ ءَاخِذُۢ بِنَاصِيَتِهَآ﴾

Тарҷума: «Ҳеҷ ҷунбандае нест; магар он ки Ӯ бар ҳастияш тасаллут дорад». [Ҳуд-56]

Ҳеҷ касе бо Ӯ даргир намешавад, ва ҳеҷ кас бар ӯ ғолиб намешавад ва агар ҳамаи умматҳо ҷамъ шаванд, ки ба касе, ки Аллоҳи мутаол нанавишта ва нахостааст, зараре бирасонанд, ҳеҷ кас наметавонад ба ӯ зараре бирасонад ва агар ҷамъ шаванд, ки ба ӯ фоидае бирасонанд, дар ҳоле, ки Аллоҳи мутаол намехоҳад, ҳеҷ кас наметавонанд ба ӯ фоидае бирасонад.

Ҳеҷ кас наметавонад азобро, ки Аллоҳи мутаол нозил кардааст, боздорад, ҳеҷ кас ғайр аз Ӯ наметавонад онро дур созад. Ҳарчӣ бихоҳад меофарад ва ҳар иродае кунад, анҷом медиҳад. Аз ончӣ анҷом медиҳад, савол намешавад, аммо махлуқот савол мешаванд. Пойдор ба зоти Хеш аст, аз махлуқоташ бениёз буда, бар ҳама чираву мусаллат аст. Калидҳои ғайб назди Ӯ мебошанд ва ҳеҷ кас ба ҷуз Ӯ аз он иттилоъе надорад. Илми ғайбро ҳатто аз фariштагон пинҳон сохтааст, аз ин рӯ фариштагон намедонанд пагоҳ чӣ касоне мемиранд ё дар ин ҳастӣ қабл аз рух додани ҳодисаҳо, намедонанд чӣ рух медиҳад.

Фармонравост ва фақат Ӯ тадбири умури бандагонашро мекунад, амру наҳй мекунад, мебахшаду манъ мекунад, болову поин мебарад, умураш мутобиқи вақтҳои пай дар пай ҳастанд ва мутобиқи майлу иродаи Ӯ ба иҷро мегарданд. Аз ин рӯст, ки ҳар чӣ бихоҳад сурат мегирад ва ҳар чӣ нахоҳад сурат намегирад.

﴿يَسۡـَٔلُهُۥ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ كُلَّ يَوۡمٍ هُوَ فِي شَأۡنٖ﴾

Тарҷума: «Тамоми касоне, ки дар осмонҳову замин ҳастанд аз Ӯ дархости ниёз мекунанд ва Ӯ ҳар рӯз дар корест». [Ар-Раҳмон-29]

Аз ҷумлаи умураш: мушкилотро бартараф мекунад ва зиёндидаеро ҷойгузине (дар эҳтиёҷаш) диҳад, фақиреро бениёз созад ва дуоро иҷобат кунад. Дар мавриди Хеш фармудааст:

﴿وَمَا كُنَّا عَنِ ٱلۡخَلۡقِ غَٰفِلِينَ﴾

Тарҷума: «Ва мо ҳаргиз аз офариниши Хеш ғофил набудаем». [Мӯъминун-17]

Илмаш ҳама ҷо ва ҳама чизро фаро гирифтааст, ончӣ шудааст, мешавад ва нашударо медонад. Заррае бидуни хостаи Ӯ намеҷунбад ва

ҳеҷ барге намерезад, магар бо илму дониши Ӯ. Ҳеҷ чиз аз Ӯ пинҳон нест ва назди Ӯ пинҳону ошкор баробар ҳастанд. Аллоҳ мефармояд:

﴿سَوَآءٌ مِّنكُم مَّنْ أَسَرَّ ٱلْقَوْلَ وَمَن جَهَرَ بِهِۦ وَمَنْ هُوَ مُسْتَخْفٍۭ بِٱلَّيْلِ وَسَارِبٌۢ بِٱلنَّهَارِ﴾

Тарҷума: «Яксонанд касоне, ки: пинҳон сухан бигӯянд ё ошкоро ё дар шаб пинҳон шаванд, ва дар рӯз роҳ раванд». [Раъд-10]

Садои махлуқотро аз болои Арш мешунавад, Оиша (р) мегӯяд:

«الحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي وَسِعَ سَمْعُهُ الأَصْوَاتَ، لَقَدْ جَاءَتِ المُجَادِلَةُ إِلَى النَّبِيِّ صلى الله عليه وسلم تُكَلِّمُهُ، وَأَنَا فِي نَاحِيَةِ البَيْتِ مَا أَسْمَعُ مَا تَقُولُ، فَأَنْزَلَ اللَّهُ عز وجل:

﴿قَدْ سَمِعَ ٱللَّهُ قَوْلَ ٱلَّتِى تُجَٰدِلُكَ فِى زَوْجِهَا وَتَشْتَكِىٓ إِلَى ٱللَّهِ وَٱللَّهُ يَسْمَعُ تَحَاوُرَكُمَآ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌۢ بَصِيرٌ﴾»

Тарҷума: Таърифу ситоиш махсуси Зотест, ки шунавоии Ӯ ғунҷоиши ҳамаи садоҳоро дорад, зани Муҷодила [Хавла (р)] ба назди Паёмбар омад ва бо ӯ сӯҳбат мекард, ман дар гӯшаи хона будам ва намешунидам, ки чӣ мегуфт. Пас Аллоҳи мутаол нозил фармуд: «**Ба ростӣ Аллоҳ сухани занеро, ки дар бораи шавҳараш бо ту баҳсу ҷидол мекард ва ба Аллоҳ шикоят мебурд, шунид ва Аллоҳ гуфтугӯи шуморо мешунид; қатъан Аллоҳ шунаво ва биност**[1]». (Ривояти Аҳмад)

Кирдори бандагонаш дар шаби бениҳоят торик аз Ӯ нопадид нест. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ٱلَّذِى يَرَىٰكَ حِينَ تَقُومُ ۝ وَتَقَلُّبَكَ فِى ٱلسَّٰجِدِينَ﴾

Тарҷума: «Зоте, ки туро ҳангоме, ки бармехезӣ мебинад ва низ ҳаракати нишасту бархости туро дар миёни саҷдакунандагон мебинад». [Шуаро-218-219]

Аз болои ҳафт осмон ҳаракати мӯрчаи сиёҳро бар харсанги сиёҳ дар шаби торик мебинад.

Хазинаҳову ганҷинаҳояш дар осмонҳову замин пур мебошанд, ва ду дасташ барои инфоқу харҷ намудан кушода аст,

«سحَّاءُ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ»

Тарҷума: «шабу рӯз харҷ мекунад ва мебахшад». Ҳар тавр бихоҳад инфоқ мекунад ва хеле базлу бахшиш мекунад. Саховаташ бисёр зиёд аст ва пеш аз талаб намудан ва баъд аз он мебахшад. Дар сеяки шаб ба осмони дунё фуруд меояд:

---

[1] [Муҷодала-1]

«كُلَّ لَيْلَةٍ إِلَى السَّمَاءِ الدُّنْيَا، حِينَ يَبْقَى ثُلُثُ اللَّيْلِ الآخِرُ، فَيَقُولُ: مَنْ يَدْعُونِي فَأَسْتَجِيبَ لَهُ؟ مَنْ يَسْأَلُنِي فَأُعْطِيَهُ؟»

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол ҳар шаб баъд аз гузашти аз се ду ҳиссаи шаб ба осмони дунё фуруд меояду мефармояд: Чӣ касе маро мехонад, то вайро иҷобат кунам? Ва чӣ касе аз ман мехоҳад, то ба вай арзонӣ кунам?» (Муттафақун алайҳ)

Ва ҳар кас аз Ӯ талаб накунад аз Ӯ хашмгин мешавад.

Дарвозаҳои базлу бахшиши Ӯ барои бандагонаш бозу кушода ҳастанд; пас баҳрҳое мусаххар намуда, ҷӯйборҳое равон сохтааст. Ризқҳое мусаххар намудааст ва ба махлуқот ризқу рӯзияшонро равон сохтааст, пас ба мӯрча дар замин, ба парандаҳо дар осмон ва ба моҳиҳо дар об ризқу рӯзӣ додааст.

﴿وَمَا مِن دَآبَّةٍ فِي ٱلۡأَرۡضِ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ رِزۡقُهَا﴾

Тарҷума: «Ва ҳеҷ ҷунбандае дар замин нест; магар ин ки рӯзияш бар (ӯҳдаи) Аллоҳ аст». [Ҳуд-6]

Ризқу рӯзияш ҳамаро фаро гирифтааст; пас рӯзии ҷанинро дар раҳими модараш ва рӯзии қавии танумандро дар салтанаташ равон сохтааст, кариму саховатманд аст. Базлу бахшишро дӯст медорад ва агар талаб шавад, мебахшад, инчунин агар ниёзу ҳоҷате аз ғайри Ӯ талаб шавад, хушнуд намешавад ва ҳар хайру хубӣ аз они Ӯст:

﴿وَمَا بِكُم مِّن نِّعۡمَةٖ فَمِنَ ٱللَّهِ﴾

Тарҷума: «Ҳар неъмате, ки доред, ҳама аз ҷониби Аллоҳ мебошанд». [Наҳл-53]

Ризқу рӯзӣ ва хазоину ганҷинаҳои раҳмати Ӯ ҳаргиз кам намешаванд. Паёмбар (с) мефармояд:

«أَرَأَيْتُمْ مَا أَنْفَقَ مُذْ خَلَقَ السَّمَاءَ وَالأَرْضَ؟ فَإِنَّهُ لَمْ يَغِضْ مَا فِي يَمِينِهِ»

Тарҷума: «Оё медонед аз оғози офариниши осмонҳову замин чӣ қадар базлу бахшиш намудааст, вале чизе аз онҷӣ дар дасти росташ дорад, кам нашудааст». (Муттафақун алайҳ)

Ва агар ҳамаи бандагон аз Ӯ талаб кунанд ва ба ҳамагӣ ҳамаи онҷӣро хостаанд, бидиҳад; ҳеҷ чизе аз мулки Ӯ кам намешавад, Паёмбар (с) аз Парвардигори хеш ривоят мекунад:

«يَا عِبَادِي! لَوْ أَنَّ أَوَّلَكُمْ وَآخِرَكُمْ، وَإِنْسَكُمْ وَجِنَّكُمْ، قَامُوا فِي صَعِيدٍ وَاحِدٍ، فَسَأَلُونِي؛ فَأَعْطَيْتُ كُلَّ إِنْسَانٍ مَسْأَلَتَهُ، مَا نَقَصَ ذَلِكَ مِمَّا عِنْدِي إِلَّا كَمَا يَنْقُصُ المِخْيَطُ إِذَا أُدْخِلَ

الْبَحْرَ»

Тарҷума: «Эй бандагони Ман! Агар аввалу охири шумо аз инсу ҷин дар сарзамини паҳноваре биистанд ва ҳамагӣ аз Ман бихоҳанд ва ба ҳамаи онон ончӣ мехоҳандро бидиҳам, аз ончӣ дар хазинаҳои Ман мавҷуд аст чизе кам намешавад, монанди ин аст, ки сӯзанеро дар дарёе фурӯ намоӣ». (Ривояти Муслим)

Савоби аъмоли некро Аллоҳ чанд баробар мекунад, пас як некӣ назди Ӯ даҳ баробар то ҳафтсад баробар, то чандин баробари дигар зиёд мегардад; аҷри ибодатҳоеро, ки дар муддати кӯтоҳ анҷом мегиранд, бисёр зиёд мекунад. Пас шаби Қадр аз ҳазор моҳ беҳтар аст ва рӯзаи се рӯз дар ҳар моҳ баробар бо рӯзаи кулли сол аст. Ва агар банда холисона барои ризои Ӯ моле инфоқ намуд, онро чандин баробар ба ӯ бармегардонад. Дар базлу бахшиш [неъмату подошҳои] болотар аз орзуҳо медиҳад, аз ин сабаб ба биҳиштиён чизе ато мекунад, ки на чашме дидаву на гӯше шунида ва на дар қалби инсоне хутур кардааст. Агар банда чизеро ба хотири Ӯ раҳо кард, Аллоҳи мутаол ӯро ба беҳтарин сурат ҷойгузине хоҳад дод.

Аз ҳамаи махлуқот бениёз аст ва ҳама мӯҳтоҷи Ӯ ҳастанд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ أَنتُمُ ٱلْفُقَرَآءُ إِلَى ٱللَّهِ ۖ وَٱللَّهُ هُوَ ٱلْغَنِىُّ ٱلْحَمِيدُ﴾

Тарҷума: «Шумо ба Аллоҳ ниёзмандед ва танҳо Аллоҳ ст бениёзу сутуда». [Фотир-15]

Ҳамаро иҳота намудааст ва ҳеҷ чиз Ӯро иҳота накардааст, чашмҳоро дарк мекунаду мебинад, аммо ҳеҷ чиз наметавонад Ӯро дарк намояд ва бинад.

Қудраташ тамоми махлуқотро фаро гирифта, Аршу Курсӣ назди Ӯ заиф мебошанд, агарчи дар чашми махлуқот бузург мебошанд. Пас осмонҳои ҳафтгонаро Аллоҳи мутаол дар рӯзи Қиёмат мепеҷонад, баъд онҳоро бо дасти рости Худ гирифта, сипас мегӯяд:

«أَنَا المَلِكُ، أَيْنَ الجَبَّارُونَ؟ أَيْنَ المُتَكَبِّرُونَ؟ ثُمَّ يَطْوِي الأَرَضِينَ بِشِمَالِهِ، ثُمَّ يَقُولُ: أَنَا المَلِكُ، أَيْنَ الجَبَّارُونَ؟ أَيْنَ المُتَكَبِّرُونَ؟»

Тарҷума: «Манам подшоҳ, куҷоянд подшоҳони ситамгар? Куҷоянд мутакаббирон?» Сипас заминҳоро дар дасти дигараш мегирад ва мегӯяд: «Куҷоянд подшоҳони ситамгар? Куҷоянд мутакаббирон?» (Ривояти Муслим)

Ва

**«السَّموَاتِ عَلَى إِصْبَعٍ، وَالأَرَضِينَ عَلَى إِصْبَعٍ، وَالماءَ وَالثَّرَى عَلَى إِصْبَعٍ، وَالخَلَائِقَ عَلَى إِصْبَعٍ، ثُمَّ يَهُزُّهُنَّ، ثُمَّ يَقُولُ: أَنَا المَلِكُ، أَنَا المَلِكُ»**

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол дар рӯзи Қиёмат, осмонҳоро бар як ангушт, заминро бар як ангушт, обу хокро бар як ангушт ва махлуқотро бар як ангушт қарор медиҳад, сипас онҳоро ба ҳаракат дода, мегӯяд: Ман фармонраво ҳастам, ман фармонраво ҳастам». (Муттафақун алайҳ)

Ва ҳангоми суханаш ба ваҳй, осмонҳо ба шиддат ба ларза медароянд ва аҳли осмон беҳуш мешаванд ва аввалин касе, ки ба ҳуш меояд Ҷабраил (а) мебошад. Осмонҳо аз Вай дар ҳарос дароянд,

﴿تَكَادُ ٱلسَّمَٰوَٰتُ يَتَفَطَّرۡنَ مِن فَوۡقِهِنَّ﴾

Тарҷума: «Наздик аст, ки осмонҳо (ба хотири азамати илоҳӣ) бар фарози якдигар шикофта ва муталошӣ шаванд».

Заҳҳок (раҳ) мегӯяд: «Яъне: наздик аст, ки осмонҳо аз тарси азамати Аллоҳи мутаол шикофта шаванд».

Пойдору побарҷост

**«قَيُّومٌ لَا يَنَامُ، وَلَا يَنْبَغِي لَهُ أَنْ يَنَامَ، يَخْفِضُ القِسْطَ وَيَرْفَعُهُ، يُرْفَعُ إِلَيْهِ عَمَلُ اللَّيْلِ قَبْلَ عَمَلِ النَّهَارِ، وَعَمَلُ النَّهَارِ قَبْلَ عَمَلِ اللَّيْلِ، حِجَابُهُ النُّورُ، لَوْ كَشَفَهُ لَأَحْرَقَتْ سُبُحَاتُ وَجْهِهِ مَا انْتَهَى إِلَيْهِ بَصَرُهُ مِنْ خَلْقِهِ»**

Тарҷума: «Намехобад ва хоб шоистаи Ӯ нест, тарозуи аъмол ва ризқи бандагонро поину боло менамояд, аъмоли шаб пеш аз рӯзи баъд, ва аъмоли рӯз пеш аз шаби баъд, ба сӯи Ӯ боло бурда мешаванд, ҳиҷобу монеаи дидани Аллоҳи мутаол нур аст, агар онро бардорад, шукӯҳу азамату анвори ҷалолаш тамоми ҷаҳони ҳастиро ба мунтаҳои ҳадди назараш аз байн хоҳад бурд». (Ривояти Муслим)

Ҳамаи умурро тадбир мекунад.

﴿يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ إِلَى ٱلۡأَرۡضِ ثُمَّ يَعۡرُجُ إِلَيۡهِ فِي يَوۡمٖ كَانَ مِقۡدَارُهُۥٓ أَلۡفَ سَنَةٖ مِّمَّا تَعُدُّونَ﴾

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол (тамоми олами ҳастиро) аз осмон гирифта то замин, зери пӯшиши тадбири Худ қарор

додааст, сипас тадбири умур дар рӯзе, ки андозаи он ба ҳазор солест, ки шумо мешуморед, ба сӯи Ӯ боло бурда мешавад». [Саҷда-5]

﴿وَلَوۡ أَنَّمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ مِن شَجَرَةٍ أَقۡلَٰمٞ وَٱلۡبَحۡرُ يَمُدُّهُۥ مِنۢ بَعۡدِهِۦ سَبۡعَةُ أَبۡحُرٖ مَّا نَفِدَتۡ كَلِمَٰتُ ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٞ﴾

Тарҷума: «Ва агар ҳамаи дарахтони рӯи замин ба қалам табдил ёбанд, ва баҳрҳо (барои он мураккаб гашта, ҷавҳар ҳосил шавад) ва ҳафт баҳри дигар ба ёрии он биёяд, суханони Аллоҳ поён намеёбад, бетардид Аллоҳ пирӯзманду ҳаким аст». [Луқмон-27]

Қавист, ҳеҷ чиз Ӯро оҷизу нотавон намегардонад ва агар чизе бихоҳад ба он мегӯяд: Бош! Пас мешавад. Дастураш монанди як мижа задан, балки камтар аз он аст. Лашкариёне дорад, ки ҳеҷ кас аз онҳо иттилоъе надорад, шаҳри қавми Лут (а)-ро вожгун намуд, ё ҳангоме, ки Бани Исроил аз пазируфтани аҳкоми Таврот имтиноъ варзиданд, болои сарашон кӯҳе монанди соябоне қарор дод, онҳо яқин намуданд, ки бар болояшон меафтад, Аллоҳ таоло Хешро дар кӯҳ таҷаллӣ дод, пас, кӯҳ пора-пора гашт ва ҳангоме, ки Мӯсо (а) ин саҳнаро мушоҳида намуд, беҳуш гардиду бар замин афтод.

Заминро -дар Охири замон - ба шиддат меларзонад ва сахт дарҳам кӯбида мегардад, ҳамвор мегардад ва кӯҳҳоро аз ҷо кандаву пароканда мекунад. Бо дамидани Сури аввал - ки Исрофил (а) онро медамад - ҳамаи махлуқот нигарону музтариб мешаванд. Бо Сури дуюм ҳама беҳуш шуда, мемиранд. Бо Сури сеюм ба сӯи Саҳрои маҳшар барангехт мешаванд ва ҳангоме, ки Аллоҳи мутаол барои қазову доварӣ фуруд меояд, осмонҳо барои таъзим ва аз тарси Ӯ шикоф мегарданд.

Аллоҳи мутаол болотар аз васфи тавсифгарон ва ситоиши ситоишкунандагон мебошад, ҳеҷ шарику монанд ва шабеҳу мисоле надорад, паёмбарон Парвардигори хешро шинохтанд, пас барои Ӯ ниҳоят фурӯтан ва ибодаткору ботақво шуданд, Довуд (а) рӯзе рӯзадор буд ва фардои он рӯз ифтор менамуд; ва Паёмбари мо (с) бо ибодат шабзиндадорӣ мекард, то ҷое, ки пойҳои муборакаш варам мекард ва Иброҳим (а) бисёр ниёишгар ба сӯи Аллоҳ буд. Ва ҳар кас роҳу равиши паёмбаронро тай кунад, роҳи саодату оромишро ба даст овардааст.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿وَمَا قَدَرُواْ ٱللَّهَ حَقَّ قَدۡرِهِۦ وَٱلۡأَرۡضُ جَمِيعٗا قَبۡضَتُهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَٱلسَّمَٰوَٰتُ مَطۡوِيَّٰتُۢ بِيَمِينِهِۦۚ سُبۡحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ﴾

Тарҷума: «Ва онҳо Аллоҳро он тавре, ки сазовори бузургии Ӯст,

нашинохтанд, дар ҳоле ки дар рӯзи Қиёмат замин дар мушт ва осмон дарҳам печида дар дасти рости Ӯст, Ӯ муназзаҳу бартар аст аз онҷӣ шарики Ӯ мепиндоранд». [Зумар-67]

Худованд ба ману шумо дар ин Қуръони баландмартаба баракат иноят фармояд…

# Хутбаи дуввум

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат гузошт. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту шарике надорад, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Ҳеҷ шахсе ба андозаи Аллоҳ мадҳу ситоишро дӯст намедорад, ба ҳамин хотир, нафси Хешро ситоиш кардааст ва усули бартарии инсонҳо ба шинохти Аллоҳ - муҳаббат ва мадҳу ситоиши Ӯ мебошад ва ҳар кас Аллоҳи мутаолро шинохту қалбаш солиму пок буд, Ӯро дӯст медорад ва бузургдошту қадрдонӣ мекунад, ҳар андозае, ки шинохташ ба Аллоҳ бештар шавад, ба ҳамон андоза тоату ибодтҳояш низ зиёд мегарданд.

Гуноҳон бузургдошти Аллоҳро кам мекунанд ва агар бузургдошту азамати Аллоҳ дар қалби банда ҷой гирифт, ҳаргиз ҷуръат ба гуноҳ намекунад, инчунин сабаби ҳамаи гуноҳон - ин ҷаҳлу нодонии банда дар мавриди Аллоҳи мутаол мебошад.

Бузургдошти Аллоҳи мутаол ибодотро аз ҷиҳати сифату арзиш боло мебарад ва бузургтарин ибодате, ки банда бо он ба Парвардигораш наздик мешавад, ягона донистани Ӯ дар ибодот мебошад, пас, аз ҳеҷ кас ғайр аз Аллоҳ талаб намекунад ва аз ҳеҷ кас ғайр аз Ӯ кӯмак намехоҳад ва ҳеҷ ибодатеро ҷуз барои Ӯ анҷом намедиҳад.

Ва ҳар кас бо Аллоҳ шарик қарор диҳад, чунин шахсе бузургию қадри Аллоҳро надонистааст ва ба хештан барои ширкаш ба Аллоҳ зулм намудааст. Ва ҳар касро Аллоҳи мутаол ба бузургдошти Хеш ва ягона донистанаш дар ибодот ҳидоят намудааст, бар ӯ лозим аст, то дигаронро ба тавҳид даъват намояд.

Ва бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намудааст…

## Таъзиму бузургдошти Аллоҳи мутаол[1]

Бешубҳа, ҳамаи ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзишу бахшиш менамоем, аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро Ӯ гумроҳ намояд, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ таоло нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёрони ӯ бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Аллоҳро он гуна, ки шоистаи Ӯст пеша созед ва ба ресмони устувори Ислом чанг занед.

**Эй мусулмонон:**

Арзиши ҳар илме вобастагӣ ба маълумоти он дорад, ва боарзиштарини улум ва бартарини онҳо шинохти Аллоҳи мутаол мебошад ва шинохти Аллоҳ таоло ва бузургдошташ болотараз ҳар ниёз мебошад, балки аз муҳимтарин заруриёт мебошад.

Аллоҳ бандагонашро бар фитрати муҳаббат ва шинохташ офаридааст ва қалб низ ба ҳамин манзур офарида шудааст:

﴿فِطۡرَتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِي فَطَرَ ٱلنَّاسَ عَلَيۡهَا﴾

Тарҷума: «Фитрати илоҳӣ аст, ки мардумро бар он офаридааст, дигаргунӣ дар офариниши Аллоҳ нест». [Рум-3]

Ва ҳамин яктопарастӣ аст, ки ҳар кӯдаке бар он мутаваллид мешавад ва шайтонҳои ҷинну инс барои мунҳариф намудани фитрати махлуқот талош мекунанд, Аллоҳи мутаол дар ҳадиси қудсӣ мефармояд:

«خَلَقْتُ عِبَادِي حُنَفَاءَ كُلَّهُمْ، وَإِنَّهُمْ أَتَتْهُمُ الشَّيَاطِينُ؛ فَاجْتَالَتْهُمْ عَنْ دِينِهِمْ»

Тарҷума: «Ҳамаи бандагонамро яктопараст офаридаам ва шаётине назди онҳо омада, онҳоро аз динашон дур сохтанд». (Ривояти Муслим),

Ва ҳар мусулмоне ба пойбандӣ ба фитраташ дастур дода шудааст, то

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 24-уми ҷимодулаввали соли 1437-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

инҳирофе, ки дар он сурат гирифтааст ба аслаш баргардад ва то имони мӯъминон зиёд гардад.

Аллоҳи мутаол ояташро далеле бар рубубияту улуҳияти Хеш қарор додааст ва агар баҳр ҷавҳар бошад ва баҳрҳои дигар низ барои кӯмакаш густариш ёбанд, ҳаргиз калимаҳои Аллоҳ ваояте, ки баёнгару далолаткунандаи Ӯ ҳастанд ба поён намерасанд.

Ва паёмбарон барои баён ва такмили ин тавҳиди фитрӣ мабъус шудаанд ва тавҳиди рубубият -ягона донистани Аллоҳ дар афъолаш - аз бузургтарин чизҳое аст ки оварданд. Чаро ки он асле аз усули имон аст ва яке аз анвоъи тавҳид сегонае аст, ки Аллоҳи мутаол ба хотири он бандагонашро офаридааст, балки далеле бар тавҳиди улуҳияту ибодат аст ва бо он Аллоҳи мутаол бар тавҳиди ибодат (сазовори ибодат буданаш) ҳуҷҷат гирифтааст ва ширк дар он бузургтарину зишттарин навъи ширк мебошад ва ҳеҷ кас дар улуҳият иштибоҳ намекунад, магар касе, ки ҳаққашро ба ҷо наоварда бошад.

Аллоҳи мутаол дар зоту сифоту афъолаш комил аст ва аз ҷумлаи сифоти Аллоҳ таоло рубубият аст, ки ҳеҷ шарике дар он бо Ӯ нест, хамон тавр ҳеҷ шарике дар улуҳиятш нест. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿قُلۡ أَغَيۡرَ ٱللَّهِ أَبۡغِي رَبّٗا وَهُوَ رَبُّ كُلِّ شَيۡءٖ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: Оё ғайри Аллоҳ Парвардигоре биҷӯям, дар ҳоле, ки Ӯ Парвардигори ҳама чиз аст». [Анъом-164]

Ӯ таоло дар офаринишу фармонравоӣ ва ризқу тадбири умур ягона ва танҳост, Офаринандаеаст, ки ҳеҷ Холиқе бо Ӯ нест, Падидоварандаи осмонҳо ва замин аст, офаридаву баробар намудааст ва ҳар чизро ба некӯтарин ваҷҳу шакл офарид ва Ӯ Офаринандаи доност, ҳамон гуна ки ибтидо офарид, дубора онҳоро дар рӯзи қиёмат бармеангезад ва барангехтанашон барои Ӯ осонтар мебошад, ҳеҷ кас ғайр аз Аллоҳ сазовори ибодату ситоиш нест, фақат Аллоҳи мутаол сазовори ибодат аст, зеро Ӯ Офаридгору Холиқ аст:

﴿أَفَمَن يَخۡلُقُ كَمَن لَّا يَخۡلُقُۚ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ﴾

Тарҷума: «Оё касе ки меофаринад, монанди касе аст ки намеофаринад?! Оё панд намегиред». [Наҳл-17]

Ва Ӯ таоло фармонравост ва фармонравоӣ аз они Ӯст:

﴿ذَٰلِكُمُ ٱللَّهُ رَبُّكُمۡ لَهُ ٱلۡمُلۡكُۚ وَٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ مَا يَمۡلِكُونَ مِن قِطۡمِيرٍ﴾

Тарҷума: «Ин аст Аллоҳ Парвардигори шумо, подшоҳӣ аз они Ӯст ва касонеро ки ба ҷои Ӯ мехонанд, пӯсти нозуки хурморо молик нестанд». [Фотир-13]

Ӯ Молики махлуқоташ аст, ҳар ончӣ дар осмонҳо ва замин ҳаст аз они Ӯст ва ҳамаи махлуқот фармонбардор ва тасбеҳгӯёни Ӯ ҳастанд ва ҳамагон Ӯро саҷда мекунанд.

Ӯ сайид аст ва сарварӣ аз они Ӯст, ки ҳеҷ шарике надорад ва ҳама бандагони Ӯ ҳастанд:

﴿إِن كُلُّ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ إِلَّآ ءَاتِي ٱلرَّحۡمَٰنِ عَبۡدٗا﴾

Тарҷума: «Дар осмонҳо ва замин ҳеҷ касе нест, магар он ки [дар рӯзи қиёмат хоксор ва] бандавор назди Аллоҳи Раҳмон меояд». [Марям-93]

Фармонравоии мутлақ ва комилу ҳамешагӣ аз они Ӯст, Фармонравои дунё ва рӯзи ҷазост ва дар рӯзи қиёмат таҷаллӣ мешаваду мефамояд: Тарҷума:

﴿لِّمَنِ ٱلۡمُلۡكُ ٱلۡيَوۡمَ﴾

«Имрӯз фармонравоӣ аз они кист?». [Ғофир-16]

Пас, худаш бо ин фармудааш ҷавоб медиҳад:

﴿لِلَّهِ ٱلۡوَٰحِدِ ٱلۡقَهَّارِ﴾

Тарҷума: «Фармонравоӣ аз они Аллоҳи ягона ва Қаҳҳор мебошад». [Ғофир-16]

Аллоҳи мутаол ба танҳоӣ умури махлуқот ва мулкашро идора мекунад, бинобар ин, фармонравоии ҳамагон фақат ба дасти Ӯ мебошад:

﴿أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُ﴾

Тарҷума: «Огоҳ бошед ки офариниш ва фармонравоӣ аз они Ӯ аст». [Аъроф- 54]

Амру наҳй мекунад ва меофарinaду рӯзӣ медиҳад ва мебахшаду манъ мекунад ва манзилату ҷойгоҳи баъзеро фурӯ меорад ва баъзеро бартарӣ медиҳад ва иззату зиллат медиҳад ва зинда мекунаду мемиронад:

﴿يُكَوِّرُ ٱلَّيۡلَ عَلَى ٱلنَّهَارِ وَيُكَوِّرُ ٱلنَّهَارَ عَلَى ٱلَّيۡلِۖ وَسَخَّرَ ٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ﴾

Тарҷума: «Шабро бар рӯз мепечад ва рӯзро бар шаб мепечад ва

хуршеду моҳро мусаххар гардонид». [Зумар -5]

﴿يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَيُحۡيِ ٱلۡأَرۡضَ بَعۡدَ مَوۡتِهَا﴾

Тарҷума: «Зиндаро аз мурда берун меоварад ва мурдаро аз зинда берун меоварад ва заминро пас, аз мурданаш месозад». [Рум -19]

Ҳамаи махлуқот таҳти ирода ва хости Ӯ ҳастанд, қалбу чеҳраву пешонии инсонҳо ба дасти Ӯ мебошанд, умури бӯҳронию печида бо қазову қадари Ӯ мебошанд, бар ҳар ончӣ ки шахс анҷом медиҳад муроқибу назораткунанда аст, осмону замин ба фармони Ӯ побарҷо ҳастанд:

﴿يُمۡسِكُ ٱلسَّمَآءَ أَن تَقَعَ عَلَى ٱلۡأَرۡضِ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦٓ﴾

Тарҷума: «Ва осмонро аз он ки бар замин афтад нигоҳ медорад». [Ҳаҷ-65]

﴿يُمۡسِكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ أَن تَزُولَا﴾

Тарҷума: «Осмонҳо ва заминро нигоҳ медорад аз он ки (аз низоми худ) мунҳариф шаванд». [Фотир-41]

Ҳамаи онҳое ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд, аз Ӯ талаб мекунанд:

﴿كُلَّ يَوۡمٍ هُوَ فِي شَأۡنٖ﴾

Тарҷума: «Ва Ӯ ҳар рӯз дар коре аст». [Раҳмон -29]

Аз ҷумлаи умуру корҳои Ӯ: гуноҳеро меомӯрзаду гумроҳеро ҳидоят мекунад ва нигарониро бартараф менамояд ва шикастаеро иваз медиҳад ва фақиреро бениёз месозад ва дуоеро иҷобат мекунад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَا كُنَّا عَنِ ٱلۡخَلۡقِ غَٰفِلِينَ﴾

Тарҷума: «Ва мо ҳаргиз аз офариниши худ ғофил набудаем». [Мӯъминон -17]

Дастуроташ пай дар пай ҳастанду фармонаш нофизу иҷрошаванда аст, ҳеҷ заррае дар ин ҳастӣ ҷуз бо иҷозати Ӯ ҳаракат намекунад, ҳар чӣ бихоҳад анҷом мегирад ва ҳар чӣ нахоҳад сурат намегирад, ҳар чӣ бихоҳад меофаринад ва ҳар ончӣ бихоҳад анҷом медиҳад, фармонаш ҳисобшудаву дақиқ аст, ҳеҷ кас монеъи бахшиши Ӯ намешавад ва ҳеҷ кас наметавонад ба касе, ки ӯро маҳрум сохтааст, чизе ато кунад ва ҳеҷ кас наметавонад ҳукми Ӯро рад кунад, ҳеҷ радкунандае барои қазову қадари Ӯ нест ва ҳеҷ кас монеъи муроди Ӯ намешавад ва ҳеҷ кас

наметавонад каломи Ӯро тағйир диҳад ва тақдири махлуқотро панҷоҳ ҳазор сол қабл аз ин ки осмонҳо ва заминро биёфаринад, муқаддар намуд ва агар ҳамаи махлуқот ҷамъ шаванд, то чизеро ки Аллоҳи мутаол муқаддар нанамударо ба вуҷуд биёваранд, ҳаргиз наметавонанд ва агар бихоҳанд монеъи чизе бошанд, ки Аллоҳи мутаол муқадар намуда, ҳаргиз наметавонанд ва агар уммате барои зиён расонидан ба шахсе ҷамъ шаванд ки Аллоҳи мутаол зарарашро намехоҳад, ҳаргиз наметавонанд ба ӯ зараре бирасонанд ва агар ҷамъ шаванд, то ба шахсе нафъ бирасонанд ки Аллоҳи мутаол иҷозати нафъашро надода, ҳаргиз наметавонад ба ӯ суду фоидае бирасонанд, ҳар касро ки бихоҳад ба фазли хеш ҳидоят мекунад ва ҳар касро бихоҳад ба адли хеш гумроҳ месозад ва агар иродаи чизе кунад, фақат мефармояд: Бош, пас, мешавад:

﴿لَا يُسۡـَٔلُ عَمَّا يَفۡعَلُ وَهُمۡ يُسۡـَٔلُونَ﴾

Тарҷума: «[Ӯ] аз онҷӣ мекунад, бозхост намешавад ва онон бозхост мешаванд». [Анбиё - 23]

Суханаш беҳтарин калом аст ва каломаш ибтидо ва интиҳо надорад:

﴿وَلَوۡ أَنَّمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ مِن شَجَرَةٍ أَقۡلَٰمٞ وَٱلۡبَحۡرُ يَمُدُّهُۥ مِنۢ بَعۡدِهِۦ سَبۡعَةُ أَبۡحُرٖ مَّا نَفِدَتۡ كَلِمَٰتُ ٱللَّهِ﴾

Тарҷума: «Агар ҳамаи дарахтони рӯи замин қалам, ва баҳр (ҷавҳар гардад) ва ҳафт баҳри дигар ба мадади он биёянд, суханони Аллоҳ поён намеёбад». [Луқмон -27]

Илмаш ҳамаи ашёҳоро фаро гирифта, аз онҷӣ махлуқот анҷом дода ва медиҳанд иттилоъ дорад ва аз онҷӣ дар хушкӣ ва дарё аст, огоҳӣ дорад ва ҳеҷ барге намерезад магар ин ки онро медонад:

﴿لَا يَعۡزُبُ عَنۡهُ مِثۡقَالُ ذَرَّةٖ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِ﴾

Тарҷума: «Ба андозаи заррае дар осмонҳо ва дар замин аз Ӯ пинҳон нест». [Сабаъ -3]

Аз онҷӣ аз мо пинҳон ё ошкоро аст ва аз васвасаи синаҳо ва асрори онҳо ва аз онҷӣ модаҳо ба он ҳомила ҳастанд, иттилоъ дорад ва калиди ғайбро ҷуз Ӯ касе намедонад ва дониши ҳамаи махлуқот дар муқобили илми Ӯ монанди қатрае аз дарё мебошад ва илми ҳама ба иродаи Ӯст. Гунҷишке ба дарё нӯл зад, пас, Хизр хитоб ба Мӯсо (а) гуфт:

«مَا نَقَصَ عِلْمِي وَعِلْمُكَ مِنْ عِلْمِ اللهِ إِلَّا مِثْلَ مَا نَقَصَ هَذَا العُصْفُورُ مِنَ البَحْرِ»

Тарҷума: «Илми ману ту дар баробари илми Аллоҳ камтар аз

миқдори обе аст, ки ин гунҷишк аз баҳр бардошт». (Муттафақун алайҳ)

Шунавоии Ӯ ҳамаи садоҳоро фаро гирифтааст ва садои онҳо ба Ӯ мухталиту муташобеҳу намешавад. Зане аз ҳамсараш ба Паёмбар (с) шикоят намуд ва Оиша (р) ки дар гӯшае аз манзил буд, қисмате аз суханони он зан барояш номаълум буд, Аллоҳи мутаол аз болои ҳафт осмон гуфторашро шуниду ин оятро нозил намуд:

﴿قَدۡ سَمِعَ ٱللَّهُ قَوۡلَ ٱلَّتِي تُجَٰدِلُكَ فِي زَوۡجِهَا وَتَشۡتَكِيٓ إِلَى ٱللَّهِ وَٱللَّهُ يَسۡمَعُ تَحَاوُرَكُمَآ﴾

Тарҷума: «Ба ростӣ, Аллоҳ сухани занеро ки дар бораи шавҳараш бо ту баҳс мекард ва ба Аллоҳ шикоят мебурд, шунид ва Аллоҳ гуфтугӯи шуморо мешунид». [Муҷодала -1]

Ва биниоияш бар ҳама ашёҳо иҳота намудааст, пас, афъоли бандагонаш дар торикии шаб бар Ӯ пинҳон нестанд ва ҳама кирдорашон дар камини Ӯст.

Аз онҷое ки махлуқот офариниши Ӯ ҳастанд, пас, фармонравоӣ фақат аз они Ӯст. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنِ ٱلۡحُكۡمُ إِلَّا لِلَّهِۚ﴾

«Фармонравоӣ танҳо аз они Аллоҳ аст». [Анъом -57]

Қавонин ва аҳкому ҳудуд ва шаръаш беҳтарин қавонин мебошанд ва ҳеҷ фармонравое беҳтар аз Ӯ вуҷуд надорад ва Ӯ беҳтарини фармонравоён мебошад, ҳеҷ радкунандае бар ҳукми Ӯ вуҷуд надорад, Парвардигорат ба касе зулм намекунад, меҳрубонтар аз Ӯ касе нест, пас, Ӯ меҳрубонтарин аст, меҳрубонтар аз модар ба фарзандаш, раҳматаш ҳамаи ашёро фаро гирифта, Аллоҳи мутаол дорои сад раҳмат мебошад, якеро нозил нумуда, ки бо он махлуқот дар миёни хеш меҳрубонанд ва наваду нӯҳ раҳматро дар назди хеш нигаҳ доштааст.

Саховатманд аст, касе мисли Ӯ сахӣ намебошад, некӣ ва базлу бахшиш ба махлуқоташро дӯст медорад, аз боло ва поён ба онҳо ризқ медиҳад, фазлаш бузургу ганҷинаҳояш поённопазиранд:

﴿قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: чӣ касе шуморо аз осмонҳо ва замин рӯзӣ медиҳад». [Сабаъ-24]

Дастхояш барои инфоқ пур мебошанд ва инфоқ чизе аз он кам намекунад:

«سَحَّاءُ اللَّيلَ وَالنَّهَارَ»

Тарҷума: «Шабу рӯз мебахшад». Паёмбар (с) фармуданд:

«أَرَأَيْتُمْ مَا أَنْفَقَ مُنْذُ خَلَقَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضَ؟ فَإِنَّهُ لَمْ يَغِضْ مَا فِي يَدِهِ»

Тарҷума: «Оё медонед аз ибтидои офариниши осмонҳову замин чӣ қадар инфоқ намудааст ? Вале чизе аз онҷӣ дар даст дорад, кам нашудааст». (Муттафақун алаҳ)

Дуои бандагонашро мепазирад, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ أُجِيبُ دَعْوَةَ ٱلدَّاعِ إِذَا دَعَانِ﴾

Тарҷума: «Ва чун бандагонам, аз ту дар бораи Ман бипурсанд, бигӯ: Ба ростӣ ки Ман наздикам, дуои дуокунандаро ҳангоме, ки маро бихонад иҷобат мекунам». [Бақара -186]

Бароварда намудани ниёзҳо бар Ӯ сангинӣ намекунад, агар ҳамаи бандагон -аввалину охиринашон, инсонҳо ва ҷинҳо - дар сарзамини паҳноваре биистанд ва ҳар яке аз онон чизе аз Ӯ бихоҳанд ва ба ҳамаи онон, он чиро мехоҳанд бидиҳад, аз онҷӣ ки дар хазинаи Ӯ мавҷуд аст, чизе намекоҳад, чунон ки ҳаргоҳ сӯзан ба дарё фурӯ бурда шавад, чизе аз оби он кам нахоҳад шуд.

Ризқи ҳамаи махлуқотро ба ӯҳда гирифтааст -аз инсонҳо гирифта то ҷинҳо, мусулмонон ва кофирон:

﴿وَمَا مِن دَآبَّةٍ فِي ٱلْأَرْضِ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ رِزْقُهَا﴾

Тарҷума: «Ва ҳеҷ ҷанбандае дар замин нест, магар ин ки ризқаш бар (ӯҳдаи) Аллоҳ аст». [Ҳуд -6]

Ва бахшиши Ӯ бидуни миннат аст ва Ӯ беҳтарини рӯзидиҳандагон аст, дарвозаҳои хайрро барои бандагонаш боз намудааст, пас, дарёҳое муссахар гардонид ва наҳрҳое ҷорӣ намудаву рӯзиҳои зиёде ато намудааast ва ба бандагонаш неъматҳои фаровоне бидуни савол намудани онҳо ато намуда ва онҷӣ савол кардандро [низ] ба онҳо ато кардааст. Ҳар шаб ин суолашро аз бандагонаш мепурсаду мефармояд:

«مَنْ يَسْأَلُنِي فَأُعْطِيَهُ؟»

Тарҷума: «Чӣ касе аз ман талаб мекунад, то ба ӯ [он чиро мехоҳад] бидиҳам». (Муттафақун алайҳ)

Ҳар хайре аз ҷониби Ӯст:

﴿وَمَا بِكُم مِّن نِّعْمَةٍ فَمِنَ ٱللَّهِ﴾

Тарҷума: «Онҷӣ аз неъматҳо доред, ҳама аз ҷониби Аллоҳ мебошанд». [Наҳл-53]

Ба ҳар махлуқе ризқашро ато намудаву ҷанинро дар шиками

модараш ризқ дода, ба мӯрча дар лонааш ва ба паранда дар фарози осмонҳо ва ба моҳиҳо дар чуқурии дарё рӯзияшонро расонидааст:

﴿وَكَأَيِّن مِّن دَآبَّةٖ لَّا تَحۡمِلُ رِزۡقَهَا ٱللَّهُ يَرۡزُقُهَا وَإِيَّاكُمۡ﴾

Тарҷума: «Ва чӣ бисёр ҷунбандагоне, ки рӯзии худро бар дӯш намегиранд, Аллоҳ ба онҳо ва шумо рӯзи медиҳад». [Анкабут -60]

Наздику иҷобаткунанда аст, дӯст намедорад, ки ниёзҳо аз ғайри Ӯ талаб шаванд, ҳар кас аз Ӯ талаб накунад, аз Ӯ хашм мегирад ва маҳрум касе аст, ки аз ғайри Аллоҳ тамаъ кунад, ҳеҷ кас мисли Ӯ ба шунидани гуфторҳои зишт ва нодуруст сабур нест, ба Ӯ ширк меварзанд, барои Ӯ фарзанд мехонанд, сипас ба онҳо саломатию ризқ медиҳад».

Аҳли тоаташро бо фазлу карами хеш муваффақ намуда, ба онҳо баъд аз тавфиқ додан, подош медиҳад. Шакур аст, камтарин некиро подош медиҳад ва чандин баробар некӣ медиҳад. Некӣ дар назди Ӯ даҳ баробар ва чандин баробар изофа мешавад ва барои бандагонаш дар биҳишт неъматҳое муҳайё намуда, ки на чашме дида ва на гуше шунида ва на дар қалби инсоне хутур намудааст, ҳамеша онҳоро розӣ мекунаду мегӯяд:

**«هَلْ رَضِيتُمْ؟ فَيَقُولُونَ: وَمَا لَنَا لَا نَرْضَى وَقَدْ أَعْطَيْتَنَا مَا لَمْ تُعْطِ أَحَداً مِنْ خَلْقِكَ، فَيَقُولُ: أَنَا أُعْطِيكُمْ أَفْضَلَ مِنْ ذَلِكَ، قَالُوا: يَا رَبِّ! وَأَيُّ شَيْءٍ أَفْضَلُ مِنْ ذَلِكَ؟ فَيَقُولُ: أُحِلُّ عَلَيْكُمْ رِضْوَانِي، فَلَا أَسْخَطُ عَلَيْكُمْ بَعْدَهُ أَبَداً»**

«Оё розӣ ва хушнуд ҳастанд? Мегӯянд: Чаро розӣ набошем? Дар ҳоле, ки ба мо неъматҳое арзони доштаӣ, ки ба ҳеҷ як аз махлуқот иноят накардаӣ. Мефармояд: беҳтар аз ин ба шумо иноят мекунам, онон мегӯянд: Парвардигоро! Чӣ чизе беҳтар аз ин аст? Мефармояд: Ризояту хушнудиамро дарбаргирандаи ҳоли шумо мегардонам ва баъд аз он, ҳаргиз аз шумо нохушнуд намешавам». (Муттафақун алайҳ)

Зоташ бениёз аст, ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд ва ҳамаи махлуқот ҳоҷати худро аз Ӯ талаб мекунанд. Сайиди комил аст, ниёз ба хӯрок ва нӯшидан надорад:

﴿لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ۞ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ﴾

Тарҷума: «На [фарзанде] зода ва на зода шудааст. Ва ҳеҷ кас ҳаммонанд ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест». [Ихлос -3-4]

﴿مَا ٱتَّخَذَ صَٰحِبَةٗ وَلَا وَلَدٗا﴾

Тарҷума: «Ҳаргиз барои худ ҳамсар ва фарзанде интихоб накардааст». [ҷин -3]

﴿وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ شَرِيكٞ فِي ٱلۡمُلۡكِ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ وَلِيّٞ مِّنَ ٱلذُّلِّ﴾

Тарҷума: «Дар мулку подшоҳияш, ҳеҷ шарике надорад ва фармонравоияш ба хотири оҷизӣ нест». [Исро-3]

﴿وَمَا كَانَ مَعَهُۥ مِنۡ إِلَٰهٍ﴾

Тарҷума: «Ҳеҷ маъбуди дигаре бо Ӯ нест». [Мӯъминон-91]

Аз Ӯ итоат намешавад, магар бо лутфаш ва аз Ӯ сарпечӣ намешавад, магар бо илмаш қоиму устувор ба зоти Хеш аст ва ҳама вобаста ва ниёзманди Ӯ ҳастанд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ أَنتُمُ ٱلۡفُقَرَآءُ إِلَى ٱللَّهِۖ وَٱللَّهُ هُوَ ٱلۡغَنِيُّ ٱلۡحَمِيدُ﴾

Тарҷума: Эй мардум! Шумо ба Аллоҳ ниёзманд ва танҳо Аллоҳ аст, ки бениёзи сутуда аст». [Фотир -15]

Итоат фармонбарон ҳеҷ нафъу суде ба Ӯ намерасонад ва гуноҳи муҷримон ҳеҷ зараре ба Ӯ намерасонад ва агар ҳамаи инсонҳо ва ҷинҳо бар парҳезкортарин қалб бошанд, ин тақво ва парҳезкорӣ бар фармонравоии Ӯ намеафзояд ва агар бар бадтарин ва нопоктарин қалб бошанд, ин бадӣ аз фармонравоии Ӯ чизе кам нахоҳад кард, бандагон ҳаргиз наметавонанд ба Ӯ фоидаву суде бирасонанд ва ҳаргиз наметавонанд ба Ӯ зиён бирасонанд.

Зинда ва ҷаҳони ҳастиро нигаҳдору мудаббир аст, на пинак Ӯро фаро мегирад ва на хоб, тарозуи аъмолу ризқи бандагонро поёну боло менамояд:

«يُرْفَعُ إِلَيْهِ عَمَلُ اللَّيْلِ قَبْلَ عَمَلِ النَّهَارِ، وَعَمَلُ النَّهارِ قَبْلَ عَمَلِ اللَّيْلِ، حِجَابُهُ النُّورُ، لَوْ كَشَفَهُ لَأَحْرَقَتْ سُبُحَاتُ وَجْهِهِ مَا انْتَهى إِلَيْهِ بَصَرُهُ»

Тарҷума: «Аъмоли шаб пеш аз рӯзи баъд, ва аъмоли рӯз пеш аз шаби баъд, ба сӯи Ӯ боло бурда мешаванд, ҳиҷобу монеаи дидани Аллоҳи мутаол нур аст, агар онро бардорад, шукӯҳу азамату анвори ҷалолаш тамоми ҷаҳони ҳастиро ба мунтаҳои ҳадди назараш аз байн хоҳад бурд». (Ривояти Муслим)

Бузургу азим аст, Ҷаббор ва дар кудрати Хеш устувор аст, иззат аз они Ӯст ва кибриёву азамат ридои Ӯст, қавӣ аст ва ба ҳеҷ муовину пуштибоне ниёз надорад, баландмартаба аст, ҳеҷ монанде надорад ва ҳама ҷуз Ӯ нобуд мешаванд.

Илмаш тамоми ашёро иҳота кардааст ва ҳеҷ чизе ба вай иҳота намекунад:

﴿لَّا تُدۡرِكُهُ ٱلۡأَبۡصَٰرُ وَهُوَ يُدۡرِكُ ٱلۡأَبۡصَٰرَ﴾

Тарҷума: «Чашмҳо Ӯро дарнамеёбанд ва Ӯ чашмҳоро дармеёбад». [Анъом -103]

﴿وَٱلۡأَرۡضُ جَمِيعٗا قَبۡضَتُهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَٱلسَّمَٰوَٰتُ مَطۡوِيَّٰتُۢ بِيَمِينِهِۦ﴾

Тарҷума: «Дар ҳоле, ки рӯзи қиёмат тамоми замин дар мушти Ӯст ва осмонҳо дарҳам печида, дар дасти рости Ӯст». [Зумар-67]

Мо аз Ӯ талаби шафоат барои ризояти махлуқот намекунем ва ҳеҷ касе пеши Ӯ шафоат намекунад, магар ба иҷозати вай. Курсии вай - ҷойи ду қадамашон - осмонҳо ва заминро фаро гирифтааст:

«**Курсӣ дар муқобили арш монанди ҳалқаи оҳанине аст, ки дар миёни дашти бузурге афтода бошад**»[1]. Ва аршаш бузургтарини махлуқот аст, фариштагоне онро ҳамл мекунанд, ки масофаи байни нармаи гӯши яке аз онҳо то гарданаш ҳафтсад сол аст.

Аллоҳи мутаол болои арш аст, ҳамон тавр ки шоиставу муносиби зоту азамати Ӯст ва Аллоҳ бениёз аз арш ва ғайри он мебошад:

﴿تَكَادُ ٱلسَّمَٰوَٰتُ يَتَفَطَّرۡنَ مِن فَوۡقِهِنَّ﴾

Тарҷума: «Наздик аст, ки осмонҳо (ба хотири азамати илоҳӣ) бар фарози якдигар шикофтаву муталошӣ шаванд». [Шӯро -5] Яъне: Аз тарси азамату бузургии Аллоҳ муталошӣ мешаванд ва ҳангоме, ки ваҳй бикунад, осмонҳо ба шиддат меларзанд ва аҳли осмон беҳуш мешаванд ва ба саҷда меафтанд».

Аллоҳи мутаол Аввал аст, қабл аз Ӯ чизе вуҷуд надорад ва Охир аст баъд аз Ӯ чизе нест ва Ӯ Зоҳир аст, ҳеҷ чизе болотар аз Ӯ нест ва Ӯ Ботин аст ва ғайр аз Ӯ чизе нест, бар ҳама чиз тавоност ва қудратҳо аз они Ӯ мебошанд, ҳеҷ чизе дар дунёву осмон Ӯро оҷиз намекунад, дастураш монанди як пилки чашм задан, балки камтар аз он мебошад, сипоҳу лашкариёне дорад, ки ҷуз Ӯ касе аз он иттилоъ надорад. Вақте дунё ба поён мерасад, замин ба шиддат ларзонда мешаваду сахт дарҳам кӯбида мегардаду ҳамвор мешавад ва кӯҳҳо аз ҷояшон канда мешаванду ба тезию тундӣ равон мегарданд ва сахт пораву пароканда

[1] (Ал- Муҳаррар ал-Ваҷиз, ҷ -1/саҳ-342 ва Тафсири куртубӣ , ҷ -4/саҳ-204)

мешаванд. Бо дамидани Сури аввал, ҳамаи махлуқот музтарибу нигарон мешаванд ва бо дамидани дуюмин Сур ҳама беҳуш шуда, мемиранд ва бо сеюмин Сур ҳама ба сӯи маҳшар барангехта мешаванд.

Поку муқаддасу муназзаҳ аз ҳар айбу нақсе аст, камолу ҷамоли мутлақ барои Ӯст, ҳеҷ шарику мисоле надорад ва ҳеҷ ҳамтову монанде надорад:

﴿لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ﴾

Тарҷума: «Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Ӯ нест ва Ӯ шунавои биност». [Шӯро -11]

**Сипас эй мусалмонон**

Оё лозим нест Парвардигореро, ки инҳо сифоту афъоли Ӯ ҳастандро дӯст бидорем ва Ӯро зикру ситоиш намоем ва ибодати хешро холисона барои Ӯ ба ҷо биёварем.

Ҳар кас Аллоҳи мутаолро ба дурустӣ бишиносад, ба Ӯ наздик мешавад ва худро барои Ӯ фурӯтану хору залил менамояд, бо Ӯ унсу оромиш ҳосил мекунаду умедвори подоши Ӯ мешавад ва аз азобаш дар ҳарос мешавад ва ҳоҷаташро фақат аз Ӯ талаб намуда, ба Ӯ таваккал мекунад.

Ҳар кас Аллоҳро ситоиш кунаду Ӯро бисёр таърифу сано кунад, мақомаш боло меравад ва ҳеч кас мисли Аллоҳи мутаол мадҳу таърифро барои худ дӯст намедорад, ба ҳамин хотир худро таъриф намудааст, ҳар кас Аллоҳро дӯст бидорад ва Ӯро фақат ибодат кунад, Аллоҳи мутаол Ӯро дӯст медораду аз Ӯ хушнуд мешавад ва Ӯро дохили биҳишт мекунад.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿إِنَّ ٱللَّهَ رَبِّي وَرَبُّكُمۡ فَٱعۡبُدُوهُۚ هَٰذَا صِرَٰطٞ مُّسۡتَقِيمٞ﴾

Тарҷума: «Ба ростӣ, ки Аллоҳ Парвардигори ман ва Парвардигори шумост, ин аст роҳи рост».

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони азимушшаън баракат иноят фармояд…

## Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат гузошт. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту шарике надорад, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Ҳар кас бо Аллоҳ махлуқоташро шарик қарор диҳад, аз тавҳиди Парвардигори ҷаҳониён коставу кам кардааст ва ба Ӯ бадгумон шуда, ғайри Аллоҳро бо Ӯ баробар донистааст.

Ширк ҳамаи аъмоли некро аз байн мебарад ва Аллоҳи мутаол мушрикро намебахшад ва ӯро вориди биҳишт намекунаду барои ҳамеша дар ҷаҳаннам мондагор мешавад. Ширк бадтарин тағйире аст, ки бар фитрат эҷод мешаваду бузургтарин фасоди рӯи замин ва аслу асоси ҳар балову мусибат ва маркази ҳамаи офату бемориҳо мебошад, инчунин зарараш бисёр бузург ва хатарнок мебошад.

Наҳсии гуноҳон чунон бузург аст, ки бар банда ҷамъ мешаванд, сипас ӯро ба ҳалокат мерасонанд ва байни шахс ва қалбаш фосила эҷод мекунанд, гуноҳ ҳар андоза дар диди шахс хурд бошад, назди Аллоҳи мутаол ҳамон андоза бузург мебошад, ба хурд будани гуноҳ манигар, балки ба азамати Зоте бингар, ки Ӯро нофармони мекунӣ.

Сипас бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба фиристодани дуруду салом бар Паёмбараш амр намудааст…

## Шинохти Парвардигори худ[1]

Бешубҳа, ҳамаи ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзишу бахшиш менамоем, аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро Ӯ гумроҳ намояд ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ таоло нест яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёрони ӯ бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Аллоҳро он гуна, ки шоистаи Ӯст пеша созед. Хушбахтӣ дар пайравиии ҳидоят буда, бадбахтӣ дар пайравии хоҳишоти нафсонӣ мебошад.

**Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол махлуқотро офарид, то фармонбардору фурӯтани Ӯ бошанд ва камоли саодат дар шинохти Аллоҳ ва имон ба Ӯ мебошад ва аввалин аслу асосе, ки бар банда лозим аст, шинохти Парвардигораш аст ва аввалин чизе аст, ки банда дар қабраш аз он пурсида мешавад. Аллоҳи мутаол махлуқотро аз адаму нестӣ офарида, ба онҳо неъматҳои бешуморе ато намуд ва ризқашонро ба ӯҳда гирифт:

﴿وَمَا مِن دَآبَّةٍ فِي ٱلۡأَرۡضِ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ رِزۡقُهَا﴾

Тарҷума: «Ва ҳеҷ ҷунбандае дар замин нест, магар ин ки ризқу рӯзии он бар ӯҳдаи Аллоҳ аст». [Ҳуд - 6]

Ҷаҳониёнро баъд аз ин ки чизе набуданд ба вуҷуд овард:

﴿هَلۡ أَتَىٰ عَلَى ٱلۡإِنسَٰنِ حِينٞ مِّنَ ٱلدَّهۡرِ لَمۡ يَكُن شَيۡـٔٗا مَّذۡكُورًا﴾

Тарҷума: «Яқинан, замони тӯлоние бар инсон гузашт, ки чизе муҳимму қобили зикр набуд». [Инсон -1]

Парвардигоре, ки дар офаринишу ризқу тадбир яктост:

﴿أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُۗ تَبَارَكَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ﴾

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 15-уми сафари соли 1426-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

Тарҷума: «Огоҳ бошед, ки офаринишу фармонравоӣ аз они Ӯст, Парвардигори ҷаҳониён бениҳоят бузург аст». [Аъроф - 54]

Дар ягонагӣ фард буда, ба сифати бузургӣ ва Ҷаббору Қаҳҳор будан васфшуда аст, афсору лаҷоми ҳамаи умур дар дасти Ӯст, қудратманду устувор аст, бар бандагонаш чира аст, аз ибодат кардани касе ё чизе ғайри Худ розӣ намешавад:

﴿إِن تَكۡفُرُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ عَنكُمۡۖ وَلَا يَرۡضَىٰ لِعِبَادِهِ ٱلۡكُفۡرَۖ وَإِن تَشۡكُرُواْ يَرۡضَهُ لَكُمۡ﴾

Тарҷума: «Агар носипосӣ кунед, Аллоҳ аз шумо бениёз асту носипосиро барои бандагонаш намеписандад, меписанданд ки сипосгузор бошед.» [Зумар-7]

Дар ҳар махлуқе нишонае далолаткунанда қарор додааст, то вобастагии қалб ба Парвардигораш бештар шавад, ду аломати бузург бар ваҳдонияти Хеш қарор дода, ки пай дар пай меоянду моро ба ягонагии Аллоҳ ёдоварӣ мекунанд, шабе ки ҳама чизро мепӯшонад, ва рӯзе ки ҳама чизро возеҳу равшан мекунад, ҳар яке дигареро сареъу зуд дунбол мекунад:

﴿يُغۡشِي ٱلَّيۡلَ ٱلنَّهَارَ يَطۡلُبُهُۥ حَثِيثٗا﴾

Тарҷума:«Шабро бар рӯз мепӯшонад ва рӯз шитобон онро металабад.». [Аъроф -54]

Ва хуршеду моҳ дар як масири дақиқу аниқе дар чархишанд, соҳибони хирадро ба ҳайрат дароварда, ин тулӯъ мекунад ва он ғуруб менамояд. Чархише муназзам, ки тақдиму таъхир намешавад:

﴿لَا ٱلشَّمۡسُ يَنۢبَغِي لَهَآ أَن تُدۡرِكَ ٱلۡقَمَرَ وَلَا ٱلَّيۡلُ سَابِقُ ٱلنَّهَارِۚ وَكُلّٞ فِي فَلَكٖ يَسۡبَحُونَ﴾

Тарҷума «На хуршедро сазовор аст, ки [дар сайри худ] ба моҳ бирасад в на шаб бар рӯз пешӣ мегирад; ва ҳар як аз [ситораву сайёра] дар мадоре шиноваранд». [Ёсин - 40]

Замине, ки моро ҳамл мекунаду осмоне, ки бар мо соя меандозад, мо аз ҳеҷ кадом бениёз нестем, офаринише мустаҳкам ва тадбиру чораандешие аз Офаридгор мебошанд:

﴿هَٰذَا خَلۡقُ ٱللَّهِ فَأَرُونِي مَاذَا خَلَقَ ٱلَّذِينَ مِن دُونِهِۦ﴾

Тарҷума: «Ин офариниши Аллоҳ таоло аст. Инак [эй мушрикон] ба ман нишон диҳед, ки касоне, ки ғайр аз Ӯ ҳастанд [ва шумо мепарастедашон] чӣ офаридаанд?» [Луқмон -11]

Мусулмон аз ин ки бандаи чунин Тадбиркунандаи ин ҳастӣ аст, ифтихор мекунад:

﴿قُلۡ إِنَّنِي هَدَىٰنِي رَبِّيٓ إِلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ﴾

Тарҷума: «[Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Бе тардид, Парвардигорам маро ба роҳи рост ҳидоят кардааст». [Анъом - 161]

[Мусулмон] Ҳеҷ касеро ба ғайр аз Парвардигори ин ҳастӣ, парастиш намекунад, ҳеҷ як аз ибодатҳоро барои ғайри Ӯ анҷом намедиҳад, дар сахтиҳову гирифториҳо ба Ӯ паноҳ мебарад ва дар зоҳиру ботин фақат аз ӯ метарсад:

﴿وَإِن يَمۡسَسۡكَ ٱللَّهُ بِضُرّٖ فَلَا كَاشِفَ لَهُۥٓ إِلَّا هُوَ﴾

Тарҷума: «Агар Аллоҳ ба ту зарару зиёне бирасонад ҳеҷ касе ҷуз ӯ наметавонад дафъаш кунад». [Анъом -17]

Пас, аз ин ки мурдагон ба ӯ зарару мусибате бирасонанд, наметарсад ва аз онҳо умеди эҳсону некӣ надорад.

Дар ақл танҳо паноҳ бурдан ба Ӯ ғолибу пирӯз аст ва дар қалб амоне асту бар руҳу равон оромише аст ва ҳар кас аз Аллоҳ битарсад, ҳеҷ кас ӯро ваҳшатзада намекунад, балки қалбаш собиту аъзои бадану ҷавориҳаш ором мегирад ва хушо ба нафсе, ки ҷуз бо Аллоҳ унс намегирад:

﴿فَلَا تَخَافُوهُمۡ وَخَافُونِ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ﴾

Тарҷума: «Пас, агар имон доред, аз онон [мушрикон] натарсед ва аз ман битарсед.» [Оли Имрон -175]

«Абу Сулаймони Доронӣ (раҳ) мегӯяд: Аз ҳеҷ қалбе тарс ҷудо намешавад, магар ин ки вайрон шавад». Ва наздиктарин бандагон ба Аллоҳ касоне ҳастанд, ки аз ӯ бештар метарсанд. Паёмбар (с) мефармоянд:

«إِنِّي لَأَعْلَمُهُمْ بِاللَّهِ، وَأَشَدُّهُمْ لَهُ خَشْيَةً»

Тарҷума: «Ман Аллоҳро аз шумо беҳтар мешиносам, ва аз ӯ бештар метарсам.» (Муттафақун алайҳ)

Ва тарс аз Аллоҳ аз лавозиму талаботи имон аст, ҳар кас фақат аз Аллоҳ битарсад, дарвозаҳои биҳишт ба рӯяш боз мешаванд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَلِمَنۡ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِۦ جَنَّتَانِ﴾

Тарҷума: «Ҳар касе, ки аз истодан дар пешгоҳи Парвардигораш

[барои ҳисоб] метарсад, ду боғ [дар биҳишт] дорад». [Раҳмон-46]

Аҳли илм мегӯянд: Аллоҳи мутаол ду тарсро бар бандааш ҷамъ намекунад, ҳар касро дар дунё оромиш диҳад ва аз Парвардигораш натарсад - дар қиёмат ӯро метарсонад.

Пас, муроқибу огоҳ аз Парвардигорат бошу аз Холиқи хеш битарс, аз хушбахттарини махлуқот назди Парвардигорат мешавӣ.

Ва аз ғайри Аллоҳ дар ба даст овардани чизи писандида ё барои осудахотирӣ аз ваҳшат - монанди аз байн рафтани беморӣ ва ё дармону шифои он ё талаби ризқу рӯзӣ ё касби саломатӣ умедвор набош ва фақат ба Аллоҳ умедвор бош, зеро ҳамаи махлуқот дар табиаташон заифу нотавон ҳастанд, қатъан, онҳо бар ҷалби манфиату фоида барои хеш ва дафъи зарар аз он оҷизанд ва онҳо барои дигарон оҷизтаранд ва ҳеҷ касе ба махлуқе умедвор нашуд, магар ин ки умедаш ба бод рафт, пас орзуву умеди хешро ба ғайр аз Аллоҳ вобаста накун, ҳеҷ чизе ҷуз зиллат дар муқобили талабу дархостат ба даст намеорӣ, ва умедвори караму базлу бахшиш бекарони Аллоҳи мутаол бош, пас, умедвор шудан ба онҷӣ назди Аллоҳ аст, ибодат аст ва зиллату фурӯтании қалб дар муқобили Аллоҳи мутаол - иззати нафс, воло рафтани дараҷаву мақом ва расидан ба орзуҳо мебошад. Ва оромиши нафс дар супурдани умуру корҳо ба Офаридгораш мебошад, вобастагии он ба Холиқу Офаридгораш замоне чанд баробар мешавад, ки ба ёд оварад, ки бидонад, ки Аллоҳ аз аҳволи он огоҳу дар умураш меҳрубон ва дар бартараф намудани мушкилоташ тавоно мебошад пас, чаро ба махлуқе оҷизу нотавон дар бартараф кардани мушкилот ва бахил дар базлу бахшиш, вобаста шуд?!

Ва Парвардигорат дар ҳамаи масоилу корҳои зиндагият барои ту кофию басанда буда, сарпарасти умурат аст, агар ҳоҷату ниёзҳои худро ба Ӯ супурдӣ ва ҳамаи умуру корҳоятро ба ӯҳдаи Ӯ вогузор намудӣ:

﴿وَمَن يَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِ فَهُوَ حَسۡبُهُۥٓۚ﴾

Тарҷума: «Ва ҳар кас ки ба Аллоҳ таваккал кунад, Аллоҳ ӯро кофию басанда аст». [Талоқ - 3]

Хушбахт касе аст, ки умедвори раҳмати Аллоҳ аст ва аз азоби Ӯ метарсад ва дар ибодатҳо фурӯтану залили Ӯ мебошад ва паёмбарон ба

ин вижагиҳои воло, васфшуда буданд. Аллоҳи мутаол дар мавриди Закариё (а) ва аҳлаш мефармояд:

﴿إِنَّهُمۡ كَانُواْ يُسَٰرِعُونَ فِي ٱلۡخَيۡرَٰتِ وَيَدۡعُونَنَا رَغَبٗا وَرَهَبٗاۖ وَكَانُواْ لَنَا خَٰشِعِينَ﴾

Тарҷума: «Бешубҳа, онон дар (анҷоми) некӯкорӣ мешитофтанд ва бо умеду бим моро ба фарёд мехонданд ва барои мо фурӯтан буданд.» [Анбиё -90]

Паёмбарон дар умедворӣ ба онҷӣ назди Аллоҳ аст, аз ҷумлаи сабқатгирандагонанд. Аллоҳи мутаол дар хитоб ба Паёмбараш Муҳаммад (с) фармуд:

﴿وَإِلَىٰ رَبِّكَ فَٱرۡغَب﴾

Тарҷума: «Ва ба сӯи Парвардигорат бишитоб (барои фурӯтанӣ ва ибодат)». [Шарҳ -8]

Умедвории банда ба Аллоҳ бо зиёд шудани гуноҳонаш кам мешавад ва бо зиёд шудани имонаш он меафзояд. Ибни Қаййим (р) мегӯяд: «Агар Аллоҳи мутаол хайрро барои бандае бихоҳад, ӯро то ҳадди тавонаш ва ниҳояти талошаш ба умедвор будан ба Худ ва тарсидан аз Ӯ муваффақ мегардонад, зеро, инҳо лозимаву асоси муваффақият ҳастанд, пас, муваффақият ба миқдори росиху устувор будани умеду тарс дар қалб ба даст меояд ва тарс аз махлуқот зиллату хорӣ аст. Ҳар кас аз Холиқаш тарсид, бо иззат зиндагӣ мекунад ва дар зиндагияш хушбахт, дарку фаҳмаш зиёд ва аз пандпазирон мешавад. Аллоҳ таоло фармуд:

﴿سَيَذَّكَّرُ مَن يَخۡشَىٰ﴾

Тарҷума:«Он касе, ки метарсад, панд мепазирад». [Аъло -10]

Ва бо андарзу насиҳатҳо панд бигир. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَعِبۡرَةٗ لِّمَن يَخۡشَىٰٓ﴾

Тарҷума: «Дар ин ибрате аст барои касе, ки метарсад». [Нозиъот - 26]

Ва Қуръон барояш саодат ва панду дарс бошад:

﴿مَآ أَنزَلۡنَا عَلَيۡكَ ٱلۡقُرۡءَانَ لِتَشۡقَىٰٓ ۞ إِلَّا تَذۡكِرَةٗ لِّمَن يَخۡشَىٰ﴾

Тарҷума: «Мо Қуръонро бар ту нозил накардаем, ки ба ранҷ афтӣ, ҷуз барои ёдоварии касоне, ки аз Аллоҳ метарсанд». [Тоҳо - 2-3]

Ӯ сабаби бахшишу омӯрзиш ва подош ба шумор меравад:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ يَخۡشَوۡنَ رَبَّهُم بِٱلۡغَيۡبِ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَأَجۡرٞ كَبِيرٞ﴾

Тарҷума: «Барои касоне, ки дар ниҳон аз Парвардигорашон метарсанд, омӯрзишу музди фаровон аст». [Мулк -12]

Пас, Аллоҳи мутаолро дар баробари дидагони хеш қарор деҳ ва аз макру муҷозоташ дар амон набош ва аз қатъ шудани ризқу рӯзӣ ва ба таъхир афтодани шифо, бадбахтӣ ва ғайра, аз касе ғайр аз Аллоҳ натарс. Аллоҳи мутаол мефармояд: Тарҷума:

﴿فَلَا تَخۡشَوۡهُمۡ وَٱخۡشَوۡنِي وَلِأُتِمَّ نِعۡمَتِي عَلَيۡكُمۡ وَلَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ﴾

«Аз онон натарседу аз ман битарсед, то неъматамро бар шумо комил гардонам ва то ҳидоят шавед». [Бақара -150]

Банда ба танҳоӣ заифу нотавон буда, мӯҳтоҷи кӯмаки Парвардигори тавоно мебошад. Ва бо кӯмаки Ӯ банда аз кӯмаки махлуқот бениёз мешавад, ҳар кас барои расидан ба ҳадафаш талош кунад, вале аз Аллоҳи мутаол кумак нахоҳад ва дар дарёфти ҳадафаш худро мӯҳтоҷи Ӯ надонад, ҳамаи дарвозаҳо барояш баста мешаванд ва барояш дастёбӣ ба ҳамаи ҳадафу мақсадҳо сахту мушкил мешавад. Паёмбар (с) ба Абдуллоҳ ибни Аббос (р) фармуданд:

**«يَا غُلَامُ! إِنِّي أُعَلِّمُكَ كَلِمَاتٍ؛ احْفَظِ اللَّهَ يَحْفَظْكَ، احْفَظِ اللَّهَ تَجِدْهُ تُجَاهَكَ، إِذَا سَأَلْتَ فَاسْأَلِ اللَّهَ، وَإِذَا اسْتَعَنْتَ فَاسْتَعِنْ بِاللَّهِ»**

Тарҷума: «Эй писар! Ба ту чанд калима ёд медиҳам, (аҳкоми) Аллоҳро риоя кун, Аллоҳ туро ҳифз мекунад, Аллоҳро ёд кун Ӯро дар баробари худ меёбӣ, ҳар гоҳ чизе хостӣ фақат аз Аллоҳ бихоҳ ва ҳаргоҳ талаби ёрию кумак намудӣ, фақат аз Аллоҳ талаби ёрӣ кун». (Ривояти Тирмизӣ)

Мадад хостан аз Аллоҳ мадору асли дин мебошад:

﴿إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ﴾

Тарҷума: «Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем». [Фотиҳа -5]

Ва паёмбарон қавмҳои худро ба он дастур медоданд:

Тарҷума:

﴿قَالَ مُوسَىٰ لِقَوۡمِهِ ٱسۡتَعِينُواْ بِٱللَّهِ وَٱصۡبِرُوٓاْ﴾

«Мӯсо ба қавмаш гуфт: Аз Аллоҳ мадад ҷӯед ва сабр пеша созед». [Аъроф-128] Шайхулислом ибни Таймия (раҳ) мегӯяд:«Дин иборат аст

аз ин ки ҷуз Аллоҳ парастиш нашавад ва аз ғайри Ӯ мадад талаб нашавад».

Камоли бениёзии банда дар вобастагии ӯ ба Парвардигораш мебошад ва аз фазли Аллоҳ бар бандагонаш ин аст, ки ҳар кас ба Ӯ вобаста шуд, ӯро мадад мекунад, пас, ризқу рӯзӣ бо тоату ибодат ва мадад хостан аз Ӯ осон мегардад ва бо таваккалу фурӯтанӣ ба Ӯ баракат дар ризқу рӯзӣ бештар мегардад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجۡعَل لَّهُۥ مَخۡرَجٗا ۞ وَيَرۡزُقۡهُ مِنۡ حَيۡثُ لَا يَحۡتَسِبُ﴾

Тарҷума: «Ва ҳар кас аз Аллоҳ битарсад, Аллоҳ барои ӯ роҳе мекушояд ва аз ҷойе ӯро рӯзӣ медиҳад, ки гумонашро намебарад». [Талоқ - 2-3]

Ва зиндагӣ пур аз офату ногувориҳост. Аллоҳ мефармояд:

﴿لَقَدۡ خَلَقۡنَا ٱلۡإِنسَٰنَ فِي كَبَدٍ﴾

Тарҷума: «Яқинан, инсонро дар ранҷ офаридем». [Балад - 4]

Ҳар махлуқе душманоне аз инсу ҷин дорад ва саркардаи онҳо Иблис -лаънати Аллоҳ бар ӯ бод -мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلشَّيۡطَٰنَ لَكُمۡ عَدُوّٞ فَٱتَّخِذُوهُ عَدُوًّا﴾

Тарҷума: «Ҳамоно Шайтон душмани шумо аст, пас, ӯро душмани худ қарор диҳед». [Фотир - 6]

Ва банда дар паноҳ бурдан аз бадиҳо ба Аллоҳ бениёз нест ва Парвардигоре, ки васфшуда ба тавоноӣ, қаҳру иззат аст, ҳар кас ба Ӯ паноҳ барад, озору азияти ҳеҷ кас ба ӯ намерасад ва зарар аз ӯ ақибу дур мемонад, гарчанде ки сабабаш қоиму мавҷуд бошад. Паёмбар (с) фармуданд:

**«مَنْ نَزَلَ مَنْزِلاً، ثُمَّ قَالَ: أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَّاتِ مِنْ شَرِّ مَا خَلَقَ؛ لَمْ يَضُرَّهُ شَيْءٌ حَتَّى يَرْتَحِلَ مِنْ مَنْزِلِهِ ذَلِكَ»**

Тарҷума: «Ҳар кас дар ҷое фурӯд омаду сипас гуфт: Паноҳ меҷӯям ба калимаҳои томмаи Аллоҳ аз шарри онҷӣ офаридааст; чизе ба ӯ газанд намерасонад, то аз он манзил кӯч бандад».(Ривояти Муслим)

Қуртубӣ (раҳ) мефармояд:«Аз замоне, ки ин ҳадисро шунидам ба он амал намудам, пас, ҳеҷ чизе ба ман зараре нарасонд, то ин ки онро раҳо намудам, пас, ақрабе дар Маҳдия дар ҳангоми шаб маро неш заду сипас, бо худ андешидаму ногаҳон ёдам омад, ки фаромӯш кардам бо ин калимаҳо ба Аллоҳ паноҳ бибарам».

Ва махлуқот ҳамеша дар маърази сахтиву зарар ҳастанд ва ҳаргиз зиндагияшон гуворо намешавад, магар бо тавассул ҷустан ба чунин Зоте ва паноҳ бурдан ба Ӯ, зеро ҳама суду зиёнҳо бо дасти Ӯ мебошанд ва ҳар кас талош кунад ба ту зараре бирасонад, ҳаргиз ба орзуяш намерасад, то замоне, ки Аллоҳ нахоҳад, Паёмбар (с) мефармояд:

**«وَاعْلَمْ أنَّ الأُمَّةَ لَوِ اجْتَمَعُوا عَلَى أَنْ يَضُرُّوكَ بِشَيْءٍ لَمْ يَضُرُّوكَ إِلَّا بِشَيْءٍ قَدْ كَتَبَهُ اللَّهُ عَلَيْكَ»**

Тарҷума: «Бидон агар ҳамаи уммат ҷамъ шаванд, то ба ту зарару зиёне бирасонанд, наметавонанд магар онҷӣ Аллоҳ ба ту муқаддар намудааст». (Ривояти Тирмизӣ)

Аллоҳи мутаол ба Паёмбараш дастур дод, то ба Офаридгори субҳ аз шарри махлуқот, аз шарри торикии шаб ва аз шарри ҳасуду бахил паноҳ барад ва Зоти тавоное, ки тавоноии аз байн бурдани торикиҳои ин ҳастиро дорад, тавоноии бартараф намудани онҷӣ шахси паноҳгиранда аз он меҳаросаду метарсадро дорад ва касе, ки ба Аллоҳ паноҳ мебарад ва дар ҳамаи умураш ба Ӯ паноҳ меҷӯяд, паноҳгоҳе мустаҳкам аз аҳли бадию маккорон аст,

Ва Парвардигори мо! Мо ҳеҷ ёру ёваре дар сахтиҳо ва паноҳгоҳе ҷуз Ӯ надорем, талабкунанда аз Аллоҳ ва паноҳбаранда ба Ӯ - холистарин навъи дуоро истифода намудааст ва талаби мадад намудан аз Парвардигори бузург паноҳгоҳи паёмбарону ниёгон дар вақти сахтиҳову дасисаҳо мебошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِذۡ تَسۡتَغِيثُونَ رَبَّكُمۡ فَٱسۡتَجَابَ لَكُمۡ أَنِّي مُمِدُّكُم بِأَلۡفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُرۡدِفِينَ﴾

Тарҷума: «Ва онгоҳ, ки аз Парвардигоратон ёрӣ хостед ва Аллоҳ пазируфт, ки ман ба ҳазор фаришта, ки пай дар пай меоянд, ёриатон мекунам». [Анфол-9]Аллоҳи мутаол фармуданд:

﴿أَمَّن يُجِيبُ ٱلۡمُضۡطَرَّ إِذَا دَعَاهُ﴾

Тарҷума:«Чи касе ба фарёди дармондае мерасад, ҳар гоҳ ӯро ба кумак бихоҳанд». [Намл -62]

Ва ҳар кас мурдагонро садо бизанад, садои ӯро намешунаванд ва ҳоҷаташ бароварда намешавад ва Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ مَا يَمۡلِكُونَ مِن قِطۡمِيرٍ ❁

إِن تَدۡعُوهُمۡ لَا يَسۡمَعُواْ دُعَآءَكُمۡ وَلَوۡ سَمِعُواْ مَا ٱسۡتَجَابُواْ لَكُمۡ﴾

Тарҷума: «Ва касонеро, ки ба ҷойи Ӯ мехонед, [дар баробараш чунон фақиранд, ки ҳатто] пӯсти ҳаставу донаи хурмоеро доро нестанд. Агар онанро бихонед, садоятонро намешунаванд ва [ба фарзи маҳол] агар бишнаванд, посухатонро намедиҳанд». [Фотир -13-14]

Ва агар ба ту мусибате расид ва ғаму андӯҳҳо шиддат гирифтанд, пас, аз Аллоҳи мутаол ки донандаи ғайбҳост кӯмаку мадад бихоҳ:

﴿إِنَّمَآ أَمۡرُهُۥٓ إِذَآ أَرَادَ شَيۡـًٔا أَن يَقُولَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ﴾

Тарҷума: «Чун бихоҳад чизеро биёфаринад, мегӯяд: мавҷуд шав, пас мавҷуд мешавад». [Ёсин - 82]

Ва ягона донистани Аллоҳ дар ҳама афъоли бандагон эътиқоди софу саодатест, ки ҳамаи ҷомеаро дарбар мегирад ва оромише дар қалбҳост.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعۡبُدُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِي خَلَقَكُمۡ وَٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ۞

ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَرۡضَ فِرَٰشٗا وَٱلسَّمَآءَ بِنَآءٗ وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءٗ

فَأَخۡرَجَ بِهِۦ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ رِزۡقٗا لَّكُمۡۖ فَلَا تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادٗا وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ﴾

«Он, ки заминро барои шумо бигустурд ва осмонро [ҳамчун сақфе] болои саратон қарор дод ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он анвои меваҳоро ба вуҷуд овард, то рӯзии шумо бошад. Бинобар ин, барои Аллоҳ таоло ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки [ҳақиқатро] медонед». [Бақара -22]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар Қуръони азимушшаън баракат иноят фармояд…

## Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат ниҳод ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон**:

Дарвозаҳои саодату хубиҳо бо вобаста будани қалб ба Аллоҳ кушода мешаванд ва дарвозаи шарру бадӣ бо тавбаву истиғфор баста мешавад ва сиҳату офияти қалб дар тарки гуноҳ мебошад ва неъматҳои дунё - ин вобастагии қалб ба Аллоҳ бо муҳаббату тарс аз Ӯ ва умед ба фазлаш мебошад. Пас, тарси Аллоҳи мутаол туро аз нофармонияш дур нигоҳ медораду умеди Ӯ туро ба тоаташ водор мекунад ва муҳаббаташ туро ба Аллоҳ таоло роҳнамоӣ мекунад, пас, аъмолатро холисона ва ба беҳтарин шакл дар зоҳиру ботин барои Аллоҳ қарор бидеҳ, ҳамроҳ бо яқин ба ин ки Аллоҳи мутаол аз даруни ниятҳо огоҳӣ дорад ва ба розу асрорҳо бино ва доност.

Сипас, бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба фиристодани салому дуруд бар Паёмбараш амр намудааст...

# Ақидаи мусулмон[1]

Бешубҳа, ҳамаи ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзишу бахшиш менамоем, аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро Ӯ гумроҳ намояд ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ таоло нест яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёрони ӯ бод.

**Аммо баъд**:

Эй бандагони Аллоҳ, тақвои Аллоҳро он гуна, ки шоистаи Ӯст пеша намоед, касе, ки аз Парвардигораш битарсад наҷот меёбад ва касе, ки тасдиқаш кунад пушаймон намешавад ва касе, ки ба Ӯ умедвор бошад - пас Ӯ беҳтарин умеди умедворон аст.

**Эй мусулмонон:**

Бешак, дини Ислом комилтарину фарогиртарин дин аст, ки ҳамаи маслаҳату манфиатҳои башарро дар бар мегирад, сар карда аз ибодатҳо, муомилот, ҳадду таъзирот (иҷро ва татбиқи аҳкоми илоҳӣ) ва ғайра, ки шахсро пок карда, ҷомеаро аз шӯришу нооромӣ эмин нигоҳ медорад. Нафсҳои башариро идора мекунаду бар онҳо лаҷом мезанад, то аз даст задан ба мункароту бадиҳо ва олуда шудан ба гуноҳон худдорӣ кунанд, инчунин инсонро аз корҳои пасту ахлоқи зишту нописанд бозмедорад. Ҳеҷ кас наметавонад дар зиндагии дунё саодатманду хушбахт гардад, магар бо чанг задану амал кардан ба дини Ислом ва ҳаргоҳ имону ихлос зиёд гардад, подоши он ҳам зиёд мешавад, ва[ле] ширк сабабгори нобудии аъмоли нек мегардад.

Дар байни мушрикони Қурайш касоне буданд, ки ибодат ва ҳаҷҷу умра мекарданд, садақа медоданд, силаи раҳму робитаи хешовандиро ҳифзу барпо медоштанд, то ҳадде, ки ба ягонагии Худо дар офариниш ва тадбиру идораи дунё эътироф мекарданд ва ҳатто дар сахтиҳо Аллоҳи мутаолро холисона ибодат мекарданд, аммо байни Аллоҳ ва

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 14-уми зулҳиҷҷаи соли 1421-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст

худашон воситаву васила қарор медоданд ва онҳоро мехонданд, барояшон қурбонӣ мекарданд, аз онҳо кӯмак мехостанд ва талаби шафоат мекарданд, ба гумони ин ки онҳо ба Аллоҳ наздиктаранд. [Дар чунин шароите] Аллоҳ таоло Муҳаммад (с) -ро фиристод, то дини падарашон Иброҳим (а)-ро таҷдиду бозсозӣ намуда, онҳоро огоҳ созад, ки ибодат танҳо ҳаққи Аллоҳи мутаол аст ва ин амалкарди онҳо (ширк) ҳамаи ибодатҳояшонро фосид кардааст, пас, бо онҳо ҷиҳод намуд, то дуову назр кардан, мадад хостан ва ҳама намуди ибодатҳоро фақат барои Аллоҳ таоло анҷом диҳанд.

Ва ҳамчунин талаби шифои беморон, хушбахт намудани хешовандон, бахшидани гуноҳон ва илова бар инҳо аз корҳое, ки фақат Аллоҳ тавоноии онро дорад, танҳо аз Аллоҳ бихоҳанд ва барои намозу дуо ба назди қабру оромгоҳҳо наравunião, зеро онҳо манзили мурдагоне ҳастанд, ки ё дар нозу неъматанд ва ё дар азоби дӯзах қарор доранд.

Аз бузургтарин гуноҳон кӯмак хостан аз шахси мурда аст, балки кӯмак хостан аз ҳар махлуқе дар онҷӣ дар тавони онҳо нест ҳам аз бузургтарин гуноҳон мебошад, монанди ин аст, ки ғарқшудае аз ғарқшудаи дигар талаби кӯмаку наҷот кунад ва ҳеҷ касе аз бандае умедвор нашуда, магар ин ки умеду гумонаш нобуд гардидааст, пас, ба Аллоҳ таоло рӯй оваред, зеро Аллоҳи мутаол бо истифодаи сабабҳо ва бидуни онҳо аз ҷое, ки гумон надошта бошед ризқу рӯзӣ медиҳад ва Ӯ беҳтарин дӯсту ёвар аст. Каффораи ширк тавҳид аст ва некиҳо гуноҳонро аз байн мебаранд; касе, ки барои ҳалли мушкилаш ба ғайри Парвардигораш умед дошта бошад, дар олами хаёл зиндагӣ мекунад ва чизи маҳолу номумкинеро талаб кардааст.

Ҳамин, ки инсон ба васила таъвиз ва тӯмору амсоли он аз ғайри Аллоҳ ҳоҷаташро хостааст, худ вобастагӣ ва таъаллуқ ба ғайри Аллоҳ аст, Паёмбар (с) мефармояд:

«إِنَّ الرُّقَى وَالتَّمَائِمَ وَالتِّوَلَةَ شِرْكٌ»

Тарҷума:«Авродхонӣ бар бемор ва овехтани чизе ба касе ва чизе, ки барои эҷоди муҳаббат байни зану шавҳар омода мешавад, ҳамагӣ ширк ҳастанд». (Ривояти Аҳмад)

Ва таъвиз чизи ҷомиду берӯҳе буда, ҳаргиз наметавонад ҳукми Аллоҳ таолоро тағйир диҳад ё инсонро аз офату мусибатҳо ҳифз кунад ва ё ӯро ба орзуяш бирасонад. Касоне, ки таъвизу тӯморро бар гардани фарзандону занон ё ғайра мекунанд, Аллоҳи мутаол онҳоро ба ҳамон

вогузор карда, хор мекунад, пас, робитаи худат бо Аллоҳро мустаҳкаму устувор ва эҳтиёҷоту ниёзҳоятро аз Ӯ бихоҳ ва ба Ӯ паноҳ бар ва амру коратро ба Ӯ бисупор, то ин ки мушкилотат рафъ шаванд ва дилат мутмаинну ором гардад:

﴿وَمَن يَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱللَّهِ فَهُوَ حَسۡبُهُۥٓ﴾

Тарҷума:«Ва ҳар кас бар Аллоҳ таваккал кунад, Аллоҳ ӯро кофиву басанда аст». [Талоқ -3]

Ва агар Аллоҳ таоло бандаи таваккалкунанда ба худашро кифояту басандагӣ карда, ӯро муҳофизат намояд, пас, ҳеҷ душмане наметавонад дар ӯ тамаъ кунад, пас таваккалатро оҷизию нотавонӣ ва нотавониятро таваккал қарор надеҳ.

Ва бидон рафтан назди ҷодугарону ғайбгӯён ва хурофоти онҳоро бовар кардану аз онҳо дар бораи умуру масоили ғайбию пинҳонӣ чи гузашта ва чи оянда назар хостан ё аз онҳо талабу дархости ҷудоӣ андохтан байни зану мард ё муҳаббат андохтан байни онҳо ё ба он розӣ будан далел бар заъфи ақида ва сустии таваккал аст, балки далел бар ин аст ки чунин инсоне ба қазову қадари илоҳӣ ва онҷӣ ки Аллоҳ барояш дар тақдир навиштааст, хашмгину норозӣ аст, Паёмбар (с) мефармояд:

«مَنْ أَتَى كَاهِناً أَوْ عَرَّافاً فَصَدَّقَهُ بِمَا يَقُولُ؛ فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِلَ عَلَى مُحَمَّدٍ»

Тарҷума: «Ҳар кас назди коҳину ғайбгӯе биравад ва ӯро тасдиқу намояд, бешубҳа ба онҷӣ бар Муҳаммад (с) нозил шуда, куфр варзидааст». (Ривояти Аҳмад)

Ва ризқе, ки Аллоҳ муқаддар намударо ҳирси ҳарисе бештару наздиктар намекунад ва онро кароҳату нафрати дигарон манъ намекунад, Ҳасани Басрӣ (раҳ) мегӯяд: «Вақте фаҳмидам, ки ризқу рӯзии ман насиби каси дигаре намешавад, қалбам ором гирифт». Пас, рафтан назди шӯъбадозу найрангбоз сабаби зудрасии ризқи инсон ва таъхиру ба қафо андохтани марг намегардад, Қуртубӣ (раҳ) мегӯяд: «Касоне, ки қудрату дастрасӣ доранд, монанди ҳайъати амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва дигар мақомотҳои расмӣ бар онҳо воҷиб аст, ки пеши роҳи чунин мункарот, яъне: ҷодугарону найрангбозонро бо ҷиддияту қатъият бигиранд ва бо онҳое, ки назди онҳо мераванд сахтгирона бархӯрд кунанд»

Аз савганд хӯрдан бипарҳез, ҳатто агар рост бошад, зеро парҳез аз қасам далел бар он аст, ки Парвардигоратро таъзиму бузургдошт

мекунӣ ва агар қасам хӯрдӣ, ҷуз ба номе аз номҳои Парвардигорат савганд нахӯр, монанди Каъба, Паёмбар, Амонат ва Валӣ.

Ва ба тақдиру офариниш ва тадбиру чораандешии Аллоҳ яқину бовар дошта бош ва дар баробари аҳкому имтиҳонҳои илоҳӣ сабру пойдорӣ дошта бош ва таслими умураш бош, бо дар назардошти ин ки дунё саршор аз мушкилоту сахтиҳо ва такаллуфу машаққатҳост, пас, дар ҳар сурат ба онҷӣ бароят муқаддар гардида, имону бовар дошта бош, чаро ки имон ба он рукне аз аркони дин аст, чунин нест, ки ҳарчӣ инсон орзу кунад дарёбад, бо исрору зорӣ дар дуо ва комил рӯй овардан ба Худо, дарҳои раҳмат боз мешавад ва матлубу хоста ба даст меояд.

Бар мӯъмин лозим аст, ки тарсу умедаш баробар бошанд, ҳар гоҳ яке аз ин ду ғолиб гардад, соҳибашро нобуд мекунад. Ҳар касе, ки мағлуби тарсаш шуд ба навъе ноумедӣ дучор мешавад ва касе, ки умедаш ғолиб шавад аз азобу гирифти Парвардигор дар амон хоҳад буд, инчунин тарс ба андозае лозим аст, ки туро аз онҷӣ ҳаром шудааст, дур нигоҳ дорад.

Ҳар гоҳ ҳаловату ширинии амали солеҳу некро дар дилат эҳсос накардӣ, амалатро муттаҳаму айбдор кун, зеро Аллоҳи мутаол Шакур аст ва бидон дар дунё биҳиштест, ки ҳар кас вориди он нашавад, ба биҳишти қиёмат дохил намешавад. Маҳрум касе аст, ки қалбаш аз Парвардигораш ғофил бошад ва асир касе аст, ки хоҳишҳои нафсонӣ ӯро асир бигардонанд. Намози боҷамоъати мусулмонон дар масҷидҳо имонро афзоиш дода, чеҳраро нуронӣ мекунад ва аз муҳаррамоту ҳаромшудаҳо бозмедорад, чунон ки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَۖ إِنَّ ٱلصَّلَوٰةَ تَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِ﴾

Тарҷума: «Ва намозро барпо дор. Ба ростӣ, ки намоз инсонро аз гуноҳ ва зишткорӣ бозмедорад» [Анкабут -45]

Ҳалол хӯрдан ва ҳалол нӯшидан далел бар саломату сиҳати имон, ҳусни амал ва сабаби қабул шудани дуо аст. Аз ин рӯ, Паёмбари Худо (с) мефармоянд:

«يَا سَعْدُ! أَطِبْ مَطْعَمَكَ تَكُنْ مُسْتَجَابَ الدَّعْوَةِ»

Тарҷума: «Эй Саъд ризқу рӯзии ҳалол бихӯр, то ин ки ҳамавақт дуоят қабулу мустаҷоб гардад». (Ривояти Табаронӣ)

Аз доду гирифти ҳаром, махсусан доду ситади суд (рибову судхӯрӣ)

бипарҳез, то ин ки нафсу рӯҳат пок гардад.

Дар рафтору бархӯрд бо дигарон бар асоси дӯстӣ барои Аллоҳ ва душманӣ барои Аллоҳ амал кун. Касе, ки дар пайи ба даст овардани ризояти Аллоҳ таоло аст, гарчанде ки мардум аз ӯ норозӣ бошанд, Аллоҳ ӯро ҳифз мекунад; зеро Аллоҳ дилҳои мардумро ба сӯи ӯ бармегардонад, яъне ризояту хушнудии Парвардигор аз ҳар кас ва ҳар чизе чизе болотару афзалтар аст.

Аз зулму ситам ба дигарон бипарҳез, ки зулм дар Охират чанд баробар гашта, домани туро хоҳад гирифт ва дуои шахси мазлуму зулмдида қабулу мустаҷоб аст. Пас, ҳуқуқи дигаронро ба онҳо баргардон ва таҷовузу ситам накун. Зулм ҳатман сабабгори тарки амали солеҳу неке ё даст задан ба гуноҳе мегардад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَن يَظْلِم مِّنكُمْ نُذِقْهُ عَذَابًا كَبِيرًا﴾

Тарҷума: «Ва ҳар касе аз шумо, ки [ширк биварзад ва ба худ] ситам кунад, азоби бузурге ба вай мечашонем». [Фурқон -19]

Дар ҳақиқат, оқилу доно касе аст, ки ба ҷои [ҷустуҷӯи] айбҳои дигарон ба [ислоҳи] айбҳои худаш машғул шуда, дар ибодати Парвардигораш ҷиддӣ бошад. Касе, ки ба сӯи Аллоҳ кадам бармедорад, бояд ҳимматбаланд бошад, то ҳимматаш ӯро ба пеш барад ва бояд илме дошта бошад, ки роҳро барояш нишон диҳад ва ҳамвора иршоду роҳнамоияш кунад. Пас, ба сӯи Аллоҳ гом бардору неъматҳои Парвардигоратро пайваста дар назар дошта бош, ҳамеша айбҳои худатро ҷустуҷӯ ва ислоҳ намо ва аз бозӣ кардан бо обрӯи дигарон бо ғайбату бӯҳтон бипарҳез, Паёмбари Худо (с) мефармояд:

«إِنَّ دِمَاءَكُمْ وَأَمْوَالَكُمْ وَأَعْرَاضَكُمْ بَيْنَكُمْ حَرَامٌ كَحُرْمَةِ يَوْمِكُمْ هَذَا، فِي شَهْرِكُمْ هَذَا، فِي بَلَدِكُمْ هَذَا»

Тарҷума: «Ба яқин бидонед, ки хуну мол ва обрӯи шумо бар якдигар ҳаммонанди ҳурмати ин рӯз дар ин моҳ, дар ин шаҳр барои шумо ҳаром аст». (Муттафақун алайҳ)

Мабодо ҳасаду хоҳишоти нафсонӣ туро ба бӯҳтон задани мардум водор кунад. Ҳасаду бахилӣ аз ҳар гуноҳи дигаре уқубату ҷазояш бештар аст. Инсон, табиатан дӯст медорад, ки худашро аз ҳамнавъонаш бартар бубинад. Ончӣ дар ин замина мазмуму нописанд аст - ин аст, ки тавре бархӯрд кунад, ки гӯё аз қазо ва қадар норозӣ аст

ва исрору пофишорӣ дошта бошад, ки ҳатман ба ҳарифаш зарар ва зарба бизанад, пас, ин хислати зиштро аз худат дур гардону ҳамвора тақво пеша кун, зеро касе, ки тақво ва сабр дошта бошад, Аллоҳи мутаол ба василаи тақвояш ба ӯ нафъу фоида мерасонад. Хештанро бо ахлоқи некӯ зинату оро дода, дар анҷоми ибодат мудовиму пойдор бош, чаро ки ибодати зиёд риёкориро аз байн мебарад ва имдодталабӣ аз Аллоҳ инсонро аз такаббурию ҳавобаландӣ ҳифз мекунад, инчунин амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мусибатро дафъу дур мекунад. Аз гуноҳони хурду бузург бипарҳез, ки гуноҳон қалбу баданро суст карда, неъматҳоро аз байн мебаранд ва азобро ба бор меоранд. Шайтон барои инсон гуноҳонро бисёр зебову лаззатбахш ҷилва дода, азобу уқубати онро аз ёдаш мебарад ва ӯро пайваста ба раҳмату мағфирати Аллоҳ умедвор мекунад, то ин ки дубора ба гуноҳ олудаашон кунад. Бинобар ин, ҳаракату талошаш барои Аллоҳ ва рӯзи қиёмат суст мегардад ва Шайтон барои инсон домҳои рангину фиребандае омода карда, шахсони зиёдеро сайд кардааст. Пас ба дунболи Шайтон нарав ва аз муқовимату кӯшиш дар баробари ӯ даст накаш ва зиёд амали солеҳу некӯ анҷом бидеҳ, ки аз нишонаҳои қабул шудани амали солеҳ, ин анҷом додани амали солеҳи дигаре дар пайи он мебошад.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿وَأَنَّ هَٰذَا صِرَٰطِي مُسۡتَقِيمٗا فَٱتَّبِعُوهُۖ وَلَا تَتَّبِعُواْ ٱلسُّبُلَ فَتَفَرَّقَ بِكُمۡ عَن سَبِيلِهِۦۚ ذَٰلِكُمۡ وَصَّىٰكُم بِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ﴾

Тарҷума: «Ва ин, ки [огоҳ бошед] ин роҳи рости Ман аст, пас, аз он пайравӣ кунед ва аз [дигар] роҳҳо пайравӣ накунед, [чаро ки] шуморо аз роҳи Ӯ ҷудо месозад. Ин аст [он чи Аллоҳ таоло] шуморо ба [пайравӣ аз] он супориш кардааст, бошад, ки парҳезгор шавед». [Анъом -153]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони азимушшаън баракат иноят фармояд…

## Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуда, тавфиқ доду миннат ниҳод ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Паёмбари мо Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд, эй мусулмонон**:

Зиндагӣ марге ба дунбол дорад ва дунё охирате. Ҳар амал ҳисобе дорад ва ба ҳар чизе нозиру нигаҳбоне муқаррар шудааст. Ҳар некӣ подош, ҳар гуноҳ уқубату ҷазо ва ҳар амал поёне дорад. [Аз ин рӯ, ] ногузир бояд рафиқи зиндае дошта бошӣ, ки бо ту пас аз марг дафн гардад, ки агар хуб бошад икромат хоҳад кард ва агар бад бошад ба ту бадӣ хоҳад кард. Ин рафиқ бо ту ҳашру барангехта хоҳад шуд, ба ғайр аз ӯ аз ту суоле нахоҳад шуд. Пас, онро солеҳу некӯ гардон, агар солеҳ бошад бо ӯ унс мегирӣ ва агар бад бошад аз ӯ метарсӣ - ӯ (рафиқи тавсифшуда) амали ту аст.

Пас, ҳар қадаре, ки метавонӣ аъмоли солеҳу некӯи бештар анҷом дода, бар динат устувор бошу кӯшиш намо, ки онро таҳким бахшию тақвият кунӣ. Амру фармонҳояшро ба ҷо оварда, аз наҳйшудаву манъшудаҳо бипарҳезу ба динат чанг бизан ва мафҳуму талаботашро анҷом бидеҳ ва худатро ба имону илм ва амали солеҳ мусаллаҳ намо ва аз ҳодисаҳову саҳнаҳои такондиҳандаю эҳсосбарангез ибрат биёмӯз ва дар мавъизаву андарзҳои қуръонӣ тадаббуру андеша кун, инҳо росттарин қиссаву достонҳо мебошанд. Пайваста ба ёду зикри Аллоҳ машғул бош, ки зикр вақти муайян ва истироҳату поёне надорад ва бар кӯтоҳию камбудии худ ҳамвора истиғфор кун ва Аллоҳро ба хотири тавфиқу мададаш сипос бигӯ. Сипас бар беҳтарини халқи Худо, Муҳаммад писари Абдуллоҳ дуруду салом бифиристед. Бешак, Аллоҳ таоло шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намудааст…

# Гумони нек ба Аллоҳ[1]

Бешубҳа, ҳамаи ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзишу бахшиш менамоем, аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро Ӯ гумроҳ намояд, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ таоло нест яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёрони ӯ бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Аллоҳро он гуна, ки шоистаи Ӯст пеша созед ва ба ресмони мустаҳкаму устувори Ислом чанг занед.

**Эй мусулмонон:**

Тавҳид - ҳаққи Аллоҳ таоло бар бандагонаш аст ва ба хотири он Худованди Мутаол расулонашро фиристода, китобҳояшро нозил намудааст. Ҳақиқати тавҳид - ин ягона донистани Аллоҳ дар ибодатҳо мебошад ва ибодат калимаи ҷомеъу дарбаргирандаест, ки ҳар чизе, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мебошадро - аз гуфтору кирдори зоҳирӣ ва ботинӣ, фаро мегирад. Пас, барои қалб ибодати хос барои худаш вуҷуд дорад ва ибодати қалб бузургтару бодавомтар аз ибодати аъзои ҷавориҳу бадан буда, ворид шудани аъмоли қалб дар имон аз аъмоли аъзои ҷавориҳу бадан авлотару беҳтар мебошанд. Аз ин рӯ, имоне, ки бо шинохту огоҳӣ ва ба беҳтарин шакл бар дил қоиму пойдор бошад, мақсуду ҳадафи аслӣ аст. Амалҳои зоҳирӣ, ки бо аъзои ҷавориҳу бадан анҷом дода мешаванд, пайраву қисми такмилдиҳандаи он (амалҳои қалб) мебошанд вабо дар назар гирифтани аъмоли қалб, онҳо пазируфтаву ислоҳ мешаванд. Пас, амали қалб рӯҳу асоси ибодат аст ва агар амалҳои зоҳирӣ аз амалҳои қалб холӣ бошанд, дар ин сурат он амалҳо монанди ҷасади мурдае мегарданд, ки дар онҳо рӯҳу ҷоне нест. Паёмбари Худо (с) мефармояд:

---

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 18-уми рабеъулохири соли 1439-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

«أَلَا وَإِنَّ فِي الْجَسَدِ مُضْغَةً، إِذَا صَلَحَتْ صَلَحَ الْجَسَدُ كُلُّهُ، وَإِذَا فَسَدَتْ فَسَدَ الْجَسَدُ كُلُّهُ، أَلَا وَهِيَ الْقَلْبُ»

Тарҷума: «Бидонед, ки дар бадан узве вуҷуд дорад, ки хубӣ ва бадии боқимондаи аъзо ба некӣё зиштии он [узв] вобастагӣ дорад ва он узв - қалб аст». (Муттафақун алайҳ)

Бартарии бандагон дар бартарииончӣ дар қалбҳост, мебошад ва бо он аъмоле, ки дар дилҳост, бартарӣ пайдо мекунанд ва қалб ҷойгоҳе аст, ки Аллоҳи мутаол ба он менигарад. Паёмбар (с) фармуданд:

«إِنَّ اللَّهَ لَا يَنْظُرُ إِلَى أَجْسَادِكُمْ، وَلَا إِلَى صُوَرِكُمْ، وَلَكِنْ يَنْظُرُ إِلَى قُلُوبِكُمْ وَأَعْمَالِكُمْ»

Тарҷума: «Аллоҳ ба тану пайкараҳои шумо наменигарад, балки ба дилҳо ва аъмоли шумо менигарад». (Ривояти Муслим)

Ва аз ҷумлаи аъмоли қалбӣ, ки ба он бисёр таъкид шудааст - доштани гумони нек ба Аллоҳ аст; Пас, ин амал аз фароизи Ислом ва яке аз ҳуқуқу воҷиботи тавҳид мебошад ва маънои комилу шомили он чунин аст: Ҳар гумони неке, ки шоистаи камоли зоти Аллоҳ таоло, номҳо ва сифатҳои Ӯ мебошад. Ва гумони нек фаръу шохаи илми зоти Аллоҳи мутаол аст ва асоси он илм - шинохти вусъату паҳновари раҳмати Аллоҳи мутаол, иззату эҳсонаш, қудрату илмаш ва интихоби некӯяш мебошад. Ҳаргоҳ ин шинохт комил шуд, бешак гумони нек ба Аллоҳ барои банда самараву натиҷа медиҳад ва гоҳе гумони нек бо мушоҳида намудани бархе номҳо ва сифоти Аллоҳи мутаол ба вуҷуд меояд.

Ва ҳар касе дар қалбаш маънои ҳақиқии номҳо ва сифатҳо бошад, ба ҳамон андозаи гумони неке, ки муносиби ҳар исму сифат бошад дар қалби ӯ ба вуҷуд меояд, зеро ҳар сифате убудияту бандагӣ ва гумони неке дорад.

Ва камолу бузургвори ва ҷамолу бартариаш бар махлуқоташ гумони нек ба Ӯ таолоро лозим мекунад ва ба ҳамин далел Аллоҳи мутаол ба бандагонаш фармудааст:

﴿وَأَحْسِنُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُحْسِنِينَ﴾

Тарҷума: «Ва некӣ кунед хамоно Аллоҳ некӯкоронро дӯст медорад». [Бақара - 195]

Суфёни Саврӣ (р) мегӯяд: «Гумони нек ба Аллоҳро некӯ гардонед». Ва Паёмбар (с) қабл аз вафоти хеш ба бузургии манзилату ҷойгоҳи гумони нек ба Аллоҳ таоло таъкид намуд. Ҷобир (р) мегӯяд:

«سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم قَبْلَ مَوْتِهِ بِثَلَاثَةِ أَيَّامٍ يَقُولُ: **لَا يَمُوتَنَّ أَحَدُكُمْ إِلَّا وَهُوَ يُحْسِنُ الظَّنَّ بِاللَّهِ عز وجل**»

Тарҷума: «Аз Расули Худо (с) се рӯз қабл аз вафоташон шунидам, ки фармуданд: **Ҳеҷ кас аз шумо намирад, магар ин ки гумонаш нисбат ба Аллоҳ некӯ бошад**». (Ривояти Муслим)

Аллоҳ бандагони фурӯтани Худро ба хотири гумони некашон таъриф намуда, тасҳилу осонсозии ибодатро барои онҳо башорату муждаи фаврӣ ва имдодрасон қарор додааст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَٱسْتَعِينُواْ بِٱلصَّبْرِ وَٱلصَّلَوٰةِۚ وَإِنَّهَا لَكَبِيرَةٌ إِلَّا عَلَى ٱلْخَـٰشِعِينَ ۞

ٱلَّذِينَ يَظُنُّونَ أَنَّهُم مُّلَـٰقُواْ رَبِّهِمْ وَأَنَّهُمْ إِلَيْهِ رَٰجِعُونَ﴾

Тарҷума: «Ва аз сабру намоз ёрӣ биҷӯед, ва ба ростӣ, ки он гарону дӯшвор ояд, ҷуз бар фурӯтанон. Он касоне, ки яқин доранд Парвардигорашонро мулоқот хоҳанд кард ва яқин доранд, ки ба сӯи Ӯ бозмегарданд». [Бақара - 45-46]

Ва паёмбарон алайҳимуссалом мақоми рафиъу волое ба хотири шинохти Аллоҳи мутаол касб намуданд, зеро умури худро ба Ӯ супурданд - ба хотири гумони неке, ки ба Парвардигори худ доштанд. Пас, Иброҳим (а) Ҳоҷар ва писараш Исмоилро дар ҷивору ҳамсоягии Каъба раҳо намуд, дар ҳоле, ки дар он замон, дар Макка ҳеҷ кас набуд ва дар онҷо ҳатто об ҳам вуҷуд надошт, сипас Иброҳим (а) пушт кард ва рафт, Ҳоҷар ӯро дунбол намуд ва гуфт:

«**يَا إِبْرَاهِيمُ! أَيْنَ تَذْهَبُ وَتَتْرُكُنَا بِهَذَا الوَادِي الَّذِي لَيْسَ فِيهِ إِنْسٌ وَلَا شَيْءٌ؟ فَقَالَتْ لَهُ ذَلِكَ مِرَاراً، وَجَعَلَ لَا يَلْتَفِتُ إِلَيْهَا، فَقَالَتْ لَهُ: آللَّهُ الَّذِي أَمَرَكَ بِهَذَا؟ قَالَ: نَعَمْ، قَالَتْ: إِذَنْ لَا يُضَيِّعُنَا**»

«Эй Иброҳим! Моро дар ин дарае, ки ҳеҷ касу ҳеҷ чизе дар он вуҷуд надорад, раҳо карда, ба куҷо меравӣ? Ва чандин бор, ин ҷумларо такрор кард, аммо Иброҳим (а) ба ӯ таваҷҷуҳ намекард, онгоҳ Ҳоҷар гуфт: «Оё Аллоҳ ба ту чунин дастуре додааст?» Иброҳим гуфт: «Бале». Ҳоҷар гуфт: «Дар ин сурат, Аллоҳ моро зоеъ нахоҳад кард». (Ривояти Бухорӣ)

Пас, натиҷаи гумони неки ӯ онҷӣ рух дод, шуд ва сипас, об бо баракате (аз зери пойи Исмоил (а)) ҷӯшид ва хонаи Каъба ободм гардиду ёди он барои ҳамеша мондагор шуд; инчунин Исмоил (а) паёмбар шуду аз наберaҳо ва насли ӯ Хотам-ул-мурсалин ва имоми парҳезгорон

ба дунё омад.

Ва Яъқуб (а) ду писараш гум шуданд, пас, сабр намуд ва умуру корҳояшро ба Аллоҳ супурду фармуд:

﴿إِنَّمَآ أَشۡكُواْ بَثِّي وَحُزۡنِيٓ إِلَى ٱللَّهِ﴾

Тарҷума: «Ман шикояти парешонҳолӣ ва андӯҳамро танҳо ба назди Аллоҳ мебарам». [Юсуф - 86]

Ва қалбаш пур аз гумони нек ба Аллоҳ ва ин ки Ӯ беҳтариниҳифозаткунандагон аст, боқӣ монд ва фармуд:

﴿عَسَى ٱللَّهُ أَن يَأۡتِيَنِي بِهِمۡ جَمِيعًاۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума:«Умед аст, ки Аллоҳ ҳамаи ононро ба ман боз гардонад, бегумон Ӯ доно ва ҳаким аст». [Юсуф -83]

Ва фарзандонашро ба он дастур доду фармуд:

﴿يَٰبَنِيَّ ٱذۡهَبُواْ فَتَحَسَّسُواْ مِن يُوسُفَ وَأَخِيهِ وَلَا تَاْيۡـَٔسُواْ مِن رَّوۡحِ ٱللَّهِۖ

إِنَّهُۥ لَا يَاْيۡـَٔسُ مِن رَّوۡحِ ٱللَّهِ إِلَّا ٱلۡقَوۡمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ﴾

Тарҷума: «Эй фарзандонам! Биравед ва аз Юсуфу бародараш ҷустуҷӯ кунед ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед нашавед, чаро ки ҷуз гурӯҳи кофирон аз раҳмати Аллоҳ ноумед намегарданд». [Юсуф -87]

Ва ба Бани Исроил мушкилоте, ки тавони онро надоштанд, расид, бо вуҷуди сахтию ғаму андӯх, гумони нек ба Аллоҳ ва умеду чора ба Ӯ боқӣ монд, Мӯсо (а) ба қавмаш фармуд:

﴿ٱسۡتَعِينُواْ بِٱللَّهِ وَٱصۡبِرُوٓاْۖ إِنَّ ٱلۡأَرۡضَ لِلَّهِ يُورِثُهَا مَن يَشَآءُ مِنۡ عِبَادِهِۦۖ وَٱلۡعَٰقِبَةُ لِلۡمُتَّقِينَ﴾

Тарҷума: «Аз Аллоҳ мадад ҷӯед ва сабр пеша созед, ки ин замин, аз они Аллоҳи мутаол аст ва ба ҳар кас аз бандагонаш, ки бихоҳад онро мерос медиҳад ва саранҷоми нек аз они парҳезгорон аст». [Аъроф - 128]

Ва мушкилот барои Мӯсо (а) ва ҳамроҳонаш сангин шуданд - баҳр дар пеши рӯяшон ва Фиръавну лашкариёнаш аз пушт ва ҳангоме ки:

﴿قَالَ أَصۡحَٰبُ مُوسَىٰٓ إِنَّا لَمُدۡرَكُونَ﴾

Тарҷума: «Ёрони Мӯсо гуфтанд: Мо дар чанголи Фиръавн гирифтор шудем». [Шуаро-61]

Ҷавоби Паёмбар Калимуллоҳ гувоҳи бузург ба эътимоду гумони неки ӯ ба Парвардигори қодиру тавон мебошад:

﴿قَالَ كَلَّآۖ إِنَّ مَعِيَ رَبِّي سَيَهۡدِينِ﴾

Тарҷума: «[Мусо (а)] Фармуд ҳаргиз чунин нест, Парвардигорам бо ман аст ва роҳнамоиям хоҳад кард». [Шуаро-62]

Пас, ваҳйи илоҳӣ ба чизе омад, ки зеҳну гумон хутур намекард:

﴿فَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنِ ٱضۡرِب بِّعَصَاكَ ٱلۡبَحۡرَۖ فَٱنفَلَقَ فَكَانَ كُلُّ فِرۡقٖ كَٱلطَّوۡدِ ٱلۡعَظِيمِ * وَأَزۡلَفۡنَا ثَمَّ ٱلۡأٓخَرِينَ * وَأَنجَيۡنَا مُوسَىٰ وَمَن مَّعَهُۥٓ أَجۡمَعِينَ﴾

Тарҷума: «Пас, ба Мӯсо фармон додем, ки бо асоят ба баҳр бизан пас, баҳр аз ҳам шикофт ва ҳар бахше аз он монанди кӯҳи бузурге шуд ва дар онҷо дигаронро ба онҳо наздик кардем, ва Мӯсо ва ҳамроҳонашро ҳамагӣ наҷот додем, ва Фиръавниёнро дар баҳр ғарқ кардем». [Шуаро - 63-66]

Ва бартарини махлуқот аз лиҳози ибодоту бандагӣ Аллоҳ ва гумони нек ба Ӯ, Паёмбари мо Муҳаммад (с) мебошад, қавмаш ӯро азият карданд, пас, ба ваъдаи Аллоҳ ва пирӯзии динаш мутмаину осудахотир монд. Фариштаи кӯҳҳо дар хитоб ба ӯ фармуд:

«إِنْ شِئْتَ أَنْ أُطْبِقَ عَلَيْهِمُ الأَخْشَبَيْنِ، قَالَ رَسُولُ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم: بَلْ أَرْجُو أَنْ يُخْرِجَ اللَّهُ مِنْ أَصْلَابِهِمْ مَنْ يَعْبُدُ اللَّهَ لَا يُشْرِكُ بِهِ شَيْئاً»

Тарҷума: «Агар мехоҳӣ ду кӯҳи сахти Маккаро бар онон, мечаспонам. Паёмбар (с) фармуданд: Балки ман умедворам, ки Аллоҳи мутаол аз наслҳои онон, касонеро бавуҷуд оварад ки фақат Аллоҳи мутаолро ибодат кунанд ва чизеро бо Ӯ шарик насозанд». (Муттафақун алайҳ)

Ва дар сахтарину бадтарин шароит, Паёмбари мо (с) гумони нек ба Аллоҳро раҳо нанамуда, аз Макка хориҷ шуду дар роҳ ба ғоре паноҳ бурд, сипас мушрикон онҳоро дунбол намуданд, ногаҳон мушрикон ба наздикии онҳо расиданд, пас, дар ҳоле ки ба ҳамроҳаш дилдорӣ медод, фармуд:

﴿لَا تَحۡزَنۡ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَا﴾

Тарҷума: «Андӯҳгин мабош, Аллоҳ бо мост». [Тавба -40]

Абубакр (р) фармуд:

«قُلْتُ لِلنَّبِيِّ صلى الله عليه وسلم وَأَنَا فِي الغَارِ: لَوْ أَنَّ أَحَدَهُمْ نَظَرَ إِلَى قَدَمَيْهِ لَأَبْصَرَنَا تَحْتَ قَدَمَيْهِ، فَقَالَ: يَا أَبَا بَكْرٍ! مَا ظَنُّكَ بِاثْنَيْنِ، اللَّهُ ثَالِثُهُمَا»

Тарҷума: «Вақте дар ғор будем ба Паёмбар (с) гуфтам: Агар як

нафар аз онҳо ба поён бингарад, моро мебинад, Расулуллоҳ (с) фармуданд: Эй Абубакр назарат дар бораи ду нафаре, ки Аллоҳ сеюмин нафари онҳост, чист?». (Муттафақун алайҳ)

Ва бо вуҷуди ин, ки аз ҳар тараф боазияту ғаму андӯҳ ва ҷанг бархӯрд намуд, аммо ӯ яқини комил дошт, ки ин дин ба мурури замон, дар кулли дунё паҳну мунташир мегардад ва он Ҳазрат (с) мефармуданд:

**«لَيَبْلُغَنَّ هَذَا الأَمْرُ مَا بَلَغَ اللَّيْلُ وَالنَّهَارُ، وَلَا يَتْرُكُ اللَّهُ بَيْتَ مَدَرٍ وَلَا وَبَرٍ، إِلَّا أَدْخَلَهُ اللَّهُ هَذَا الدِّينَ، بِعِزِّ عَزِيزٍ أَوْ بِذُلِّ ذَلِيلٍ»**

Тарҷума: «Ислом то ҷое, ки шабу рӯз расидаанд, хоҳад расид, ҳеҷ хонае, чодаре ё сангу гиле пайдо намешавад, ки Ислом дар онҷо дохил нагардад, ин ваъдаи илоҳӣ бо иззати азизон ё зиллати заллилон таҳаққуқ пайдо хоҳад кард».(Ривояти Аҳмад)

Як бодиянишине шамшерро бар Паёмбар (с) кашид, дар ҳоле ки ӯ хоб буд, Паёмбар (с) фармуданд:

«**فَاسْتَيْقَظْتُ وَهُوَ فِي يَدِهِ صَلْتاً** - أَيْ: بَارِزاً بِهِ -، فَقَالَ: مَنْ يَمْنَعُكَ مِنِّي؟ فَقُلْتُ: **اللَّهُ - ثَلَاثاً -**؛ وَلَمْ يُعَاقِبْهُ وَجَلَسَ» (متفق عليه)، وعند أحمد: «**فَسَقَطَ السَّيْفُ مِنْ يَدِهِ**»

Тарҷума: «Пас, бедор шудам ва дидам, ки бо шамшери бараҳна, болои сарам истодааст, он гоҳ ба ман гуфт: Чӣ касе маро аз куштани ту боз медорад? Гуфтам Аллоҳ - се бор -ӯро муҷозот накард ва ӯ нишаст» (Муттафақун алайҳ) ва дар ривояти Аҳмад омадааст: «Шамшер аз дасташ афтод»

Ва саҳобагон (р) баъд аз паёмбарон бояқинтарину пурбовартарини махлуқот дар доштани гумони нек ба Аллоҳ мутаол мебошанд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ٱلَّذِينَ قَالَ لَهُمُ ٱلنَّاسُ إِنَّ ٱلنَّاسَ قَدْ جَمَعُوا۟ لَكُمْ فَٱخْشَوْهُمْ فَزَادَهُمْ إِيمَٰنًا وَقَالُوا۟ حَسْبُنَا ٱللَّهُ وَنِعْمَ ٱلْوَكِيلُ﴾

Тарҷума: «Касоне, ки мардум ба онҳо гуфтанд, ки мардум барои ҷанг бо шумо гирд омадаанд, аз онҳо битарсед ва ин сухан бар имонашон афзуд ва гуфтанд: Аллоҳ моро басанда аст ва чи некӯ ёваре аст». [Оли Имрон -173]

Ибни Дағина назди Абубакр Сиддиқ (р) омад, то ӯ намозашро оҳиста бихонад, ё паноҳашро аз ӯ баргардонад - яъне аҳду паймони дифоъ аз ӯ ва ба кофирони Қурайш иҷозати азият ӯро бидиҳад - Абубакр Сиддиқ (р) фармуд: ман аҳду паймони туро бармегардонам ва

ба Аллоҳи мутаол паноҳ меҷӯям. (Ривояти Бухорӣ)

Ва Умар (р) фармуд:

«أَمَرَنَا رَسُولُ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم أَنْ نَتَصَدَّقَ، وَوَافَقَ ذَلِكَ مَالٌ عِنْدِي، فَقُلْتُ: اليَوْمَ أَسْبِقُ أَبَا بَكْرٍ إِنْ سَبَقْتُ يَوْماً، قَالَ: فَجِئْتُ بِنِصْفِ مَالِي، قَالَ: فَقَالَ لِي رَسُولُ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم: **مَا أَبْقَيْتَ لِأَهْلِكَ؟** قُلْتُ: مِثْلَهُ، وَأَتَاهُ أَبُو بَكْرٍ بِكُلِّ مَا عِنْدَهُ، فَقَالَ لَهُ رَسُولُ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم: **مَا أَبْقَيْتَ لِأَهْلِكَ؟** فَقَالَ: أَبْقَيْتُ لَهُمُ اللَّهَ وَرَسُولَهُ»

Тарҷума: «Расулуллоҳ (с) моро ба садақа додан амр намуданд ва тасодуфан назди ман дар он ҳангом моле буд, пас, бо худ гуфтам: Имрӯз аз Абубакр сабқату пешдастӣ мегирам, агар қарор бошад сабқат бигирем; имрӯз ҳамон рӯз аст ва бо нисфи моли худ омадам, Расулуллоҳ (с) хитоб ба ман фармуданд: чӣ қадар барои аҳлат боқӣ гузоштӣ? Гуфтам: ҳамин миқдор. Ва Абубакр бо ҳамаи молаш омаду Расулуллоҳ (с) фармуданд: Эй Абубакр! Чӣ қадар барои аҳлат боқӣ гузоштӣ? Ӯ гуфт: Аллоҳ ва Расулашро назди онҳо боқӣ гузоштам». (Ривояти Абӯдовуд)

Паёмбар (с) пеши Хадиҷа, сарвари занони ҷаҳониён дар ибтидои нузул ваҳй омад вафармуд:

«**لَقَدْ خَشِيتُ عَلَى نَفْسِي**، قَالَتْ لَهُ خَدِيجَةُ رضي الله عنها: كَلَّا؛ أَبْشِرْ! فَوَاللَّهِ لَا يُخْزِيكَ اللَّهُ أَبَداً، وَاللَّهِ إِنَّكَ لَتَصِلُ الرَّحِمَ، وَتَصْدُقُ الحَدِيثَ، وَتَحْمِلُ الكَلَّ، وَتَكْسِبُ المَعْدُومَ، وَتَقْرِي الضَّيْفَ، وَتُعِينُ على نَوَائِبِ الحَقِّ»

Тарҷума: «Ман нисбат ба ҷони худ, эҳсоси хатар мекунам. Хадиҷа (р) гуфт: ҳаргиз, ба Аллоҳ савганд, Аллоҳ туро зоеъу нобуд нахоҳад кард, ба Аллоҳ савганд, шумо силаи раҳмро ба ҷо меорӣ ва ниёзмандонро кумак мекунӣ, аз меҳмонон пазироӣ менамоӣ ва дар роҳи ҳақ, мушкилотро таҳаммул мекунӣ». (Муттафақун алайҳ)

Ва гузаштагони некӯкори уммат ҳамин роҳу равишро тай намудаанд. Суфён (раҳ) мегӯяд: «Ман дӯст надорам, ки муҳосибаву бозхости ман бар некиҳо ва бадиҳо ба дасти падару модарам бошанд, Парвардигорам аз падару модарам беҳтар аст».

Ва яке аз дуоҳои Саид ибни Ҷубайр (раҳ) ин буд: «Бор Илоҳо! Ман таваккали ростин ва доштани гумони некро аз ту мехоҳам».

Ва дар миёни ҷинҳо некӯкор вуҷуд дорад, гумонашон ба Аллоҳ некӯ аст, ба қудрату илмивасеъи Аллоҳ яқин доранд; аз гуфторҳои онҳо:

﴿وَأَنَّا ظَنَنَّآ أَن لَّن نُّعۡجِزَ ٱللَّهَ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَن نُّعۡجِزَهُۥ هَرَبٗا﴾

Тарҷума: «Мо медонем, ки Аллоҳро дар замин нотавон намекунем

ва бо гурехтан низ нотавонаш насозем». [Ҷин - 12]

Аз бандагони Аллоҳ, касоне ҳастанд, ки агар ба Аллоҳ савганд бихӯранд, Аллоҳи мутаол онҳоро сафеду пок мекунад, ин фақат бахотири гумони неки ӯ ба Аллоҳи мутаол мебошад. Яке аз вазифаҳои мусулмон дар баробари Парвардигораш ин аст, ки ба Ӯ дар ҳар замон ва дар ҳар ҳолат гумони нек дошта бошаду беҳтарин ҷое, ки бояд ба Ӯ гумони нек дошта бошад - ин дар ҳоли дуо кардану муноҷот бо Ӯ мебошад ва яқин дошта бошад, ки Ӯ наздик аст ва дуояшро мепазирад ва умедашро аз байн намебараду ноумедаш намекунад.

Ва аз сабабҳои пазириши тавба - гумони нек доштани шахс ба Парвардигораш аст. Паёмбар (с) аз Парвардигори худ ривоят мекунад:

**«أَذْنَبَ عَبْدِي ذَنْباً؛ فَعَلِمَ أَنَّ لَهُ رَبّاً يَغْفِرُ الذَّنْبَ وَيَأْخُذُ بِالذَّنْبِ، اعْمَلْ مَا شِئْتَ؛ فَقَدْ غَفَرْتُ لَكَ»**

Тарҷума: «Бандаи ман гуноҳе карду донист, ки Парвардигоре дорад, ки гуноҳонро мебахшаду дар муқобили гуноҳ муҷозот мекунад; инак бандаамро бахшидам, ҳар чӣ мехоҳад бикунад». (Муттафақун алайҳ)

Ва дар сахтиҳо гумони нек ва бадгумониҳо ошкор мегарданд, дар ғазваи Уҳуд аҳли имон собитқадам шуданд ва дигарон ба Аллоҳ гумонҳои нодурусту гумонҳои ҷоҳилият намуданд ва дар ғазваи Аҳзоб назару гумонҳо нисбати Аллоҳ таоло гуногун гардидани, Аллоҳи мутаол дар мавриди гурӯҳе фармуд:

﴿هُنَالِكَ ٱبۡتُلِيَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَزُلۡزِلُواْ زِلۡزَالٗا شَدِيدٗا ۞

وَإِذۡ يَقُولُ ٱلۡمُنَٰفِقُونَ وَٱلَّذِينَ فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٞ مَّا وَعَدَنَا ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥٓ إِلَّا غُرُورٗا﴾

Тарҷума: «Дар онҷо мӯъминон дар маърази имтиҳон қарор гирифтанд ва сахт мутазалзил шуданд, зеро мунофиқон ва онҳое, ки дар дилҳояшон беморӣ аст, мегуфтанд: Аллоҳ ва Паёмбараш ҷуз фиреб ба моваъдае надодаанд». [Аҳзоб -11-12]

Ва аммо саҳобагон (р) яқин доштанд, ки мусибатҳо озмоише аз ҷониби Аллоҳ мебошанд, ки ба дунболи онҳо пирӯзӣ ва кушоише меояд, Аллоҳи мутаол дар мавриди онҳо фармуд:

﴿وَلَمَّا رَءَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ٱلۡأَحۡزَابَ قَالُواْ هَٰذَا مَا وَعَدَنَا ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَصَدَقَ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥۚ

وَمَا زَادَهُمۡ إِلَّآ إِيمَٰنٗا وَتَسۡلِيمٗا﴾

Тарҷума: «Мӯъминон гуфтанд: ин ҳамон чизе аст ки Аллоҳ ва

паёмбараш ба мо ваъда дода буданд, ва Аллоҳ ва Паёмбараш рост гуфтанд, ва ҷуз имону таслим шудан чизи дигаре ба онҳо наафзуд». [Аҳзоб -22]

Роҳи наҷот дар вақти сахтиҳо ва ғаму андӯҳ - фақат гумони нек ба Аллоҳ мебошад; пас, он се нафаре, ки ба ҷанги Табук нарафтанд, ғаму андӯҳ, ки ба онҳо омада будро танҳо бо доштани гумони нек ба Аллоҳ бартараф карданд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَعَلَى ٱلثَّلَٰثَةِ ٱلَّذِينَ خُلِّفُواْ حَتَّىٰٓ إِذَا ضَاقَتۡ عَلَيۡهِمُ ٱلۡأَرۡضُ بِمَا رَحُبَتۡ وَضَاقَتۡ عَلَيۡهِمۡ أَنفُسُهُمۡ وَظَنُّوٓاْ أَن لَّا مَلۡجَأَ مِنَ ٱللَّهِ إِلَّآ إِلَيۡهِ ثُمَّ تَابَ عَلَيۡهِمۡ لِيَتُوبُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ﴾

Тарҷума: «Ва низ Аллоҳи мутаол тавбаи он се нафарро пазируфт, ки ҳукми онҳо ба таъхир андохта шуд (ба сабаби иштирок накарданашон дар ҷанги Табук, бидуни узр ва он се нафар ин шахсон мебошанд: Каъб ибни Молик, Ҳилол ибни Умайя, Марора ибни Рабеъ буданд, ки ҳукмашон мавқуф буд ва баъд аз панҷоҳ рӯз тавбаашон пазируфта шуд) то онгоҳ, ки замин бо ҳама вусъату паҳноварии худ бар онҳо танг шуду ҷон дар таношон намеғунҷид ва худ донистанд, ки ҷуз Парвардигор ҳеҷ паноҳгоҳе ки ба он рӯй оваранд, надоранд, пас, тавбаи ононро пазируфт, то ба Ӯ боз оянд, ки тавбапазиру меҳрубон аст». [Тавба -118]

Аллоҳ қавию тавоност, бар ёрию пирӯзии бандагону валиҳояш ҳеҷ кас ғайр аз Ӯ ғолиб намешавад ва эътимод ба пирӯзии Ӯ ҷуз яқиниёту қатъиёт мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِن يَنصُرۡكُمُ ٱللَّهُ فَلَا غَالِبَ لَكُمۡۖ وَإِن يَخۡذُلۡكُمۡ فَمَن ذَا ٱلَّذِي يَنصُرُكُم مِّنۢ بَعۡدِهِۦ﴾

Тарҷума: «Агар Аллоҳ шуморо ёрӣ кунад, ҳеҷ кас бар шумо ғалаба нахоҳад кард ва агар шуморо ба ғайри нусрат вогузорад, пас, чӣ касе баъд аз Ӯ шуморо ёрӣ медиҳад». (Оли Имрон - 160)

Ва Ӯ таоло бахшоянда ва меҳрубон аст. Ҳар кас ба ӯ имон оварад ва амали солеҳ анҷом диҳаду умедвори раҳмати Ӯ бошад, раҳмати Аллоҳ шомили ҳолаш мешавад. Паёмбар (с) мефармояд:

«لَمَّا قَضَى اللهُ الخَلْقَ: كَتَبَ فِي كِتَابِهِ، فَهُوَ عِنْدَهُ فَوْقَ العَرْشِ: إِنَّ رَحْمَتِي سَبَقَتْ غَضَبِي»

Тарҷума: «Ҳангоме, ки Аллоҳ махлуқотро офарид, дар китобе, ки назди Ӯ ва болои аршаш қарор дорад, навишт: Ҳамоно раҳмати ман бар хашми ман сабқату пешӣ дорад». (Муттафақун алайҳ)

Ҳар кас зиндагияш сахту танг гардид, пас доштани гумони нек фараҷу кушоиш аст. Паёмбар (с) фармуданд:

«مَنْ نَزَلَتْ بِهِ فَاقَةٌ فَأَنْزَلَهَا بِالنَّاسِ؛ لَمْ تُسَدَّ فَاقَتُهُ، وَمَنْ نَزَلَتْ بِهِ فَاقَةٌ فَأَنْزَلَهَا بِاللَّهِ؛ فَيُوشِكُ اللَّهُ لَهُ بِرِزْقٍ عَاجِلٍ أَوْ آجِلٍ»

Тарҷума:«Ҳар кас мӯҳтоҷу ниёзманд шуд ва ниёзашро аз мардум талаб намуд, ниёзаш бартараф намешавад ва ҳар кас ниёзманд шуд ва аз Аллоҳ талаб намуд, пас, наздик аст, ки Аллоҳ дер ё зуд ба ризқу рӯзи диҳад». (Ривояти Тирмизӣ)

Зубайр ибни Аввом (р) ба фарзандаш Абдуллоҳ гуфт: «Эй фарзандам! Агар аз пардохти чизе аз он - аз пардохти қарзҳоям - нотавон шудӣ, пас, аз Мавлои ман кӯмак бихоҳ. Абдуллоҳ мегӯяд: Ба Аллоҳ савганд, ман нафаҳмидам қасдаш кист, то гуфтам: Падарам! Мавлои ту кист? Фармуд: Аллоҳ. Абдуллоҳ мегӯяд: ба Аллоҳ савганд, ман ҳеҷ вақт дар пардохти қарзи ӯ бо сахтиҳо дучор нашудам, магар ин ки гуфтам: Эй Мавлои Зубайр қарзашро пардохт кун, пас, онро пардохт менамуд». (Ривояти Бухорӣ)

Ва Ӯ таоло омӯрзишу базлу бахшиши васеъу паҳноваре дорад, ҳар кас ба бениёзию караму омӯрзиши Ӯ гумони нек дошта бошад, ҳоҷаташро бароварда мекунад. Аллоҳ таоло дар сеяки охири ҳар шаб ба осмони дунё фурӯд меояду мефармояд:

«مَنْ يَدْعُونِي فَأَسْتَجِيبَ لَهُ؟ مَنْ يَسْأَلُنِي فَأُعْطِيَهُ؟ مَنْ يَسْتَغْفِرُنِي فَأَغْفِرَ لَهُ؟»

Тарҷума: «Чӣ касе маро мехонад, то ӯро иҷобат кунам, чӣ касе аз ман талаб мекунад, то ба ӯ ато кунам, чӣ касе аз ман омӯрзиш мехоҳад, то ӯро биёмӯрзам». (Муттафақун алайҳ)

Ду дасти Аллоҳи мутаол пур мебошанд:

«لَا تَغِيضُهَا نَفَقَةٌ، سَحَّاءُ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ»

Тарҷума: «Инфоқ намудан онҳоро кам намекунад, шабу рӯз мебахшад». (Ривояти Бухорӣ)

Аллоҳи мутаол тавбапазир аст, аз тавбаи бандааш хушҳол мешавад ва шаб дасташро дароз мекунад, то гунаҳкори рӯз тавба кунад ва рӯз дасташро дароз мекунад, то гуноҳкори шаб рӯз тавба кунад; ва аз камоли сифоти Аллоҳи мутаол ин аст - касе, ки ба тарафи Ӯ биёяд манъаш намекунад ва ниёзмандтарин ҳолате, ки банда бо гумони нек ба Аллоҳи мутаол эҳтиёҷмандаст, ҳангоме мебошад, ки маргаш наздик бошад ва дунёро видоъ гуфта, ба тарафи Аллоҳ биравад. Паёмбар (с) фармуданд:

«لَا يَمُوتَنَّ أَحَدُكُمْ إِلَّا وَهُوَ يُحْسِنُ الظَّنَّ بِاللَّهِ عَزَّ وَجَلَّ»

Тарҷума: «Ҳеҷ касе аз шумо намирад, магар ин ки гумонаш нисбат ба Аллоҳ некӯ бошад». (Ривояти Муслим)

Дар ин ибодат фармонбардорӣ аз дастури Аллоҳ ва исботи убудияту бандагии Ӯ мебошад ва барои бандаончӣ ба Парвардигори хеш гумон кунад, мерасад. Паёмбар (с) фармуданд:

«يَقُولُ اللَّهُ تَعَالَى: أَنَا عِنْدَ ظَنِّ عَبْدِي بِي، وَأَنَا مَعَهُ حِينَ يَذْكُرُنِي»

Тарҷума: «Ман бо бандаам бар асоси гумоне, ки ба ман дорад, рафтор менамоям ва ҳангоме, ки маро ёд мекунад, ман бо ӯ ҳастам». (Муттафақун алайҳ)

Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) мегӯяд: «Ҳеҷ бандае ба Аллоҳ гумони нек надорад, магар ин ки Аллоҳи мутаол ба ӯ ба андозаи гумонаш ато мекунад, зеро, ҳамаи хубиҳо ба дасти Ӯ таоло мебошад».

Агар ба банда гумони нек ба Аллоҳ дода шуд, пас, дар воқеъ Аллоҳи мутаол дарвозаи хайри бузурге дар дин барои ӯ кушодааст. Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) мегӯяд: «Қасам ба Зоте, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Ӯ нест! Ба ҳеҷ бандае неъмате беҳтар аз гумони нек ба Аллоҳ дода нашудааст».

Ва аъмоли мардум ба андозаи гумонашон ба Парвардигор мебошад. Мӯъмин гумонашро ба Аллоҳ нек намуд ва ба хотири ҳамин некгумонӣ, аъмолаш некӯ [ва мақбул] гаштанд. Ва аммо кофир бошад, гумонаш ба Аллоҳ бад буд, пас, ба хотири бадгумонии худ аъмолашро баду нодуруст намуд.

Хубии Ислом ва камоли имон дар ин ибодат аст ва он роҳи вуруд ба биҳишт барои соҳиби ин ибодат мебошад, гумони нек як ибодати қалбист, ки сабаби таваккал бар Аллоҳ ва эътимод намудан ба Ӯ мешавад. Имом Қаййим (раҳ) мегӯяд: «Ба андозаи гумони нек ва умед ба Парвардигорат, таваккалат ба ӯ мебошад. Аз ин рӯ, бархе таваккалро гумони нек ба Аллоҳи мутаол шумориданд. Дар воқеъ, гумони нек ба Аллоҳ ба таваккал даъват мекунад, зеро таваккал дар вуҷуди касе, ки ба Аллоҳ бадгумон аст, тасаввур намешавад ва касе, ки умедвори Ӯ нест, таваккал надорад».

Аз ҷумлаи асару нишонаҳои ин ибодат- оромиши қалб, рӯй овардан ба Аллоҳи мутаол, тавба намудан ва ҳеҷ кушоиши қалбу синае - баъд аз имон болотар -аз эътимоду умед ба Аллоҳ нест, дар он вижагиест, ки ба фоли нек даъват менамояд. Паёмбар (с) фармуданд:

«لَا عَدْوَى، وَلَا طِيَرَةَ، وَيُعْجِبُنِي الفَأْلُ»

Тарҷума: «Ҳеҷ бемории дар воқеъ аз худаш гузаранда нест ва ҳеҷ шугуну фолибаде ҳақиқат надорад ва ман фоли некро дӯст дорам». (Муттафақун алайҳ)

Ҳалимӣ (раҳ) мегӯяд:«Бадфолӣ - ин багумонӣ ба Аллоҳи мутаол аст ва фоли нек - гумони нек ба Аллоҳ мебошад».

Гумони нек беҳтарин кӯмак барои караму танӯмандӣ буда, ба соҳибаш қувват мебахшад. АбӯабдуллоҳиСоҷӣ (раҳ) мегӯяд: «Ҳар кас ба Аллоҳ эътимод намуд, ризқи хешро ҳифз намуд ва таваккал беҳтарин тӯшаву истеъдод аст».

Ба Салама ибни Динор (р) гуфта шуд: «Эй Абуҳозим! Сармояи ту чист?» Фармуд: «Эътимоду боварӣ ба Аллоҳ ва ноумедӣ аз онҷӣ дар дасти мардум аст».

Ҳар кас, ки гумонаш ба Парвардигораш некӯ бошад, нафсу моли хешро мебахшад, бо яқину боварӣ ба ин фармудаи Аллоҳи мутаол:

﴿وَمَآ أَنفَقْتُم مِّن شَيْءٍ فَهُوَ يُخْلِفُهُۥ﴾

Тарҷума: «Ва ҳар онҷӣ (дар роҳи Аллоҳ) инфоқ кунед, аз ҳар чизе, ки бошад, пас, Аллоҳи мутаол ивазашро хоҳад дод». [Сабаъ - 39]

Абусулаймони Доронӣ (р) мегӯяд: «Ҳар кас дар ризқаш ба Аллоҳ эътимод кунад, дар хушахлоқии ӯ афзуда мешавад ва ба дунболи он бурдборӣ меояд ва нафси ӯ дар инфоқ намудани он саховатманд мегардад ва васвасаҳояш дар намоз кам мешаванд».

Ва ӯ ба умеди онҷӣ назди Аллоҳ аст ва бо эътимод ба ваъдаҳояш ва анҷом додани аъмоли нек бо умед ба фазли Ӯ, ғолибу пирӯз аст, ҳамон гуна, ки дар ин фармуда омадааст:

﴿وَمَا يَفْعَلُواْ مِنْ خَيْرٍ فَلَن يُكْفَرُوهُ﴾

Тарҷума: «Онҷӣ аз аъмоли нек анҷом диҳанд, аз савоби он маҳрум намегарданд». [Оли Имрон - 115]

Аллоҳи мутаол бо бандагонаш ба андозаи гумонашон бархӯрд мекунад ва подоши онҳо ба мисли аъмолашон мебошад. Пас, ҳар касе ба Ӯ гумони нек доштааст, барояш ҳамон гумони некаш ҳосил мешавад, ва ҳар касе ғайри аз ин гумон кунад, қатъан зиён дидааст. Паёмбар (с) фармуданд:

«أَنَا عِنْدَ ظَنِّ عَبْدِي بِي؛ فَلْيَظُنَّ بِي مَا شَاءَ، إِنْ ظَنَّ خَيْراً فَلَهُ، وَإِنْ ظَنَّ شَرّاً فَلَهُ»

Тарҷума: «Аллоҳ таоло мефармояд: Ман назди гумони бандаи хеш

дар ҳаққи худ ҳастам, ҳар гумоне, ки мехоҳад бикунад, агар гумони хубе намояд, баҳраи худро бурдааства агар гумони баде кунад, пас, баҳраи худро аз он гирифтааст». (Ривояти Аҳмад)

Агар банда ба Аллоҳ гумони нек дошта бошад, пас, Аллоҳи мутаол ӯро ҳаргиз ноумед намекунад ва касе, ки ба Аллоҳ гумони нек дошта бошад, рӯзи қиёмат мегӯяд:

﴿هَآؤُمُ ٱقۡرَءُواْ كِتَٰبِيَهۡ ۞ إِنِّي ظَنَنتُ أَنِّي مُلَٰقٍ حِسَابِيَهۡ ۞ فَهُوَ فِي عِيشَةٖ رَّاضِيَةٖ ۞ فِي جَنَّةٍ عَالِيَةٖ﴾

Тарҷума: «Биёед номаи аъмоли маро бихонед, ман яқин доштам, ки ҳисоби худро хоҳам дид. Пас, ӯ дар як зиндагии писандида ва хуш хоҳад буд, биҳишти аъло». [Ҳоққа -19]

**Ва сипас: Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол кариму бузург ва қавию азим аст. Агар чизе ирода кунад, ба ӯ мегӯяд: Бош, пас, мешавад. Ба муҳофизати Қуръон ва ёрии динаш ваъда додааст ва саранҷоми [хубро] барои парҳезгорон қарор додааст ва ҳар касро бихоҳад бешумор ризқ медиҳад ва ғаму андӯҳи касеро, ки ба Ӯ паноҳ бурд, аз байн мебарад.

Ҳар касе илму маърифаташ ба Аллоҳ зиёд бошад, яқину бовараш ба Ӯ зиёд мешавад ва ҳар кас ба Ӯ бадгумон аст, дар воқеъ, сабаби аслиаш ҷаҳли ӯ ба камоли номҳои нек ва сифоти Ӯ мебошад ва ин [бадгумонӣ] аз хусусиятҳои замони ҷоҳилият мебошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يَظُنُّونَ بِٱللَّهِ غَيۡرَ ٱلۡحَقِّ ظَنَّ ٱلۡجَٰهِلِيَّةِۖ﴾

Тарҷума: «Ба Аллоҳ гумони ботил, монанди гумони аҳли ҷоҳилият (куффор) мекарданд». [Оли Имрон - 154]

Аз ҷумлаи самараҳои имон ба номҳо ва сифоти Аллоҳи мутаол: доштани гумони нек ба Аллоҳ ва эътимод намудан ба Ӯ ва супурдани ҳамаи умуру корҳо ба Ӯ мебошанд.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿فَمَا ظَنُّكُم بِرَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ﴾

«Ба Парвардигори, ҷаҳониён чӣ гумон доред». [Соффот -87]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар дар ин Қуръони азимушшаън баракат иноят бифармояд…

## Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат ниҳод ва гувоҳӣ медиҳам ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту шарике надорад, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Паёмбари мо Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Ҳақиқати гумони нек ба Аллоҳи мутаол дар нек будани аъмоли зоҳир мебошад ва замоне гумони нек муфиду самарабахш аст, ки аъмол нек бошанд ва хушгумонтарин инсонҳо ба Аллоҳ фармонбардортарини онҳо мебошад. Ва ҳар андоза гумони банда ба Парвардигораш некӯ бошад, дақиқан ҳамон андоза аъмолаш нек мешаванд. Ҳар кас аъмолаш бад бошад, гумонҳояш ба Аллоҳ бад ҳастанд ва ҳар вақт гумони нек ба гуноҳ наздик шавад, аз макр (-у азоб)-и Аллоҳи мутаол эмин мегардад ва гумони нек агар соҳибашро ба тоату ибодат ташвиқ намояд, пас, он муфид аст ва агар гумони нек дар қалбе кам бошад, дар аъзои бадан гуноҳ зоҳир мешавад.

Сипас бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба фиристодани дуруду салом бар Паёмбараш амр намудааст…

# Халалдоркунандагони тавҳид[1]

Ҳамоно ҳамаи ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзишу бахшиш менамоем, аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро Ӯ гумроҳ намояд, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳт ақвои Аллоҳро он гуна ки шоистаи Ӯст пеша намоед ва ба ресмони мустаҳкаму устувори Ислом чанг занед.

**Эй мусулмонон:**

Саодати банда дар камоли бандагию ибодаташ барои Аллоҳи мутаол мебошад. Убудияту бандагии Аллоҳ замоне амалӣ мегардад, ки амалҳои шахс холисона барои Аллоҳ ва мутобиқ бо ҳидояту роҳнамоиҳои Паёмбар (с) бошанд. Агар банда кори неке анҷом диҳад, аммо он холисона барои Аллоҳ набошад, дар ин ҳолат амали ӯ ҳеҷу пуч мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَقَدِمْنَآ إِلَىٰ مَا عَمِلُواْ مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَٰهُ هَبَآءً مَّنثُورًا﴾

Тарҷума:«Ва ба [баррасии] корҳояшон мепардозем ва ҳамаро [ҳамчун] ғуборе пароканда месозем». [Фурқон -23]

Агар амалашро холисона барои Аллоҳ таоло анҷом диҳад, вале амалаш бо дастуру ҳидоятҳои Расули Худо (с) мувофиқ набошад, амалаш мардуд хоҳад буд. Паёмбар (с) фармудаанд:

«مَنْ عَمِلَ عَمَلاً لَيْسَ عَلَيْهِ أَمْرُنَا؛ فَهُوَ رَدٌّ»

Тарҷума: «Ҳар кас коре кунад, ки мо бар [иҷро ва пайравӣ аз он] амр накардаем, он кор мардуд ва қабулнашаванда аст». (Ривояти Муслим)

Ва агар амалаш холисона ва мутобиқ бо ҳидояту роҳнамоиҳои

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 28-уми зулқаъдаи соли 1426-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

Паёмбар (с) бошад, дар ин ҳолат амалаш мақбулу қадрдонӣ мегардад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ كَانَتۡ لَهُمۡ جَنَّٰتُ ٱلۡفِرۡدَوۡسِ نُزُلًا﴾

Тарҷума: «Бе тардид, касоне, ки имон овардаанд ва корҳое шоиста анҷом додаанд, боғҳои [биҳишти] барин манзилгоҳашон хоҳад буд». [Каҳф -107]

Ва дини ислом бар инкору исбот поягузорӣ шудааст ва исломи шахс бидуни ин ду пояи зикршуда, саҳеҳу дуруст намебошад. Ва моҳияти инкору исботи фавқуззикр, аз бароату покӣ аз маъбудони ботил ва пайравони онҳо, инчунин исботи убудияту бандагӣ фақат барои Аллоҳ таоло иборат аст.

Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿فَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَاۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾

Тарҷума:«Пас, ҳар кас ба тоғут [он чи ба ҷойи Аллоҳ таоло парастиш мешавад] куфр биварзад ва ба Аллоҳ таоло имон оварад, ҳатман, ба маҳкамтарин дастовез чанг задааст, ки ҳаргиз нахоҳад гусаст; ва Аллоҳ таоло шунавову доност». [Бақара -256]

Ва Паёмбар (с) фармуданд:

**«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، وَكَفَرَ بِمَا يُعْبَدُ مِنْ دُونِ اللَّهِ؛ حَرُمَ مَالُهُ وَدَمُهُ، وَحِسَابُهُ عَلَى اللَّهِ عز وجل»**

Тарҷума: «Ҳар касе, ки «Ло илоҳа иллаллоҳ» бигӯяд ва ба онҷӣ ба ғайр аз Аллоҳ парастиш мешаванд, кофир шавад, молу хунаш ҳаром мешавад ва ҳисоби [ботини] ӯ бо Аллоҳ аст». (Муттафақун алайҳ)

Ва бузургтарин дастур дар ислом, дастуру амр ба тавҳиду яктопарастӣ буда, бузургтарин наҳйшудаву манъшуда дар он, манъу боздошт аз он чизе аст, ки зидди тавҳид мебошад, яъне ширк. Аз Паёмбар (с) суол шуд:

«أَيُّ الذَّنْبِ أَعْظَمُ؟ قَالَ: **أَنْ تَجْعَلَ لِلَّهِ نِدّاً وَقَدْ خَلَقَكَ**»

Тарҷума: «Кадом гуноҳ бузургтар аст? Фармуданд: Ин ки барои Аллоҳ шарике қарор диҳӣ, дар ҳоле ки туро офаридааст». (Муттафақун алайҳ)

Ва даъвати ҳамаи паёмбарон дар дастуру амр додани қавмҳои худ ба ягона донистани Аллоҳ таоло дар ибодат ва ҳушдору барҳазар

доштани онон аз ширк ё наздик шудан ба он, муттафиқу яксон будааст. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولًا أَنِ ٱعْبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجْتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَ﴾

Тарҷума:«Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ таоло] дурӣ кунед». [Наҳл -36]

Ва ҳар кас Аллоҳ таолоро он гуна ки дастур додааст, ибодат намояд, ҷону мол ва фарзанду манзилаш дар амон мешаванд, инчунин дар қабр ва рӯзи маҳшару рӯзи ҳисоб дар оромишу амният хоҳад буд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَمْ يَلْبِسُوٓاْ إِيمَٰنَهُم بِظُلْمٍ أُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلْأَمْنُ وَهُم مُّهْتَدُونَ﴾

Тарҷума: «Касоне, ки имон овардаанд ва имонашонро ба [ҳеҷ] ширке наолудаанд, ононанд, ки амн [-у оромиш] доранд ва онҳо ҳидоятшудагонанд». [Анъом -82]

Тавҳиди холис гуноҳонро аз байн бурда, иштибоҳу хатоҳоро пок мекунад ва монеъи ворид шудан ба ҷаҳаннам мегардад. Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

«فَإِنَّ اللَّهَ حَرَّمَ عَلَى النَّارِ مَنْ قَالَ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ، يَبْتَغِي بِذَلِكَ وَجْهَ اللَّهِ»

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол оташи дӯзахро бар касе, ки «Ло илоҳа иллаллоҳ» - ро ба хотири ризояту хушнудии Аллоҳ бигӯяд, ҳаром кардааст». (Муттафақун алайҳ)

Ҳар кас тавҳиди воҷибу мустаҳабро амалӣ ва иҷро намуд, бе ҳисобу китоб вориди биҳишт мешавад. Паёмбари Худо (с) аз сифатҳои онон хабар дода, фармудаанд:

«هُمُ الَّذِينَ لَا يَسْتَرْقُونَ، وَلَا يَكْتَوُونَ، وَلَا يَتَطَيَّرُونَ، وَعَلَى رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ»

Тарҷума:«Онҳо касоне ҳастанд, ки таъвизу тӯмор, афсуну ҷоду ва фол намегиранд, инчунин доғ (гармӣ) намекунанд ва ба Парвардигорашон таваккал менамоянд». (Муттафақун алайҳ)

Пас, қалбҳояшон ба Аллоҳ таоло вобаста буда, [ҳал ва кушоиши] умуру корҳояшонро ба Ӯ супурдаанд. Оқибатҳои ширк бисёр хатарнок буда, аъмоли бандаро ботилу беҳуда ва Парвардигори ҷаҳониёнро норозӣ мекунад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ أُوحِيَ إِلَيْكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكَ لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلْخَٰسِرِينَ﴾

Тарҷума: «Ба ту ва паёмбарони пеш аз ту ваҳй шудааст, ки: «Агар

ширк биварзӣ, [подоши] корҳоят, қатъан, барбод хоҳад рафт ва зиёнкор хоҳӣ шуд». [Зумар -65]

Ва Паёмбар (с) фармуданд:

«مَنْ مَاتَ وَهْوَ يَدْعُو مِنْ دُونِ اللَّهِ نِدّاً؛ دَخَلَ النَّارَ»

Тарҷума: «Ҳар касе дар ҳоле бимирад, ки ғайр аз Аллоҳи якторо дуо карда, барои Аллоҳ ҳамто ва монанде қарор додааст, ба оташи ҷаҳаннам дохил мешавад». (Ривояти Бухорӣ) Балки ин амалаш мондагорию ҷовидагонияшро дар ҷаҳаннам лозиму ҳатмӣ мегардонад. Ҳамон гуна ки Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ﴾

Тарҷума: «Аллоҳ таоло [ин] гуноҳро, ки ба ӯ ширк оварда шавад, ҳатман, намеомурзад ва ба ҷуз он [ҳар гуноҳе]-ро барои ҳар ки бихоҳад, меомурзад». [Нисо -116]

Ва ба хотири ин ки ширк ҳалокати шахс дар дунё ва охиратро лозиму ҳатмӣ мегардонад, Иброҳими Халил алайҳиссалом дуо намуданд, ки Аллоҳ таоло ӯро аз он (ширк) ҳифз намояд:

﴿وَٱجۡنُبۡنِي وَبَنِيَّ أَن نَّعۡبُدَ ٱلۡأَصۡنَامَ﴾

Тарҷума: «Ва ману фарзандонамро аз парастиши бутҳо дур бидор». [Иброҳим -35]

Иброҳими Таймӣ (раҳ) мегӯяд: «Чӣ касе баъд аз Иброҳим (а) ба ширк аз нафси худ дар амон аст».

Ва беҳтарин чизе, ки даъватгар ба он даъват мекунад, ин калимаи тавҳид ва далолаткунандагон ба он мебошанд. Паёмбар (с) ба Муъоз (р) фармуданд:

«إِنَّكَ تَأْتِي قَوْماً مِنْ أَهلِ الكِتَابِ؛ فَلْيَكُنْ أَوَّلَ مَا تَدْعُوهُمْ إِلَيْهِ: شَهَادَةُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ»

Тарҷума: «Ту назди касоне меравӣ, ки аҳли китобанд, аз онҳо бихоҳ, то гувоҳӣ диҳанд, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳи мутаол вуҷуд надорад». (Муттафақун алайҳ)

Ва ҳар кас ғайр аз Аллоҳро садову нидо кунад, ба нафсу ҷони худ ситам намудааст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَلَا تَدۡعُ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَنفَعُكَ وَلَا يَضُرُّكَۖ فَإِن فَعَلۡتَ فَإِنَّكَ إِذٗا مِّنَ ٱلظَّٰلِمِينَ﴾

Тарҷума: «Ва ба ҷойи Аллоҳ таоло, чизеро, ки суду зиёне ба ту намерасонад, [ба парастишу ниёзхоҳӣ] махон, ки агар чунин кунӣ, он гоҳ ҳатман, аз ситамгорон [-и мушрик] хоҳӣ буд». [Юнус - 106]

Ҳар кас пеши буте зону зад ё барои қабре сар хам намуда, аз он

умеди суду фоидае дошта бошад, пас, ӯ чизе маҳолу номумкинеро талаб карда, саробро об пиндоштааст. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَنۡ أَضَلُّ مِمَّن يَدۡعُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَن لَّا يَسۡتَجِيبُ لَهُۥٓ إِلَىٰ يَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَهُمۡ عَن دُعَآئِهِمۡ غَٰفِلُونَ ۞ وَإِذَا حُشِرَ ٱلنَّاسُ كَانُواْ لَهُمۡ أَعۡدَآءٗ وَكَانُواْ بِعِبَادَتِهِمۡ كَٰفِرِينَ﴾

Тарҷума: «Кист гумроҳтар аз он ки ба ҷойи Аллоҳ таоло афродеро [ба ниёиш] мехонад, ки то рӯзи қиёмат низ посухашро намедиҳанд ва аз дархосташон бехабаранд? Ва чун [дар қиёмат] мардум эҳзор шаванд, он маъбудон [-и ботил] душманонашон хоҳанд буд ва ибодаташонро инкор хоҳанд кард». [Аҳқоф - 5-6]

Ва садо задани мурдагон - садову овозест, ки шунида намешавад ва бо талаби ҳоҷат намудан аз онҳо - андӯҳу мушкилоташон бароварда намешавад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ مَا يَمۡلِكُونَ مِن قِطۡمِيرٍ ۞ إِن تَدۡعُوهُمۡ لَا يَسۡمَعُواْ دُعَآءَكُمۡ وَلَوۡ سَمِعُواْ مَا ٱسۡتَجَابُواْ لَكُمۡۖ وَيَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ يَكۡفُرُونَ بِشِرۡكِكُمۡۚ وَلَا يُنَبِّئُكَ مِثۡلُ خَبِيرٖ﴾

Тарҷума: «Ва касонеро, ки ба ҷойи Ӯ мехонед, [дар баробараш чунон фақиранд, ки ҳатто] пусти ҳастаи хурмоеро доро нестанд. Агарононро бихонед, садоятонро намешунаванд ва [ба фарзи маҳол] агар бишнаванд, посухатонро намедиҳанд ва рӯзи қиёмат аз ширки шумо безорӣ меҷӯянд; ва [эй паёмбар] ҳеҷ кас ҳамчун [Парвардгори] огоҳ туро [аз ҳақоиқ] хабардор намесозад». [Фотир-13-14]

Ва ифроту зиёдаравӣ дар мавриди [бузургдошти ёду хотираи] мурдагону гузаштагони некӯкор сабабгори куфри одамон ва тарки динашон гардидааст, дар ҳоле ки Паёмбари Худо (с) аз он, дар ин фармудааш, барҳазар доштааст:

«إِيَّاكُمْ وَالغُلُوَّ فِي الدِّينِ، فَإِنَّمَا أَهلَكَ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمُ الغُلُوّ فِي الدِّينِ»

Тарҷума: «Аз ифроту ғулув бипарҳезед, ҳамоно зиёдаравӣ дар дин, касоне, ки қабл аз шумо будандро ҳалок кард». (Ривояти Насоӣ)

Ва бадтарини махлуқот касоне ҳастанд, ки бар қабру гӯрҳо эътикофнишинӣ карда, онҳоро ба ҷои Аллоҳ мехонанду садо мезананд. Паёмбар (с) ба Модари мӯъминон Умми Салама (р) фармуданд:

«أُولَئِك إِذَا مَاتَ فِيهِمُ الرَّجُلُ الصَّالِحُ - أَوِ: العَبْدُ الصَّالِحُ - بَنَوْا عَلَى قَبْرِهِ مَسْجِداً، وَصَوَّرُوا فِيهِ تِلْكَ الصُّوَرَ، أُولَئِك شِرَارُ الخَلْقِ عِنْدَ اللَّهِ»

Тарҷума: «Онҳо қавме ҳастанд, ки харгоҳ банда ё марди солеҳу

некӯкоре аз миёнашон вафот кард, бар қабраш масҷид месохтанд ва он [расму] тасвирҳоро дар он (қабр) мекашиданд, онҳо назди Аллоҳ таоло [ба хотири ин корашон] бадтарини махлуқот ҳастанд». (Муттафақун алайҳ)

Ва сеҳру ҷоду нури имонро хомӯш ва появу асоси исломро вайрон мекунад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ عَلِمُوا۟ لَمَنِ ٱشْتَرَىٰهُ مَا لَهُۥ فِى ٱلْـَٔاخِرَةِ مِنْ خَلَـٰقٍ﴾

Тарҷума:«Ва ҳатман медонистанд, ки ҳар кас [муштоқу] харидори он [ҷодуҳо] бошад, дар охират баҳрае нахоҳад дошт». [Бақара - 102]

Рафтан пеши коҳинону ғайбгӯён фасоде дар дин ва нақсу норасоӣ дар ақл мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿ قُل لَّا يَعْلَمُ مَن فِى ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ٱلْغَيْبَ إِلَّا ٱللَّهُ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: «Касе дар осмонҳо ва замин аз ғайб огоҳ нест, магар Аллоҳ таоло. Ва намедонанд чи замоне барангехта мешаванд». [Намл - 65]

Ва Паёмбар (с) мефармояд:

**«مَنْ أَتَى كَاهِناً أَوْ عَرَّافاً فَسأَلَهُ عَنْ شَيْء فصَدَّقَهُ؛ فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِل عَلَى مُحَمَّدٍ»**

Тарҷума: «Ҳар кас ба назди коҳин ё ғайбгӯе рафта, [гуфтаҳои] ӯро тасдиқу бовар намояд, бешубҳа, ба онҷӣ бар Муҳаммад (с) нозил шуда, кофир шудааст.(Ривояти Аҳмад)

Ва таъвизоту тӯморҳо -аз ҷумла ҳалқаҳо, бандҳо, садафҳо ва монанди онҳо - ба шахсе, ки онҳоро мепӯшад ба ғайр аз сустӣ дар имон ва заъф дар таваккал ба Аллоҳ таоло, чизи дигаре намеафзоянд:

«رَأى النَّبِيُّ صلى الله عليه وسلم رَجُلاً فِي يَدِهِ حَلْقَةً مِنْ صُفْرٍ، فَقَالَ: **وَيْحَكَ مَا هَذِهِ؟** قَالَ: مِنَ الوَاهِنَةِ، قَالَ: **أَمَا إِنَّهَا لا تَزِيدُكَ إِلاّ وَهْناً؛ انْبِذْهَا عَنْكَ، فَإِنَّكَ لَوْ مُتَّ وَهِيَ عَلَيْكَ مَا أَفْلَحْتَ أَبداً»**

Тарҷума: «Паёмбари Худо (с) ангуштари зардранге дар дасти марде диду пурсид: «Вой бар ту, ин чист?» Он мард гуфт: Ин барои воҳина (бемории нотавонии ҷисм) аст. Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Онро аз дастат берун кун, зеро фоидае ба ғайр аз афзоиш додани нотавонии ту нахоҳад дошт. Ва агар дар ҳоле бимирӣ, ки онро пӯшидаӣ, ҳаргиз растагор намешавӣ». (Ривояти Аҳмад)

Ва пӯшидани таъвизу тӯмор ширк ба Аллоҳи мутаол мебошад. Паёмбар (с) фармуданд:

**«مَنْ عَلَّقَ تَمِيمَةً؛ فَقَدْ أَشْرَكَ»**

Тарҷума: «Ҳар кас таъвизу тӯморе ба худ овезон кунад, бешак, ширк варзидааст». (Ривояти Аҳмад)

Ва ҳар кас чизе ба худ овезон кунад, Аллоҳи мутаол ӯро ба он (таъвизу тӯмор) месупорад, пас, ҳалок мешавад. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«مَنْ تَعَلَّقَ شَيْئاً؛ وُكِلَ إِلَيْهِ»

Тарҷума: «Ҳар кас чизе ба худ овезон кунад, ба он супурда мешавад». (Ривояти Тирмизӣ)

Аз дарахтону сангҳо умеди баракат надошта бошед, зеро ба воситаи онҳо баракат ҳосил намешавад, балки онҳо махлуқоти Аллоҳи мутаол мебошанд, ки фоида ва зиёне намерасонанд.

Ва рехтани хун [барои касе ё чизе] ба нияти ибодату савоб ба ғайр аз Аллоҳ таоло дуруст нест ва ҳар кас барои ғайри Аллоҳи мутаол забҳу қурбонӣ намояд, дар партгоҳу гирдоби ширк қарор мегирад.

Паёмбари Худо (с) фармуданд:

«لَعَنَ اللَّهُ مَنْ ذَبَحَ لِغَيْرِ اللَّهِ»

Тарҷума: «Аллоҳ лаънат намудааст касеро, ки барои ғайри Аллоҳ забҳ (қурбонӣ) кунад».(Ривояти Муслим)

Ва назр ибодате аст, ки барои ғайри Аллоҳ анҷом дода намешавад. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«مَنْ نَذَرَ أَنْ يُطِيعَ اللَّهَ؛ فَلْيُطِعْهُ، وَمَنْ نَذَرَ أَنْ يَعْصِيَهُ؛ فَلَا يَعْصِهِ»

Тарҷума: «Ҳар кас назр кард, ки аз Аллоҳ итоат кунад, пас, аз Ӯ итоат намояд ва ҳар кас назр кард, ки аз Ӯ нофармонӣ кунад, пас, нофармонӣ накунад». (Ривояти Бухорӣ)

Ва ҳар кас аз Парвардигор талаби паноҳ намуд, Аллоҳи мутаол ӯро паноҳ медиҳад ва ҳар кас ба ғайри Ӯ паноҳ бурд, Аллоҳ таоло ӯро ба он вогузор менамояд. Паёмбари Худо (с) мефармояд:

«مَنْ نَزَلَ مَنْزِلاً، ثُمَّ قَالَ: أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللَّهِ التَّامَّاتِ مِنْ شَرِّ مَا خَلَقَ؛ لَمْ يَضُرَّهُ شَيْءٌ حَتَّى يَرْتَحِلَ مِنْ مَنْزِلِهِ ذَلِكَ»

Тарҷума: «Ҳар касе, ки ба ҷое фуруд омаду сипас гуфт: «Паноҳ меҷӯям ба калимаҳои томмаи Аллоҳ аз шарри ончӣ офаридааст», чизе ба ӯ (шахси дуокунанда) газанду зиёне намерасонад, то замоне ки аз он манзил кӯч набандад». (Ривояти Муслим)

Ва агар ҳамаи мусибатҳои замон ва сахтиҳои рӯзгор бар ту ворид шуданд, аз ғайри Аллоҳ талаби мададу ёрӣ накун ва ғайр аз Ӯро садову

нидо накун, инчунин барои мурдае, ки дар қабр аст ё устухонҳояш дар лаҳад пусидааст, сар хам накун ва ҳадафу орзуи худро ба Зоте, ки болои осмонҳост, бигӯ:

﴿أَمَّن يُجِيبُ ٱلْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ﴾

Тарҷума: «[Оё маъбудони шумо беҳтаранд] Ё касе, ки [дуои] дармондаро - чун аз Ӯ кӯмак бихоҳад - иҷобат мекунад». [Намл -62]

Ва ҳеҷ роҳи фирор аз озмоишу имтиҳони Ӯ нест. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿أَحَسِبَ ٱلنَّاسُ أَن يُتْرَكُوٓاْ أَن يَقُولُوٓاْ ءَامَنَّا وَهُمْ لَا يُفْتَنُونَ﴾

Тарҷума: «Оё мардум пиндоштаанд, ҳамин ки [ба забон] бигӯянд: «Имон овардем», ононро [ба ҳоли худ] вомегузоранд ва озмуда намешаванд?!» [Анкабут -2]

Ва агар ба ту мусибате расид, бо хушнудӣ ва таслим шудан ба тақдири худ, бо он рӯ ба рӯ шав. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَمَن يُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ يَهْدِ قَلْبَهُۥ﴾

Тарҷума: «Ва ҳар кас ба Аллоҳ таоло имон оварад, [Аллоҳ таоло] қалбашро ҳидоят мекунад». [Тағобун -11]

Алқама (раҳ) дар тафсири ин оят мегӯяд: «Ӯ [ҳидоятёфта] марде аст, ки ба вай мусибате расидааст, пас, медонад, ки он [мусибату имтиҳон] аз назди Аллоҳ аст, аз ин рӯ, ба он [тақдиру имтиҳони илоҳӣ] розӣ ва таслим мешавад».

Барои чизе, ки [дар тақдири] ту навишта нашудааст, андӯҳгин набош, зеро ғаму андӯҳ онро аз байн намебарад. Ва аз ин ки қабл аз рух додани онҷӣ дар тақдират навишта шудааст, эҳтиётро риоя накардӣ, пушаймон набош ва аз истифодаи калимаи "агар" барҳазар бошу эҳтиёт кун, зеро ин калима аз Шайтон аст. Расули Худо (с) фармуданд:

«احْرِصْ عَلَى مَا يَنْفَعُكَ، وَاسْتَعِنْ بِاللهِ وَلَا تَعْجِزْ، وَإِنْ أَصَابَكَ شَيْءٌ فَلَا تَقُلْ: لَوْ أَنِّي فَعَلْتُ كَانَ كَذَا وَكَذَا، وَلَكِنْ قُلْ: قَدَّرَ اللَّهُ وَمَا شَاءَ فَعَلَ، فَإِنَّ لَوْ تَفْتَحُ عَمَلَ الشَّيْطَانِ»

Тарҷума: «Бар чизе, ки бароят фоидаовар аст, ҳарису серталаб бош, ва аз Аллоҳи мутаол ёрӣ бихоҳ ва нотавон нашав ва агар дучори балову мусибате шудӣ нагӯ: Агар чунин мекардам, чунин мешуд, балки бигӯ: Ҳар онҷӣ Аллоҳ хостааст, ҳамон хоҳад шуд, зеро "агар" гуфтан [-и банда] роҳро барои Шайтон мекушояд».(Ривояти Муслим)

Умуру корҳоятро ба Аллоҳ таоло бисупор, ҳаргиз ба ғайр аз ончӣ барои ту [дар тақдират] навишта шудааст, чизи дигаре насибат намешавад:

﴿قُل لَّن يُصِيبَنَآ إِلَّا مَا كَتَبَ ٱللَّهُ لَنَا﴾

«Бигӯ: «Ҳаргиз [мусибате] ба мо намерасад, ҷуз ончӣ Аллоҳ таоло бароямон муқаррар кардааст». [Тавба -51]

Убода ибни Сомит (р) ба фарзандаш гуфт:

«يا بُنَيَّ! إنَّك لَنْ تَجِدَ طَعْمَ الإيمَانِ حتَّى تَعْلَمَ أنَّ مَا أَصَابَكَ لَمْ يَكُنْ لِيُخْطِئَكَ، ومَا أَخْطَأَكَ لَمْ يَكُنْ لِيُصِيبَكَ»

Тарҷума: «Эй писарам, таъму мазаи имонро намеёбӣ, то замоне, ки бидонӣ ончӣ ба ту расидааст, ҳаргиз [дар ин ки он балову мусибат насиби ту будааст] эҳтимоли хатову иштибоҳ вуҷуд надоштааст, ва ончӣ ба ту нарасидааст, ҳаргиз [дар тақдират] эҳтимоли расидан [-и он] ба ту [навишташуда] набудааст». (Ривояти Абӯдовуд)

Фақат эътимоду боварӣ ба асбобу сабабгорҳо бо қалб ва аъзои бадан, нақсу камбудие дар тавҳид мебошад, аммо таътилу дасткашӣ аз асбобу сабабгорҳо аҷзу нотавонӣ аст, [дар ин гуна мавридҳо] лозиму ҳатмӣ ин аст ки сабабгорҳои мубоҳу ҷоиз истифода шаванд, дар ҳоле ки қалб вобаста [ва умедвор] ба Аллоҳ таоло аст.

Во ба таваккал намудан ба Аллоҳ таоло сахтиҳо осон шуда, ризқу рӯзӣ зиёд мегардад ва мушкилоту сахтиҳо аз байн мераванд.

Ва дар амон будан аз макри Аллоҳ танҳо ғуруру худфиребӣ мебошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿أَفَأَمِنُواْ مَكۡرَ ٱللَّهِۚ فَلَا يَأۡمَنُ مَكۡرَ ٱللَّهِ إِلَّا ٱلۡقَوۡمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ﴾

«Оё худро аз макр [-у тадбир]-и Аллоҳ таоло эмин донистаанд? [Ҳол он ки] Ҷуз мардуми зиёнкор [касе] худро аз макри Аллоҳ таоло дар амон намедонад». [Аъроф -99]

Ва ноумедӣ аз раҳмати Аллоҳ ноумедии воқеъӣ аст. Ӯ таоло мефармояд:

﴿قَالَ وَمَن يَقۡنَطُ مِن رَّحۡمَةِ رَبِّهِۦٓ إِلَّا ٱلضَّآلُّونَ﴾

«Ва ҷуз гумроҳон чи касе аз раҳмати Парвардигораш ноумед мегардад?». [Ҳиҷр -56]

Ва якҷоя кардани умеду тарс бо муҳаббат, роҳу равиши боинсофона

аст.

Ва ширк дарвозаҳои махфӣ дорад, Шайтон ҳамаи саъю кӯшиши худро мекунад, ки бандагон аз он дарвозаҳо дохил шаванд. Паёмбари Худо (с) мефармояд:

«أَخْوَفُ مَا أَخَافُ عَلَيْكُمُ الشِّرْكُ الأَصْغَرُ، فسُئِل عنه، فقال: الرِّيَاءُ»

Тарҷума: «Бештарин чизе, ки аз он бар уммати худ биму тарс дорам: Ширки асғар (хурд) аст; Пурсида шуд: Ширки асғар чист? Фармуданд: «Риёкорӣ». (Ривояти Аҳмад)

Ва риё бемории омилону амалкунандагон мебошад, ки амали некро фосиду беҳуда ва Парвардигорро хашмгин мекунад ва риё барои некӯкорон аз Даҷҷол хатарноктар аст. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«أَلَا أُخْبِرُكُمْ بِمَا هُوَ أَخْوَفُ عَلَيْكُمْ عِنْدِي مِنَ المَسِيحِ الدَّجَّالِ؟ قَالَ: قُلْنَا: بَلَى، فَقَالَ: الشِّرْكُ الخَفِيُّ: أَنْ يَقُومَ الرَّجُلُ يُصَلِّي، فَيُزَيِّنُ صَلَاتَهُ لِمَا يَرَى مِنْ نَظَرِ رَجُلٍ».

Тарҷума: «Оё шуморо аз ончӣ дар наздам тарсноктар аз Масеҳи Даҷҷол аст, хабар надиҳам?» Гуфтанд: Бале эй Расули Худо! Пас фармуданд: «Ширки пинҳонӣ - Ва он ин аст ки шахс намоз гузорад ва намозашро барои шахсе, ки ба ӯ менигарад, зебо созад».(Ривояти Ибни Моҷа)

Расули Худо (с) фармуданд:

«مَنْ حَلَفَ بِغَيْرِ اللَّهِ؛ فَقَدْ كَفَرَ أَوْ أَشْرَكَ»

Тарҷума: «Ҳар кас ба [чизе ё касе] ғайри Аллоҳ таоло савганд ёд кунад, бешубҳа, куфр ё ширк варзидааст». (Ривояти Тирмизӣ)

Ва зиёд савганд ёд кардан бо таъзиму бузургдошти Аллоҳи мутаол дар дилҳо, таноқузу мухолифат дорад. Пас, ҳатто агар ростгӯ бошӣ ҳам, дар қасам хӯрдан бодиққату эҳтиёткор бош. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَٱحۡفَظُوٓاْ أَيۡمَٰنَكُمۡ﴾

«Ва савгандҳои худро ҳифз кунед [ва нашканед]». [Моида -89]

Ва аз савганди ғамусу дурӯғин ҷиддан бипарҳез.

Минҷумлаи [аломатҳои] таъзиму бузургдошти Аллоҳи мутаол - ин тасдиқу бовар намудани касе аст, ки ба Аллоҳ савганд мехӯрад - гарчанде ки шунаванда бидонад, ки савгандёдкунанда дурӯғ мегӯяд. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«لَا تَحْلِفُوا بِآبَائِكُمْ، مَنْ حَلَفَ بِاللَّهِ فَلْيَصْدُقْ، وَمَنْ حُلِفَ لَهُ بِاللَّهِ فَلْيَرْضَ، وَمَنْ لَمْ يَرْضَ بِاللَّهِ فَلَيْسَ مِنَ اللَّهِ»

Тарҷума: «Ба падаронатон савганд нахӯред, ва ҳар кас ба номи

Аллоҳ савганд ёд мекунад, бояд рост гӯяд, ва барои ҳар касе, ки савганд ба номи Аллоҳ ёду зикр шуд, бояд [он савгандро] бипазирад ва касе, ки ба савганди ба номи Аллоҳ зикршуда, розӣ нашавад, аз муқаррабону наздикшудагони даргоҳи Худованд нест». (Ривояти Ибни Моҷа)

Ва аз ҷумлаи [нишонаҳои] гиромидошти Аллоҳ таоло - ин аст ки агар шахсе аз ту бо номи Худо талабу суол намуд, ӯро дасти холӣ барнагардонӣ. Паёмбари Худо (с) фармуданд:

«مَنِ اسْتَعَاذَ بِاللَّهِ فَأَعِيذُوهُ، وَمَنْ سَأَلَ بِاللَّهِ فَأَعْطُوهُ، وَمَنْ دَعَاكُمْ فَأَجِيبُوهُ»

Тарҷума: «Агар касе бо номи Аллоҳ аз шумо паноҳ хост, ба ӯ паноҳ диҳед ва агар касе бо номи Аллоҳ аз шумо чизе талабу дархост кард, пас, [матлубашро] ба ӯ бидиҳед ва агар касе шуморо даъват намуд, даъваташро қабул намоед». (Ривояти Абӯдовуд)

Бад гуфтани замона ё тағйири боду ҳаво - аз гармӣ ва хунукӣ - озору азияти Парвардигори ҷаҳониён аст. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«قَالَ اللَّهُ عز وجل: يُؤْذِينِي ابْنُ آدَمَ، يَسُبُّ الدَّهْرَ، وَأَنَا الدَّهْرُ؛ بِيَدِي الأَمْرُ، أُقَلِّبُ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ»

Тарҷума: «Аллоҳ таоло фармудааст: Фарзанди Одам Маро азият мекунад, рӯзгорро дашном медиҳад, дар ҳоле ки Ман Офаридгори рӯзгорам ва фармон дар дасти ман аст, шабу рӯзро Ман мечархонам». (Ривояти Бухорӣ)

Ва ба хотири гиромӣ доштани дин, замину осмон қоиму барпо шуданд ва биҳишту дӯзах омода шудаанд ва масхара намудани дин, аҳком ва аҳлаш, яъне масхара кардани онҳое, ки ба дин пойбанд ҳастанд - шахсро аз ислом хориҷ мекунад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَلَئِن سَأَلْتَهُمْ لَيَقُولُنَّ إِنَّمَا كُنَّا نَخُوضُ وَنَلْعَبُ قُلْ أَبِاللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمْ تَسْتَهْزِءُونَ ۞ لَا تَعْتَذِرُوا۟ قَدْ كَفَرْتُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْ﴾

«Ва агар аз онон бипурсӣ: [«Чаро тамасхур мекардед»?] Мусалламан, мегӯянд: «Мо ҷиддӣ намегуфтем ва [шӯхӣ ва] бозӣ мекардем». Бигӯ: «Оё Аллоҳ таоло ва оёти Ӯ ва паёмбарашро масхара мекардед»? Узр наоваред. Ба ростӣ, ки шумо пас аз имонатон кофир шудаед». [Тавба -65-66]

Ва ба Аллоҳ гумони бад накун - бештар аз лаёқату шоистагият ба ту неъмат дода шудааст. Ё неъматеро, ки дар дасти дигарон аст ва Аллоҳ

таоло онро ба онҳо ато намударо ҳақиру ночиз нашумор, [зеро] ин гумони ҷоҳилият аст, пас, ҳар чизе, ки дар ин ҳастӣ вуҷуд дорад ба фармону ҳикмати Худованд мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿يَظُنُّونَ بِٱللَّهِ غَيۡرَ ٱلۡحَقِّ ظَنَّ ٱلۡجَٰهِلِيَّةِۖ يَقُولُونَ هَل لَّنَا مِنَ ٱلۡأَمۡرِ مِن شَيۡءٖۗ قُلۡ إِنَّ ٱلۡأَمۡرَ كُلَّهُۥ لِلَّهِۗ﴾

Тарҷума: «Ва дар бораи Аллоҳ таоло гумонҳои нораво [ва ботиле] ҳамчун гумонҳои [даврони] ҷоҳилият доштанд. Онон мегуфтанд: «Оё мо дар ин кор ихтиёре дорем»? [Эй паёмбар, ба онон] Бигӯ: «Ҳамаи корҳо [ва шикасту пирӯзӣ] ба дасти Аллоҳ таоло аст». [Оли Имрон - 154]

Рассомӣ ва суратгирӣ аз гуноҳони кабира аст ва анҷомдиҳандаи он бо оташи ҷаҳаннам таҳдид шудааст. Паёмбари Худо (с) фармуданд:

«كُلُّ مُصَوِّرٍ فِي النَّارِ، يُجْعَلُ لَهُ بِكُلِّ صُورَةٍ صَوَّرَهَا نَفْسٌ تُعَذِّبُهُ فِي جَهَنَّمَ»

Тарҷума: «Ҳар тасвиргару рассоме дар оташ аст ва дар ивази ҳар расму тасвири кашидааш, рӯҳу ҷоне ба ӯ дода мешавад, ки ӯро дар ҷаҳаннам азоб диҳад». (Муттафақун алайҳ)

Ва қадри Аллоҳ таолоро бидон, пас, Ӯ дар мулку фармонравоияш азим аст, болои Арши Худ аст ва дар шариатгузориаш боҳикмат аст. Пас, бар онҷӣ бар ту аз намозҳои панҷгона фарз шудааст, пойбанд бошу онҳоро саривақт ба ҷо ор ва аз беparвоӣ дар адои онҳо барҳазар бош, зеро намоз сутуни дин аст. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

«العَهْدُ الَّذِي بَيْنَنَا وَبَيْنَهُمُ الصَّلَاةُ؛ فَمَنْ تَرَكَهَا فَقَدْ كَفَرَ»

Тарҷума: «Паймони байни мо ва онҳо намоз аст, касе, ки онро тарк кунад, кофир мешавад». (Ривояти Тирмизӣ)

Ва дар ҳама ҳолатҳои худ фақат ба Аллоҳ рӯ биёр, аъмолу корҳоят дуруст мешаванд.

أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم

﴿قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ۞ لَا شَرِيكَ لَهُۥۖ وَبِذَٰلِكَ أُمِرۡتُ وَأَنَا۠ أَوَّلُ ٱلۡمُسۡلِمِينَ﴾

«Бигӯ: «Бе тардид, намозам ва қурбониҳои ман ва зиндагӣ ва маргам ҳама барои Аллоҳ таоло - Парвардигори ҷаҳониён аст. Шарике надорад ва ба ин [яктопарастии холисона] дастур ёфтаам ва ман нахустин мусулмон [аз ин қавм] ҳастам». [Анъом - 162-163]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони азимушшаън баракат ато намояд.

## Хутбаи дуюм

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуд, тавфиқ доду миннат ниҳод ва гувоҳӣ медиҳам ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту шарике надорад, гувоҳӣ медиҳам ки ҳамоно Паёмбари мо Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд: Эй мусулмонон**

Дин боарзиштарин чизе аст, ки ту дар ихтиёр дорӣ, пас, динатро бо дурӣ аз фитнаҳо муҳофизат кун, зеро фитнаҳо қалбро тасхир мекунанд ва шубҳаҳо бадиҳоро ҷалб мекунанд. Расули Худо (с) фармуданд

«وَمَنِ اسْتَشْرَفَ إِلَيْهَا - أَيْ: تَطَلَّعَ إِلَيْهَا - أَخَذَتْهُ»

Тарҷума: «Ва ҳар касе, ки ба суроғу ҷустуҷӯи фитна биравад, [фитна] ӯро домангир хоҳад кард». (Ривояти Бухорӣ)

Ва чашмҳоятро аз нигоҳи номаҳрам ҳифз кун, зеро ин кор тазкияву поксозие барои нафс, фармонбардории Аллоҳ таоло ва боло рафтани дараҷаҳо мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا۟ مِنْ أَبْصَٰرِهِمْ وَيَحْفَظُوا۟ فُرُوجَهُمْ ۚ ذَٰلِكَ أَزْكَىٰ لَهُمْ﴾

Тарҷума: «[Эй паёмбар] Ба мардони муъмин бигӯ, чашмони худро [аз нигоҳ ба номаҳрам] фурӯ гиранд ва покдоманӣ пеша кунанд. Ин [кор] барои онон покизатар аст». [ Нур-30]

Зебоии зан дар пардааш, ҷамолаш дар ҳиҷобаш ва зинаташ дар пойбандӣ ба динаш мебошад. Занони саҳоба беҳтарин мисол дар ин замина мебошанд, то аз онҳо дар ҳиҷобу пӯшиш ва шарму ҳаёашон пайравӣ шавад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِىُّ قُل لِّأَزْوَٰجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَآءِ ٱلْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَٰبِيبِهِنَّ ۚ

ذَٰلِكَ أَدْنَىٰٓ أَن يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ﴾

Тарҷума: «Эй паёмбар, ба ҳамсарону духтаронат ва дигар занони муъмин бигӯ, ки чодарҳояшонро ба шоистагӣ бар [сар ва синаи] хеш бияфкананд. Ин [гуна пӯшиш] муносибтар аст, то ин ки [дар ҷомеа ба матонату виқор] шинохта шаванд ва [дар натиҷа] мавриди озор [-и ҳарзагон] қарор нагиранд». [Аҳзоб -59]

Ва шунидани мусиқӣ аз гуноҳоне аст, ки қалбро торик намуда,

монеъи шунидани Қуръони карим мегардад. Расули Худо (с) фармуданд:

«لَيَأْتِيَنَّ أَقْوَامٌ مِنْ أُمَّتِي يَسْتَحِلُّونَ الحِرَ - أي: الزِّنى - وَالحَرِيرَ، وَالخَمْرَ، وَالمَعَازِفَ»

Тарҷума: «Дар миёни уммати ман шахсоне пайдо хоҳанд шуд, ки зино, абрешим, шароб (май) ва [навохтан ва лаззатҷӯӣ бо] асбоби мусиқиро ҳалол мешуморанд». (Муттафақун алайҳ)

Ва беҳтарин чизе, ки банда онро мешунавад, каломи Парвардигори ҷаҳониён аст, дар он нуру ҳидоят ва шифо вуҷуд дорад.

Ва моли ҳалол - салоҳу некӣ дар дин, тавоноии ҷисмӣ, ҳидояти фарзандон, баракат дар базлу бахшиш, сабаби пазириши дуо ва иқтидову пайравӣ аз паёмбарон мебошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلرُّسُلُ كُلُواْ مِنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَٱعۡمَلُواْ صَٰلِحًا﴾

«Эй паёмбарон, аз [ғизоҳои] покиза бихӯред ва кори шоиста анҷом диҳед». [Мӯъминон -51]

Ва моли ҳаром бебаракату зараррасон ва пушаймониовар ва сабаби қабул нашудани дуо мегардад.

Сипас бидонед, ки Аллоҳи мутаол шуморо ба фиристодани саломи дуруд бар Паёмбараш амр намудааст…

# Номҳои неки Аллоҳи мутаол[1]

Бешубҳа, ҳамаи ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзишу бахшиш менамоем, аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро Ӯ гумроҳ намояд, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ таоло нест, яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёрони ӯ бод.

**Аммо баъд**:

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Аллоҳро он гуна, ки шоистаи Ӯст пеша созед, ҳар касе, ки аз Парвардигораш битарсад, наҷот меёбад ва ҳар кас аз тақвои Аллоҳ руй гардонад, ҳалок мегардад.

**Эй мусулмонон:**

Шинохти Аллоҳи мутаол яке аз аркони имон буда, балки аз асоситарин рукнҳо мебошад ва боқимондаи (рукнҳои имон) ҳамагӣ тобеъу пайрави ин рукн ҳастанд. Маърифату шинохти номҳову сифатҳои Аллоҳ таоло бартарину воҷибтарин чизе аст, ки қалбҳо онро ба даст оварда, ба ҷонҳо мерасад ва ақлҳо онро дарк мекунанд. Имом ибни Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: «Поктарину беҳтарин чизе, ки дар дунё вуҷуд дорад, шинохту муҳаббати Аллоҳ таоло мебошад.

Кулли Қуръон ба нигоҳ намудану андеша кардан дар бораи сифатҳо, афъол ва номҳои Аллоҳи мутаол даъват менамояд. Шайхулислом Ибни Таймия (раҳ) мегӯяд: «Зикру ёди номҳо, сифатҳо ва афъоли Аллоҳи мутаол дар Қуръон бештар аз зикру ёдоварии хӯрдану нӯшидан аст».

Ҳар кас сифатҳои Аллоҳи мутаолро ёд кунад ва дӯст бидорад, Аллоҳи мутаол Ӯро дӯст медорад ва Паёмбар (с) ба шахсе, ки сураи Ихлосро мехонад, мужда дод, ки Аллоҳи мутаол ӯро дӯст медорад. Ӯ (с) фармуданд:

«**سَلُوهُ لِأَيِّ شَيْءٍ يَصْنَعُ ذَلِكَ؟** فَسَأَلُوهُ، فَقَالَ: لِأَنَّهَا صِفَةُ الرَّحْمَنِ، وَأَنَا أُحِبُّ أَنْ أَقْرَأَ بِهَا،

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 23-юми шавволи соли 1426-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

فَقَالَ النَّبِيُّ صَلَّى الله عليه وسلم: **أَخْبِرُوهُ أَنَّ اللَّهَ يُحِبُّهُ»**

Тарҷума: «Аз ӯ бипурсед, ки чаро чунин мекунад, аз вай пурсиданд ва ӯ гуфт: Зеро, дар ин сура (-и Ихлос) Аллоҳи меҳрубон тавсиф шудааст ва ман дӯст медорам, ин сураро бихонам, Паёмбар (с) фармуданд: ба ӯ бигӯед, ки Аллоҳи мутаол ҳам ӯро дӯст медорад». (Муттафақун алайҳ)

Ва номҳои Ӯ Таоло беҳтарин номҳо ва сифоташ комилтарин сифот мебошанд:

﴿لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ﴾

Тарҷума: «Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Ӯ нест ва Ӯ шунавову доност». [Шӯро - 11]

Ва барои ҳар мусулмоне донистан ва фаҳмидани маънои номҳои неки Парвардигораш сазовор аст.

Пас, Парвардигори мо хеле **Бахшандаву бисёр Меҳрубон** буда, раҳматаш ҳамаи чизро фаро гирифтааст ва раҳматаш васеътарину бузургтарини сифатҳояш мебошад. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

**«إِنَّ لِلَّهِ مِئَةَ رَحْمَةٍ أَنْزَلَ مِنْهَا رَحْمَةً وَاحِدَةً بَيْنَ الجِنِّ وَالإِنْسِ وَالبَهَائِمِ وَالهَوَامِّ، فَبِهَا يَتَعَاطَفُونَ، وَبِهَا يَتَرَاحَمُونَ، وَبِهَا تَعْطِفُ الوَحْشُ عَلَى وَلَدِهَا، وَأَخَّرَ اللَّهُ تِسْعاً وَتِسْعِينَ رَحْمَةً يَرْحَمُ بِهَا عِبَادَهُ يَوْمَ القِيَامَةِ»**

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол сад раҳмат дорад, яке аз онҳоро байни ҷинҳо, инсонҳо ва чорпоёну ҳашарот нозил кардааст, ки бо он ба ҳамдигар меҳрубонӣ мекунанд ва бар асоси он, ҳайвоноти ваҳшӣ ба фарзандонашон меҳрубонӣ менамоянд, наваду нуҳ раҳматашро нигаҳ дошт, то бо он дар рӯзи қиёмат бандагонашро мавриди марҳамат қарор диҳад».

Ҳеҷ шахсе вуҷуд надорад, магар ин ки аз раҳмати Аллоҳ баҳрае мебарад ва ҳар неъмате, ки мушоҳида мекунед аз неъматҳои Аллоҳи мутаол аст ва ҳар азобе, ки бартараф мешавад, аз раҳмати Ӯст, Имом ибни Қаййим мегӯяд: «Ва ин навишта (яъне: раҳмати ман бар хашми ман сабқат гирифтааст) монанди аҳду паймоне аз ҷониби Аллоҳи мутаол ба махлуқот аст ва агар он набуд махлуқот ҳоли дигаре доштанд».

Ва ҳар касе ба Аллоҳ наздиктар бошад, раҳмати Аллоҳ ба ӯ бештару авлотар мегардад.

Ӯ Таоло **Малик - Фармонраво** аст: Ҳар тавр ки мехоҳад дар махлуқоташ тасарруфу ихтиёдорӣ менамояд, ҳеҷ ҷунбандае

намеҷунбад ва ором намешавад, магар бо илму иродаи Ӯ, бидуни монеъу боздоранда амр ва наҳй мекунад, иззату зиллат медиҳад ва ҳеҷ чиз Ӯро дар омӯрзиш нотавон намекунад, пас, умуратро ба ҳамчунин фармонравое бисупор, зеро калиди ҳама чизҳо ба дасти Ӯ мебошанд, дар ҳамаи аҳволат фақат ба Ӯ таваккал намо ва Ӯро наздики худ меёбӣ».

Ӯ «**Қуддус»-бисёр Поку Муқаддас** аст: аз ҳар айбу нақсе муназзаҳ аст, ба сифатҳои камол мавсуф аст, пас, ҳеҷ маъбуде ва ҳеҷ валие бо Ӯ садо зада намешавад.

Ва Ӯ **Салому Солим** мебошад: Аз ҳар айбу халале дар сифатҳояш солим аст, ҳамаи махлуқот Парвардигори моро аз ин муназзаҳ медонанд, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ﴾

Тарҷума: «Онҷӣ дар осмонҳо ва замин аст, Ӯро тасбеҳ мегӯянд». [Ҷумъа - 1]

Ӯ таоло **Мӯъмин** аст: махлуқоташ аз ин ки Ӯ ба онҳо зулм кунад ё ҳаққашонро поймол намояд дар амонанд, пас, тақво пеша кунед, зеро аъмоли некатон маҳфуз ва чандин баробаранд.

Ӯ **Муҳаймину Мусаллат** бар махлуқоташ аст: Аз ҳама розу асрори дилҳо огоҳ аст, пас, агар Ӯро нофармонӣ намудед, аз макраш дар амон намебошед.

Ва Ӯ **Шаҳид** аст, шоҳид бар гуфтору афъоли бандагонаш аст, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَمَا ٱللَّهُ بِغَٰفِلٍ عَمَّا تَعۡمَلُونَ﴾

Тарҷума:«Ва Аллоҳ аз онҷӣ анҷом медиҳед ғофил нест». [Бақара - 74]

Ва Ӯ **Ғолиб** аст: мағлуб намешавад, ба ҳама чиз иззат бахшид, сипас бар он чира шуд, ҳама сахтиҳо ба хотири иззати Ӯ залилу нарм шуданд. Паёмбар (с) мефармоянд:

«إِذَا قَضَى اللَّهُ الأَمْرَ فِي السَّمَاءِ، ضَرَبَتِ المَلَائِكَةُ بِأَجْنِحَتِهَا خُضْعَاناً لِقَوْلِهِ، كَالسِّلْسِلَةِ عَلَى صَفْوَانٍ»

Тарҷума: «Онгоҳ ки Аллоҳ дар осмон амрро содир мекунад, фариштагон бо мақсади нишон додани итоату фурӯтанӣ дар баробари фармони Аллоҳ, парҳояшонро ҳаракат медиҳанд, ки бар асари он садое монанди садои бархӯрди занҷир бар сахрае соф падидор шавад». (Ривояти Бухорӣ)

Ҳар кас бо тоату фармонбардорӣ ба Ӯ наздик шавад, иззат меёбад, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿مَن كَانَ يُرِيدُ ٱلۡعِزَّةَ فَلِلَّهِ ٱلۡعِزَّةُ جَمِيعًا﴾

Тарҷума: «Касе, ки хоҳони иззат аст, пас, (бидонад ки) иззат ҳамагӣ аз они Аллоҳ аст». [Фотир - 10]

Ҳар кас бо нофармонию гуноҳ бо Ӯ мубориза намуд, залил мешавад, пас, ба гуноҳ нанигар, ба Зоте бингар, ки Ӯро нофармонӣ мекунӣ».

Ва Ӯ «**Алию Аъло**»- **Болотару Бартар** аст, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِلَيۡهِ يَصۡعَدُ ٱلۡكَلِمُ ٱلطَّيِّبُ وَٱلۡعَمَلُ ٱلصَّٰلِحُ يَرۡفَعُهُۥ﴾

Тарҷума: «Сухани покиза ба сӯи Ӯ боло меравад ва амали солеҳро боло мебарад». [Фотир - 10]

Ӯ **Ҷаббор** аст: махлуқоташро ба онҷӣ мехоҳад маҷбур намуд ва ҳеҷ махлуқе имтиноъ наметавонад:

﴿إِنَّمَآ أَمۡرُهُۥٓ إِذَآ أَرَادَ شَيۡـًٔا أَن يَقُولَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ﴾

Тарҷума: «Ба ростӣ, ки амри Ӯ ин гуна аст, ки ҳаргоҳ чизеро бихоҳад ба он мегӯяд: падид биё, пас, падид меояд». [Ёсин -82]

Ба осмону замин фармуд:

﴿ٱئۡتِيَا طَوۡعًا أَوۡ كَرۡهًا قَالَتَآ أَتَيۡنَا طَآئِعِينَ﴾

Тарҷума: «Хоҳ ё ноҳоҳ биёед, гуфтанд: Фармонбардор омадем». [Фуссилат -11]

Ва Ӯ таоло дилҳои шикастаро орому тармим мекунад.

Ва Ӯ «**Кабир**» - **бисёр Бузург аст:** ҳама ашё ночизанд, ҳеҷ чизе азимтару бузургтар аз Ӯ нест. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَٱلۡأَرۡضُ جَمِيعًا قَبۡضَتُهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَٱلسَّمَٰوَٰتُ مَطۡوِيَّٰتُۢ بِيَمِينِهِۦ﴾

Тарҷума:«Ва дар рӯзи қиёмат тамоми замин дар мушти Ӯст ва осмонҳо дарҳам печида, дар дасти рости Ӯст». [Зумар -11]

Расулуллоҳ (с) фармуданд:

**«يَجْعَلُ السَّمَوَاتِ عَلَى إِصْبَعٍ، وَالأَرَضِينَ عَلَى إِصْبَعٍ، وَالشَّجَرَ عَلَى إِصْبَعٍ، وَالمَاءَ وَالثَّرَى عَلَى إِصْبَعٍ، وَسَائِرَ الخَلَائِقِ عَلَى إِصْبَعٍ»**

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол осмонҳоро бар як ангушт ва заминро бар як ангушт ва дарахтонро бар як ангушт ва обу хокро бар як ангушт ва

боқимондаи халоиқро бар як ангушт қарор медиҳад». (Муттафақун алайҳ)

Ва Ӯ «**Мутакаббир**»-и ягона мебошад, яъне танҳо Ӯ мутакаббир аст: барои ҳеҷ касе ҷазову такаббур ҷоиз нест, ҳар кас аз махлуқоташ такаббур биварзад, ҷойгоҳаш ҷаҳаннам аст, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿أَلَيْسَ فِي جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْمُتَكَبِّرِينَ﴾

Тарҷума: «Оё ҷаҳаннам ҷойгоҳи мутакаббирон нест?». [Зумар -60]

Ва бар банда оҷизиву фурӯтанӣ барои Аллоҳи мутаол воҷиб аст ва ҳамчунин тавозӯъ барои бандагонаш ҳам воҷиб аст.

Ва Ӯ «**Холиқ**» - **Офаридгор** аст: ин ҳастиро ба вуҷуд овард ва дар офариниши он ибдоъ намуд, ҳар кас дар мавриди он тааммулу андеша намояд, ба шигифту ҳайрат меояд, Офаридгоре, ки дар офариниш мустаҳкаму устувор аст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿فَتَبَارَكَ ٱللَّهُ أَحْسَنُ ٱلْخَٰلِقِينَ﴾

Тарҷума: «Бузургвор аст, Аллоҳ ки беҳтарини офаринандагон аст». [Мӯъминон - 14]

Ва Ӯ «**Борӣ**» -**бавуҷудоваранда** аст: махлуқот ва ҳастиро аз адаму ҳеҷ ба вуҷуд овард, ситорагон ва офтобу моҳтоб ва махлуқотеро дар фалак ба вуҷуд овард. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿كُلٌّ فِي فَلَكٍ يَسْبَحُونَ﴾

Тарҷума: «Ҳар яке дар мадоре [муайян] шиноваранд». [Анбиё -33]

Ҳар кас ба он тафаккур кунад ба даҳшат афтад ва панд гирад.

Ва Ӯ «**Мусаввир**» -**Шаклдиҳанда** аст: махлуқотро ҳар тавре ки бихоҳад бо сифатҳо ва шаклҳои гуногун шакл додааст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿فَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَىٰ بَطْنِهِۦ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَىٰ رِجْلَيْنِ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَىٰٓ أَرْبَعٍ﴾

Тарҷума: «Баъзе аз онҳо бар шиками худ роҳ меравand, бархе аз онҳо бар рӯи ду по роҳ меравand ва баъзе аз онҳо бар рӯи чорпо роҳ меравand». [Нур -45]

Ва инсонро дар беҳтарин шакл офарид. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿لَقَدْ خَلَقْنَا ٱلْإِنسَٰنَ فِىٓ أَحْسَنِ تَقْوِيمٍ﴾

Тарҷума: «Ҳамоно мо инсонро дар беҳтарин шакл офаридем». [Тин

-4]

Ва Ӯ **Мусаввир** аст: тасвирро бар бандагонаш ҳаром гардонид ва онҳоро ба азоби шадид таҳдид карда, лаънат намуд. Паёмбар (с) фармуданд:

«لَعَنَ رَسُولُ اللَّهِ صلى الله عليه وسلم المُصَوِّرَ»

Тарҷума: Аллоҳи мутаол тасвиркашонро лаънат кардааст».(Ривояти Бухорӣ) Ва фармуданд:

«كُلُّ مُصَوِّرٍ فِي النَّارِ»

Тарҷума: «Ҳар тасвирбардоре дар ҷаҳаннам аст». (Муттафақун алайҳ)

Ва Ӯ **«Ғафур»-бисёр Бахшоянда** аст: гуноҳони ҳар бандаи руҷӯъкунандаро маҳв мекунад, агарчӣ гуноҳонаш беинтиҳо бошад, куфру сеҳр ва мубориза бо Паёмбарашро аз ҷодугарони Фиръавн, бо як саҷдаи барои Аллоҳи мутаол, ки ҳамроҳ бо тавба буд, бахшид. Аллоҳи мутаол мефармояд: Тарҷума:

﴿وَإِنِّي لَغَفَّارٌ لِّمَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ صَٰلِحًا ثُمَّ ٱهْتَدَىٰ﴾

«Ва ба ростӣ, ки Ман бисёр омурзанда ҳастам барои касе, ки тавба кунад ва имон оварад ва кори шоиста анҷом диҳад, он гоҳ роҳёбад». [Тоҳо -82]

Ва Ӯ **Қаҳҳор** аст: ҳамаи махлуқот таҳти каҳру қабзаи Ӯ мебошанд, рӯҳи ҳар касро ҳар вақт, ки бихоҳад мегирад, ҳеҷ чизе дар ин ҳастӣ сурат намегирад, магар бо хоставу иродаи Ӯ, гарчанде, ки банда барои таҳаққуқи он талош кунад.

Ва Ӯ **Фотеҳ** аст: дарвозаҳои ризқу раҳмат ва сабабҳои онро барои бандагонаш мекушояд ва барои онҳо умур ва ҳолатҳои сахту печидаро мекушояд».

Ва Ӯ **Раззоқ** аст: бандаро аз осмону замин рӯзӣ медиҳад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿قُلْ مَن يَرْزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ قُلِ ٱللَّهُ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: аз осмонҳо ва замин чӣ касе ба шумо рӯзӣ медиҳад? Бигӯ: Аллоҳи якто». [Сабаъ -24]

Ба ризқу рӯзияш ҳама чизро шомил намудааст, пас, ҳеҷ ҷунбандае дар замин вуҷуд надорад, магар ин ки ризқаш бар Аллоҳи мутаол мебошад, ҷанинҳоро дар шиками модарашон, дарандагонро дар дашту

биёбон ва парандагонро дар лонаашон ва моҳиҳоро дар чуқурии дарё ризқ додааст.

Ва Ӯ **Ваҳҳоб** аст: ба ҳар кас ҳар он қадаре ки бихоҳад, медиҳад, хазина ва ганҷинаи осмону замин ба дасти Ӯ мебошанд, ба паёмбарон дар синни пирӣ фарзандони нек бахшид ва Сулаймон аз Парвардигори Ваҳҳобаш подшоҳие ки ба ҳеҷ касе баъд аз ӯ надиҳад, дархост намуд, пас, ба ӯ мӯъҷизаҳои гуногуншакл бахшид - боду ҷинну чашмаҳои мис ҳамаро рому фармонбардори ӯ намуд.

Ва Ӯ «**Алим**» - **бисёр Доност**: розҳо ва умури махфиро медонад, барои Ӯ ончӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла[ҳеҷ] гуфтору кирдор [-и бандагон] пинҳон намебошад, Аллоҳ таоло мефармояд: Тарҷума:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٌ﴾

«Ва Аллоҳ бар ҳар чизе доност». [Анфол - 75]

Ва Ӯ «**Самеъ**» - **бисёр Шунаво аст:** наҷво (пичир - пичир), ошкор ва пинҳонтарин розҳоро мешунавад. Агар овозатро баланд намоӣ мешунавад ва агар онро барои дӯстат махфиёна арз намудӣ низ мешунавад ва агар онро дар даруни худ зам-зама кунӣ, онро медонад.

Ва Ӯ «**Басир**»-**бисёр Биност**: умуру корҳои махфиро ҳарчанд борик бошад, мебинад. Аз Ӯ заррае пинҳон нест, агарчӣ махфӣ бошад, дар торикӣ ончӣ зери хок пинҳон мебошадро мебинад ва қаъру чуқурии баҳрро дар шаби бисёр торик мебинад.

Ӯ **Зоҳир ва Ботин** аст. Ҳаракати мӯрча бар сахраву харсанг дар торикии шаб аз Ӯ махфӣ ва пинҳон нест. Агар зоҳиру ошкор кореро анҷом диҳӣ туро мебинад ва агар кореро дар даруни манзилат махфиёна анҷом бидиҳӣ низ туро мебинад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّ رَبَّكَ لَبِٱلۡمِرۡصَادِ﴾

Тарҷума: «Бешубҳа, Парвардигорат дар камин аст». [Фаҷр - 14]

Агар шахсе яқин дошта бошад, ки Аллоҳ бар ӯ иттилоъу огоҳӣ дорад, аз ин ки Парвардигораш ӯро бар гуноҳу маъсият бубинад, шарму ҳаё мекунад.

Ӯ **хеле Ҳаким** аст: дар аҳкому шариати Ӯ халале вуҷуд надорад, барои ҳеҷ шахсе ҷоиз нест, ки аҳкоми Аллоҳи мутаолро бознигарию барассӣ кунад ё онҳоро коҳиш ва ё мавриди баҳсу ҷадал қарор бидиҳад, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَٱللَّهُ يَحۡكُمُ لَا مُعَقِّبَ لِحُكۡمِهِۦ﴾

Тарҷума: «Ва Аллоҳ ҳукм мекунад ва фармону ҳукмашро ҳеҷ радкунандае нест». [Раъд -41]

Балки лозим аст, ки банда таслим ва розию фармонбардори онҳо бошад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ مَا يُرِيدُ﴾

Тарҷума: «Аллоҳ ба ҳар чи мехоҳад ҳукм мекунад». [Моида -1]

Барои бандагонаш ҷуз шариати покизаи Ӯ чизи дигаре муносиб нест, ҳар кас дину шариати Ӯро ба масхара гирад Аллоҳи мутаол Ӯро хору залил мекунад.

Ӯ **Латиф** аст: бо бандагонаш бисёр меҳрубон аст, ризқи онҳоро тавре ки онҳо эҳсос намекунанд, барояшон мерасонад.

Ва Ӯ «**Хабир**» - **ба умури бандагонаш хеле Огоҳ** аст: ҳеҷ чизе аз Ӯ махфӣ нест, аз ҳақиқати ҳар коре огоҳ аст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿فَسۡـَٔلۡ بِهِۦ خَبِيرٗا﴾

«Пас, аз Зоти огоҳ бипурс». [Фурқон - 59]

Ва Ӯ «**Ҳалим**» - **хеле Бурдбор** аст: дар муҷозоти бандагонаш ба хотири гуноҳонашон саросема намешавад ва фазлу эҳсонашро аз онҳо бо сабаби гуноҳонашон бознамедорад. Ӯро нофармониву маъсият мекунанд ва Ӯ ба онҳо ризқ медиҳад, гуноҳ мекунанд ба онҳо мӯҳлат медиҳад, ошкоро гуноҳ анҷом медиҳанд, онҳоро мепӯшонад, пас, ба бурдборӣ ва карами Аллоҳ нисбат ба худат мағрур набош, шояд туро дар ҳоле, ки ғофил ҳастӣ, гирифтори азоб намояд, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡإِنسَٰنُ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ ٱلۡكَرِيمِ﴾

Тарҷума: «Эй Инсон! Чӣ чизе туро нисбат ба Парвардигори Каримат мағрур кардааст». [Инфитор -6]

Ва Ӯ **Азим - бисёр Бузург** аст: ҳангоме ки ваҳй мекунад, осмонҳо аз шиддати тарс аз Ӯ [сахт] меларзанд, ҳангоме ки ваҳйро аҳли осмон мешунаванд, беҳуш шуда, барои Ӯ саҷдакунон меафтанд.

Ва Ӯ **Шакур** аст: Барои амали кам, бисёр зиёд ато мекунад ва хеле аз лағжишҳоро мебахшад, пас, ҳеҷ амали некеро агарчӣ кам бошад, ҳақир нашумор, зеро некӣ чандин баробар мешавад. Аллоҳ таоло

мефармояд:

﴿وَمَن يَقۡتَرِفۡ حَسَنَةٗ نَّزِدۡ لَهُۥ فِيهَا حُسۡنًاۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ شَكُورٌ﴾

Тарҷума: «Ва ҳар кас кори неке кунад ба некуияш меафзоем, зеро Аллоҳ омурзандаву шукрпазир аст». [Шӯро -23]

Ва Ӯ «**Ҳафиз**» - **хеле Ҳифозаткунанда** аст: аъмоли бандагонро ҳифз намудаву гуфторашанро мешуморад. Ӯ мефармояд:

﴿لَّا يَضِلُّ رَبِّي وَلَا يَنسَى﴾

Тарҷума: «Парвардигорам ҳаргиз ба хато намеравад ва фаромӯш намекунад». [Тоҳо -52]

Ва бандагонашро аз ҳалокату зиёнҳо маҳфуз медорад, Юнус (а) - ро дар ҳоле ки дар шиками моҳӣ ва дар чуқурии дарё буд, ҳифозат намуд ва Мӯсо (а) - ро дар ҳоле, ки ширхор буд, дар дарё муҳофизат намуд, пас, барои ҳифозати худ ва фарзандонат ба Аллоҳ таваккал намо, пас, на аз таъвизҳои ширкӣ истифода бикун ва на пеши ҷодугарону ғайбгӯён бирав.

Ва Ӯ **Қавӣ - Тавоно** аст: Ҳеҷ чиз Ӯро оҷиз намекунад, дар гирифташ қавӣ аст. Ибни Ҷарир (раҳ) мегӯяд:

«Агар ба хотири чизе муохиза ва бозхост кунад, ҳалок мекунад».

Ба Ҷабраил (а) дастур дод, шаҳреро ки амали фоҳишу зиште анҷом додаанд - яъне, қавми Лутро-нобуд кунад, онҳоро бо канори қаноташ боло бурд, сипас он шаҳрро бо ҳамаи сокинонаш нобуд намуд ва онро нишонаву ибрат дар тӯли таърих қарор дод. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿لَتَمُرُّونَ عَلَيۡهِم مُّصۡبِحِينَ ❋ وَبِٱلَّيۡلِۚ أَفَلَا تَعۡقِلُونَ﴾

Тарҷума: «Ва шумо субҳу шаб аз канори онҳо убур мекунед, оё хирад наменварзед?!». [Соффот - 137-138]

Хар кас ба қудрати Зоте, ки Ӯро нофармонӣ мекунад, диққат намояд, нофармониро раҳо мекунад.

Ва Ӯ таоло «**Шофӣ**» - **Шифодиҳанда** аст: аз маразу бемориҳо шифо ва офият медиҳад, Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَإِذَا مَرِضۡتُ فَهُوَ يَشۡفِينِ﴾

Тарҷума: «Ва ҳаргоҳ бемор шавам, Ӯ маро шифо медиҳад». [Шуаро -80]

Ва доруҳо аз ҷумлаи сабабҳо ҳастанд, лозим аст, ки қалб ба онҳо

вобаста нашавад. Ва Ӯ «**Маннон**» -**Неъматдиҳанда** аст, қабл аз саволу пурсиш базлу бахшиш мекунад.

Ва Аллоҳ таоло **Муҳсин -Эҳсонкунанда** аст: Ҳамаи махлуқоташро бо фазлу эҳсони Хеш пӯшондааст.

Ва Ӯ **Карим** аст: бисёр базлу бахшиш мекунад ва зиёд мебахшад, байни Ӯ ва бандагонаш ҳеҷ парда ва ҳиҷобе вуҷуд надорад, пас, талаб бикун ки Парвардигори ту бузургвор аст ва ҳангоме, ки дарвозаи ризқро барои бандааш бикушояд, ҳеҷ чизе монеъи Ӯ намешавад, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿مَّا يَفۡتَحِ ٱللَّهُ لِلنَّاسِ مِن رَّحۡمَةٖ فَلَا مُمۡسِكَ لَهَا﴾

Тарҷума: «Раҳмате ки Аллоҳ барои мардум мекушояд, ҳеҷ кас наметавонад онро манъ кунад». [Фотир - 2]

Ва Ӯ «**Ҳаййий**» **Васфшуда ба ҳаё** аст:

«**يَسْتَحْيِي مِنْ عَبْدِهِ إِذَا رَفَعَ يَدَيْهِ إِلَيْهِ - يسأله عبده عطاءً - أَنْ يَرُدَّهُمَا صِفْراً**»

Тарҷума: «Ҳангоме, ки бандааш дастҳояшро баланд намояд -аз Ӯ талаб ато ва бахшиш шавад - аз ин ки онҳоро холӣ баргардонад ҳаё мекунад». (Ривояти Абӯдовуд)

Ва Ӯ **Рақиб - Огоҳ** аст: аз махлуқоташ ғофил нест ва ҳаққи онҳоро поймол намекунад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَا كُنَّا عَنِ ٱلۡخَلۡقِ غَٰفِلِينَ﴾

Тарҷума: «Ва мо ҳаргиз аз офариниш ғофил набудаем». [Мӯъминон -17]

Ва аз онҷӣ дар даруни синаҳо махфӣ аст, огоҳӣ дорад. Ҳасани Басрӣ (р) мегӯяд: «Аллоҳи мутаол ба бандае раҳм мекунад, ки ҳангоми анҷом додани ҳар коре таваққуф кунад ва бингарад, ки агар кораш барои Аллоҳи мутаол буд, онро идома диҳад ва агар барои ғайр аз Ӯ буд, дар ин сурат бояд аз роҳаш бигардад». Пас, қабл аз анҷоми ҳар коре андеша намо ва агар он барои Аллоҳи мутаол буд анҷомаш бидеҳ ва агар барои ғайри Ӯ буд, аз он даст бикаш.

Ва Ӯ «**Вадуд**» бисёр **Дӯстдоштанӣ** аст: бо эҳсонҳояш ва тарки нофармониҳо, бандагонашро дӯст медорад ва ҳар кас чизеро ба хотири ризои Ӯ раҳо кунад, ба ӯ бештару беҳтарашро ато мекунад. Ва Ӯ барои бандагони некаш **Соҳибу Дорои муҳаббат** аст: бандагони тавбакунанда, таваккалкунанда ва сабркунандаашро дӯст медорад.

Ва Ӯ «**Маҷид**» - **бисёр Бузургвор** аст: Бузургворию ситоиш ва тамҷидаш зиёд аст, ҳеҷ бузургие ҷуз бузургвории Ӯ нест, дар воқеъ, ҳамаи бузургии дигарон бахшишу эҳсоне аз они Ӯ мебошад.

Ва Ӯ «**Ҳамид**»- **бисёр Сутудашуда** аст: дар ҳамаи афъолаш сазовори ситоишу сано мебошад, дар хушиву нохушӣ ситоиш мешавад, ситоиши Ӯ, яке аз бузургтарин аъмоли нек мебошад. Паёмбар (а) фармуданд:

«وَالحَمْدُ لِلَّهِ تَمْلَأُ المِيزَانَ، وَسُبْحَانَ اللهِ وَالحَمْدُ لِلَّهِ تَمْلَآنِ - أَوْ: تَمْلَأُ - مَا بَيْنَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ»

Тарҷума: «Алҳамдулиллоҳ мизонро пур мекунад ва Субҳоналлоҳ ва Алҳамдулиллоҳ пуркунанда ҳастанд - ё байни осмону заминро пур мекунанд». (Ривояти Муслим)

Ва Ӯ таоло «**Ҳайюн Қайюм**» -**Зинда ва Пойдор** аст: ба умуру корҳои махлуқоташ қоиму пойдор аст. Ӯ таоло мефармояд:

﴿يَسْـَٔلُهُۥ مَن فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ كُلَّ يَوْمٍ هُوَ فِى شَأْنٍ﴾

Тарҷума: «Ҳар онҷӣ ки дар осмонҳо ва замин аст пурсишгари даргоҳи Ӯст, ва Ӯ ҳар рӯз дар коре аст». [Раҳмон - 29]

Ва Ӯ«**Аҳад**»-**Яктост:** ҳамеша танҳо буда, бо Ӯ касе шарик набудааст ва дар ҳамаи камолҳо ва бартариҳо танҳо аст, ҳеҷ кас дар омӯрзиш бо Ӯ шарик нест.

Ва Ӯ «**Самад**» - **Бениёз** аст: ҳамаи махлуқот дар ҳамаи ҳоҷатҳояшон ба Ӯ ниёзманд мебошанд ва ба Ӯ шикоятҳо расонида мешаванд ва ба Ӯ мусибату сахтиҳои онҳобаён мешаванд.

Ва Ӯ **Сайиду Сарвар** аст: ҳангоми сахтиву мусибат паноҳгоҳ фақат аз они Ӯст.

Ва Ӯ «**Қадир**»- **бисёр Тавоно** аст: қудраташ тому пурра буда, бар ҳама чиз нофизу иҷрошаванда аст, ба оташи сӯзон фармуд:

﴿كُونِى بَرْدًا وَسَلَٰمًا عَلَىٰٓ إِبْرَٰهِيمَ﴾

Тарҷума: «Бар Иброҳим сарду саломат бош». [Анбиё - 69] Он гуна шуд, ки дастур дод ва ба баҳри пур аз мавҷ дастур дод барои Мӯсо (а) роҳи хушк бошад, сипас баҳр бо комилтарин ҳолаташ баргашт.

Ӯ «**Таввоб**» - **бисёр Тавбапазир** аст: Ҳеҷ тавбаеро рад намекунад. Ҳар кас дар шаб ё рӯз ба Ӯ руҷӯъ кунад, ӯро мепазирад, балки ӯро дӯст медорад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلتَّوَّٰبِينَ وَيُحِبُّ ٱلۡمُتَطَهِّرِينَ﴾

Тарҷума: «Ҳамоно Аллоҳ тавбакунандагонро дӯст медорад». [Бақара - 222]

Ва Ӯ «**Бар**» -**Некӯкор ва Некӯсифату Некӯафъол** аст: ба бандагонаш эҳсон намуда, аҳволу умури онҳоро ислоҳ мекунад, ба мутеъу фармонбардор чандин баробар аҷр медиҳад ва ба гуноҳкорон дар бахшидани гуноҳонашон эҳсон намудааст:

﴿إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡبَرُّ ٱلرَّحِيمُ﴾

Тарҷума: «Ба дурустӣ, ки Ӯ эҳсонкунанда ва меҳрубон аст». [Тур-28]

Ва Ӯ «**Афув(в)**»-**афвкунанда** аст: новобаста аз ин ки банда дар гуноҳу нофармонӣ зиёдарай мекунад ва баъд тавба менамояд, ҳамаи гуноҳонашро афв мекунад.

Ва Ӯ «**Рауф**» нисбат ба махлуқоташ **бисёр Меҳрубон** аст: аз боби шафқату меҳрубонӣ ризқу рӯзиро барои онҳо сарозер мекунад - гарчанде ки нофармонии Ӯро кунанд:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ بِٱلنَّاسِ لَرَءُوفٞ رَّحِيمٞ﴾

Тарҷума: «Ҳамоно Аллоҳ нисбат ба мардум рауф ва меҳрубон аст». [Бақара - 143]

Ва Ӯ **Ғанӣ ва Бениёз** аст: ҳеҷ ниёзе ба махлуқоташ надорад, дастҳои Аллоҳ аз онҷӣ инфоқ мекунад, пур ҳастанд. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

«**لَا تَغِيضُهَا نَفَقَةٌ، سَحَّاءُ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ**»

Тарҷума:«Инфоқ намудан онҳоро кам намекунад, шабу рӯз мебахшад». (Ривояти Бухорӣ). Паёмбар (с) аз Парвардигораш ривоят мекунад:

«**يَا عِبَادِي! لَوْ أَنَّ أَوَّلَكُمْ وَآخِرَكُمْ وَإِنْسَكُمْ وَجِنَّكُمْ قَامُوا فِي صَعِيدٍ وَاحِدٍ، فَسَأَلُونِي، فَأَعْطَيْتُ كُلَّ إِنْسَانٍ مَسْأَلَتَهُ، مَا نَقَصَ ذَلِكَ مِمَّا عِنْدِي إِلَّا كَمَا يَنْقُصُ المِخْيَطُ إِذَا أُدْخِلَ البَحْرَ**»

Тарҷума: Эй бандагони ман! Агар аввалу охири шумо, инсу ҷин дар сарзамини паҳноваре биистанд ва ҳама аз ман талаб кунед, бар ҳар яке аз шумо онҷиро ки бихоҳед бидиҳам, аз онҷӣ ки дар хазинаҳои ман мавҷуд аст, чизе кам намешавад, монанди он аст, ки сари сӯзанеро дар баҳре фурӯ кунед». (Ривояти Муслим)

**Сипас; Эй мусулмонон**

Аллоҳи мутаол бо номҳои некуяш садо зада мешавад ва бо сифоти волояш таъриф мешавад ва Аллоҳи мутаол ҳар касе, ки фақат Ӯро бихонаду таъриф намоядро, дӯст медорад ва меписандад ва комилтарини инсонҳо аз лиҳози ибодат касест, ки Аллоҳро бо тамоми номҳо ва сифоташ парастиш намояд ва номҳои Аллоҳи мутаол бешуморанд, онҳо аз наваду нуҳ ном иборат мебошанд, ки ҳар кас онҳоро ҳифз намояд - бо шинохти маъноҳои онҳо ва амал ба талаботи онҳо - дохили биҳишт мешавад.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَاۖ وَذَرُواْ ٱلَّذِينَ يُلۡحِدُونَ فِيٓ أَسۡمَٰٓئِهِۦۚ سَيُجۡزَوۡنَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ﴾

Тарҷума: «Некӯтарин номҳо аз они Аллоҳ мебошанд, ба он номҳояш Ӯро бихонед ва онҳоеро, ки ба номҳои Аллоҳ илҳод меварзанд, вогузоред, инҳо ба зудӣ ба ҷазои аъмоли худ хоҳанд расид».

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони азимушшаън баракат иноят фармояд…

## Хутбаи дувум

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуд, тавфиқ доду миннат ниҳод ва гувоҳӣ медиҳам ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту шарике надорад, гувоҳӣ медиҳам ки ҳамоно Паёмбари мо Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд: Эй мусулмонон**

Калиди даъвати Паёмбарон ва хулосаи паёми онҳо шинохти Аллоҳ бо номҳо ва сифоту афъолаш мебошад.

Шинохти Аллоҳ ва онҷӣ аз номҳои некӯ ва сифоти бартар, ки лоиқу арзандаи Ӯст, омили бузургдошту таъзим, тарсу ҳайбат, дӯст доштан, таваккал намудан ба Ӯ, хушнуд шудан ба қазову қадараш ва сабр бар мусибатҳо мебошад ва таъзиму бузургдошти Парвардигор дар қалбҳо ба андозаи шинохташ, мебошад.

Яъне, касоне, ки Ӯро бештар шинохтаанд, Ӯро бештар таъзиму эҳтирому қадрдонӣ мекунанд ва ҳар кас номҳои нек ва сифоти Аллоҳро бидонад, яқинан, медонад мушкилоте, ки ба ӯ мерасонад ва балоҳое, ки бар ӯ нозил мешаванд аз ҳикмату маслиҳатҳое аст, ки илми банда ба он намегунҷад ва Аллоҳи мутаол лозимаи номҳо ва сифатҳои хешро дӯст дорад, пас, Ӯ Карим аст, бандагони кариму саховатмандро дӯст медорад, Ҳалиму бурдбор аст, бурдборонро дӯст медорад, Олиму Доност уламоро дӯст медорад, Шакур аст, шукргузоронро дӯст медорад.

Сипас бидонед ки Аллоҳ шуморо ба фиристодани дуруду салом бар Паёмбараш амр намудааст…

## Номи Ҳакими Аллоҳи мутаол[1]

Бешубҳа, ҳамаи ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд. Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзишу бахшиш менамоем, аз бадиҳои нафси худ ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳ таоло ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро Ӯ гумроҳ намояд, ҳеҷ ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳ таоло нест яктосту ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру давомдор бар ӯ ва хонадону ёрони ӯ бод.

**Аммо баъд**:

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Аллоҳро он гуна, ки шоистаи Ӯст, пеша созед ва ба ресмони устувори Ислом чанг занед.

**Эй мусулмонон:**

Фитрату сириштти солим ба [вуҷуд доштани]

Офаридгори ин олам, ки зоту сифатҳояш комил ҳастанд, гувоҳӣ медиҳад. Зоте, ки дорои сифатҳои камолу бузургворӣ ва некӯст. Ҳамаи таърифу сипос ва ситоишҳо аз они Ӯ буда, аз ҷумлаи таъзиму бузургдошти Аллоҳи мутаол, ин исботи сифатҳои камол ва мадҳу ситоишҳои бартари Ӯ мебошад..

Ва яке номҳои некӯи Аллоҳ таоло, ки бештар аз навад бор дар Қуръони карим якҷоя бо иззат, илм, маҳорат, бениҳояту фароҳӣ, пазиришу ситоиш омадааст ва ҳеҷ ҳаракату оромише дар ин ҳастӣ вуҷуд надорад, магар ин ки бар ин ном далолат дорад, пас, аз ҷумлаи номҳои неки Аллоҳи мутаол - ин номи Ҳаким мебошад, ки ҳамаи ашёро дар ҷову макони муносибаш қарор додааст, дар офариниишу фармон ва дастуроташ ҳаким буд ва ҳаст, аз ҳикмати бениҳояташ ақлҳо аз иҳотаи он оҷизу забонҳо аз таърифи он нотавон шудаанд, ба хотири ҳикмати бекарони Ӯ ҳамаи мавҷудот дар ин ҳастии Ӯро ба покӣ ёд мекунанд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

---

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 13-уми шавволи соли 1441-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

Тарҷума: «Онҷӣ дар осмонҳо ва замин аст, Аллоҳро ба покӣ ситоиш мекунанд ва Ӯ ҳаким аст». [Ҳадид-1]

Ӯ таоло - Зоти ҳаким аст, ки дар осмонҳо ва замин парастиш мешавад:

﴿وَهُوَ ٱلَّذِى فِى ٱلسَّمَآءِ إِلَٰهٌ وَفِى ٱلْأَرْضِ إِلَٰهٌ ۚ وَهُوَ ٱلْحَكِيمُ ٱلْعَلِيمُ﴾

Тарҷума: «Ӯ зотест, ки дар осмону замин маъбуд аст ва Ӯ ҳакиму доно аст». [Зухруф-84]

Нафси Хешро ба хотири ин ки боҳикмат аст, васф намуда, фармуд:

﴿ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِى لَهُۥ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ وَلَهُ ٱلْحَمْدُ فِى ٱلْءَاخِرَةِ ۚ وَهُوَ ٱلْحَكِيمُ ٱلْخَبِيرُ﴾

Тарҷума: «Ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки ҳар чӣ дар осмонҳо ва ҳар чӣ дар замин аст, аз они Ӯст ва дар он ҷаҳон низ ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ҳакиму огоҳ аст». [Сабаъ-1]

Зоти Хешро ин гуна таърифу ситоиш намудааст, ки такаббур аз они Ӯст ва оятро ба ин ки боҳикмат аст, поён дод:

﴿وَلَهُ ٱلْكِبْرِيَآءُ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Бузургворӣ дар осмонҳо ва замин махсуси Ӯст, ва Ӯст пирӯзманду ҳаким». [Ҷосия-37]

Ва Ӯ дар осмонҳо ва замин лашкариёне дорад, онҳоро он тавре, ки мехоҳад бо ҳикмати Хеш тадбир мекунад:

﴿وَلِلَّهِ جُنُودُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا﴾

Тарҷума: «Лашкарҳои осмону замин аз они

Аллоҳ мебошанд ва Ӯ ғолиб ва боҳикмат аст». [Фатҳ-7]

Парвардигори мо Мӯсо (а)-ро нидо кард ва зоти Хешро ба ин, ки боҳикмат аст, муаррифӣ намудааст:

﴿يَٰمُوسَىٰٓ إِنَّهُۥٓ أَنَا ٱللَّهُ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Эй Мӯсо! Ман Аллоҳи ғолиб ва тавоно ва боҳикматам». [Намл-9]

Китобашро ин гуна таъриф намудааст - аз ҷониби Зоти боҳикмат, ки ҳар чизро дар ҷой ва макони муносиб қарор додааст; ин китоб оятҳояш қотеъу мустаҳкам ва дарбаргирандаи тамоми ҳикматҳо мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿كِتَٰبٌ أُحْكِمَتْ ءَايَٰتُهُۥ ثُمَّ فُصِّلَتْ مِن لَّدُنْ حَكِيمٍ خَبِيرٍ﴾

Тарҷума: «Китобест, ки оёти он [аз ҳама ҷиҳат] мустаҳкам гашта, сипас аз ҷониби Ҳакими Огоҳ ба равшанӣ баён шудааст». [Ҳуд-1]

Ва бо ҳикмати Хеш ризқу рӯзии мардумро кам ва зиёд мекунад:

﴿مَّا يَفْتَحِ ٱللَّهُ لِلنَّاسِ مِن رَّحْمَةٍ فَلَا مُمْسِكَ لَهَاۖ وَمَا يُمْسِكْ فَلَا مُرْسِلَ لَهُۥ مِنۢ بَعْدِهِۦۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Раҳмате, ки Аллоҳ бар мардум бикушояд, касе наметавонад манъаш кунад, чун чизеро дареғ дорад, касе наметавонад ҷуз Ӯ равонаш дорад ва Ӯст пирӯзманду ҳаким». [Фотир-2]

Ва малоика ба оҷизиву камилмии хеш дар муқобили Аллоҳ эътироф намуда, ба бузургии илму ҳикмати Ӯ иқрор намуда ва таслими умураш шуданд:

﴿قَالُواْ سُبْحَٰنَكَ لَا عِلْمَ لَنَآ إِلَّا مَا عَلَّمْتَنَآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Гуфтанд: Ту поку бузургӣ ва мо ҷуз он надонем, ки ба мо омӯхтаӣ, ин Туӣ, ки доно ва ҳакимӣ». [Бақара-32]

Ва фариштагони ҳомилони Арш - барои мӯъминон дуои мағфират ва дуои дохил шудан ба биҳиштҳои пурнозу неъмат мекунанд ва дуои хешро бо номи Ҳакими Аллоҳи мутаол поён медиҳанд:

﴿رَبَّنَا وَأَدْخِلْهُمْ جَنَّٰتِ عَدْنٍ ٱلَّتِي وَعَدتَّهُمْ وَمَن صَلَحَ مِنْ ءَابَآئِهِمْ وَأَزْوَٰجِهِمْ وَذُرِّيَّٰتِهِمْۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Парвардигоро! Онҳо ва касоне аз падарон ва ҳамсарону фарзандонашон, ки солеҳ будаандро ба боғҳои биҳиште ворид бикун, ки ба онон ваъда додаӣ бешубҳа, Ту тавоно ва боҳикмат ҳастӣ». [Ғофир-8]

Ваҳй ва паёме, ки бар Паёмбарон нозил шудааast, аз ҷониби Зоти боҳикмат мебошад:

﴿كَذَٰلِكَ يُوحِيٓ إِلَيْكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكَ ٱللَّهُ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Аллоҳ пирӯзманд ва ҳаким ба ту ва касоне, ки пеш аз ту буданд, инчунин ваҳй мекунад». [Шӯро-3]

Паёмбарон (а) барои таҳаққуқи умеду орзуҳои хеш Аллоҳи мутаолро бо исми Ҳаким садо мезананд. Иброҳим (а) Парвардигори хешро бо номи Ҳаким дуо намуд, ки барои мо паёмбаре бифиристад, то Қуръону динро ба мо биёмӯзад:

﴿رَبَّنَا وَٱبۡعَثۡ فِيهِمۡ رَسُولٗا مِّنۡهُمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِكَ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ وَيُزَكِّيهِمۡۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Парвардигоро дар миёни онон расуле барангез, то ояти Туро бар онон тиловат кунад, ва китоб ва ҳикматашон биёмӯзаду покиза гардонад, ба дурустӣ, ки Ту худ азизу ҳакимӣ». [Бақара-129]

Иброҳим (а) шаҳру қавмашро раҳо намуда, ҳиҷрат кард ва фармуд, ки Парвардигори ман Ҳаким аст:

﴿وَقَالَ إِنِّي مُهَاجِرٌ إِلَىٰ رَبِّيٓۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Ва фармуд: Ман ба сӯи

Парвардигорам ҳиҷрат мекунам, ҳамоно Ӯ Азизу Ҳаким аст». [Анкабут-26]

Иброҳим (а) пиронсол шуда буд ва дар ҳоле, ки соҳиби фарзанд набуд, малоикаҳо ҳамсарашро бо фарзанде башорату мужда доданд, дар ҳоле ки занаш нозо ва пир буд. Вай аз ин башорати малоикаҳо таъаҷҷуб намуд ва малоикаҳо гуфтанд, ки ҳамоно Аллоҳ доно ва боҳикмат аст,

﴿قَالُواْ كَذَٰلِكِ قَالَ رَبُّكِۖ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡحَكِيمُ ٱلۡعَلِيمُ﴾

Тарҷума: «Гуфтанд: Парвардигоро Ту инчунин гуфтааст ва Ӯ Ҳакиму Доност». [Зориёт-30]

Ва Яъқуб (а) бо сабр ва интизори фараҷу кушоиши илоҳӣ баъд аз даст додани Юсуф ва бародараш, дар вуҷуди хеш ин боварро собит кардааст, ки Аллоҳи мутаол беҳтарин замонро барои амалисозии умедаш интихоб мекунад ва ба ҳикмати Аллоҳи мутаол дар омодасозии сабабҳои аз байн рафтани ин ғаму андӯҳаш яқин дошт, пас, бо умеди комилаш ва дуо намудан бо номи Ҳаким ба Аллоҳи мутаол рӯй овард:

﴿فَصَبۡرٞ جَمِيلٌۖ عَسَى ٱللَّهُ أَن يَأۡتِيَنِي بِهِمۡ جَمِيعًاۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Ва пешаи ман сабру некист; умед аст, ки Аллоҳи мутаол ҳамаи ононро ба ман бозгардонад, бегумон, Ӯ донову ҳаким аст». [Юсуф-83]

Ва баъд аз бартараф шудани мушкилот аз Юсуф (а), баъд аз муддати тӯлонӣ, ки ба мусибатҳо ва сахтиҳо мубтало буд, шукри неъмат ва фазли Аллоҳи мутаолро баёд намуд ва ҳикмати Аллоҳи мутаолро аз ин

умур баён намуд:

﴿وَقَدۡ أَحۡسَنَ بِيٓ إِذۡ أَخۡرَجَنِي مِنَ ٱلسِّجۡنِ وَجَآءَ بِكُم مِّنَ ٱلۡبَدۡوِ

مِنۢ بَعۡدِ أَن نَّزَغَ ٱلشَّيۡطَٰنُ بَيۡنِي وَبَيۡنَ إِخۡوَتِيٓۚ إِنَّ رَبِّي لَطِيفٞ لِّمَا يَشَآءُۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Ва ба ростӣ Аллоҳи мутаол вақте, ки аз зиндон раҳоям намуд, шуморо пас, аз ин ки шайтон байни ман ва бародаронам ихтилоф афканда буд, аз саҳро боз овард [ва] дар ҳаққи ман некиҳо кард, ба ростӣ Парвардигорам ҳар чӣ бихоҳад санҷида ва дақиқ анҷом медиҳад, бешубҳа Ӯ донову ҳаким аст». [Юсуф-100]

Номи Ҳакими Аллоҳи мутаол дарбаргирандаи ҳикмати Ӯ дар офариниш ва авомираш дар иродаи диниву дунявии Аллоҳи мутаол мебошад. Имом Ибни Қаййим (р) мегӯяд: «Бо иззати Аллоҳи мутаол камоли қудраташ ва бо ҳикматаш камоли илмаш собит мешавад ва бо ин ду сифати Аллоҳи мутаол ҳар чи мехоҳад файсала мекунад; амр ва наҳй мекунад ва подошу иқоб медиҳад, ин ду сифат масдари офаринишу фармонравоии Ӯ мебошанд».

Ва бо ҳикмати Хеш ҳамаи махлуқотро дар беҳтарин низом офарид ва беҳтарин тартибро ба онҳо дод ва тадбири онҳоро комил ва тақдирашро некӯ гардонид ва ба ҳар махлуқе чизе, ки муносиби ҳолаш буд, ато намуд. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿أَعۡطَىٰ كُلَّ شَيۡءٍ خَلۡقَهُۥ ثُمَّ هَدَىٰ﴾

Тарҷума: «Ҳар чизеро ҳастӣ бахшида ва сипас онро ҳидоят кард». [То-ҳо-50]

Ва махлуқотро аз ин ки дар офариниши Ӯ нуқс ё беҳудагӣ пайдо кунанд ба чолишу муборизаталабӣ фаро хондааст,

﴿فَٱرۡجِعِ ٱلۡبَصَرَ هَلۡ تَرَىٰ مِن فُطُورٖ ۞

ثُمَّ ٱرۡجِعِ ٱلۡبَصَرَ كَرَّتَيۡنِ يَنقَلِبۡ إِلَيۡكَ ٱلۡبَصَرُ خَاسِئٗا وَهُوَ حَسِيرٞ﴾

Тарҷума: «Бори дигар [ба олами ҳастӣ] нигоҳ кун; [нуқсе нахоҳӣ дид ва] чашми ту, дар ҳоле ки хаста ва нотавон аст ба сӯйи ту бозмегардад». [Мулк-3-4]

Ва агар ақли ҳамаи махлуқот ҷамъ шаванд, то мисли офариниши Аллоҳи мутаол пешниҳод бидиҳанд ё мушобеҳу наздик ба онҷӣ Аллоҳи мутаол дар ин мавҷудот гузошта аз ҷумлаи зебоӣ ва низому устуворӣ, албатта, ки оҷизу нотавон мемонанд. Ба ҳамин далел,

Аллоҳи мутаол махлуқотро танҳо ба тафаккур ба ҳикматҳое, ки дар махлуқоташ ниҳодааст ва ҳамчунин ба шинохти баъзе аз зебоиву вижагиҳои офаринишии онҳо дастур дода, фармудааст:

﴿قُلِ ٱنظُرُواْ مَاذَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: Бингаред, ки чӣ чизе дар осмонҳо ва замин аст?». [Юнус-101]

Ва бо ҳикмати Худ - зоти Хеш, дини мубини Ислом ва дастуроту мамнӯъоти дини Исломро барои бандагонаш муаррифӣ намуд ва китобашро нозил намуд ва дар он баён намуд, ки тавбаи моро мепазирад ва салоҳу саодати зиндагонӣ дар дунё ҷуз бо пойбандӣ ба дин имконнопазир аст, дар ин маврид, баъзе аз гузаштагон мегӯянд: «Агар дар дастуроту шариаташ ҷуз ин ҳикмати бузург, ки асли ҳамаи хубиҳо ва беҳтарини лаззатҳо аст, набуд, албатта ки ҳамин кофӣ буд».

Ва Ӯ таоло дар дастури дунявияш ҳаким аст; бандагонашро ба сахтиҳо мубтало мекунад, то гуноҳони онҳоро пок ва дараҷаҳояшонро ба осмон боло бубарад ва банда бо имон овардан ба тақдири хеш ва розӣ шудан ба он ва истифода аз сабабҳои машрӯъ барои бартараф намудани мусибатҳо дастур дода шудааст, то тақдири илоҳиро бо тақдирашро бартараф намояд ва чизе, ки тавони бартараф карданашро надорад - монанди марг ва амсолаш - бояд хушнуд ва таслими он шавад ва ба ғолиб будани ҳукми Аллоҳи мутаол ва мунсифона будани қазои Ӯ ва татбиқшаванда будани ҳикмат бар ӯ, гувоҳӣ медиҳад ва чизе, ки ба Ӯ расида имкони хатояш набуд ва ончӣ хато рафта имкони исботаш набудааст ва адлу ҳикмати Аллоҳ ӯро лозим намудааст.

Ва Аллоҳи мутаол баъзе аз ҳикматҳои хешро барои бандагонаш баён ва зоҳир мекунад, пас, барои онҳо ҳикмати нузули Қуръонро баён намудааст, то мӯъминон собитқадам шаванд ва ҳамчунин ҳидояту башорате барои онҳо мебошад. Ӯ таоло фармудааст:

﴿قُلْ نَزَّلَهُۥ رُوحُ ٱلْقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِٱلْحَقِّ لِيُثَبِّتَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهُدًى وَبُشْرَىٰ لِلْمُسْلِمِينَ﴾

Тарҷума: «Бигӯ: Ҷабраил онро ба ҳақ аз сӯи Парвардигорат нозил кардааст, то мӯъминонро собитқадам гардонад ва ҳидояту башорате барои мусулмонон бошад». [Наҳл-102]

Ва расулонашро фиристода, то ҳеҷ фарде бурҳону далеле дар надонистан ва ҷоҳил буданаш ба дини Ислом надошта бошад:

﴿رُّسُلًا مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى ٱللَّهِ حُجَّةٌۢ بَعْدَ ٱلرُّسُلِ﴾

Тарҷума: «Паёмбароне муждадиҳанда ва бимдиҳанда фиристодем, то мардумонро баъд аз фиристодани паёмбарон бар Аллоҳ ҳеҷ далеле набошад». [Нисо-125]

Ва ҳамчунин аз ҳикмати ибтило намудани мардум ба гирифторӣ ва мусибатҳо хабар додааст, ки ростгӯии мӯъминон ва сабрашонро зоҳиру ошкор кунад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿أَحَسِبَ ٱلنَّاسُ أَن يُتْرَكُوٓاْ أَن يَقُولُوٓاْ ءَامَنَّا وَهُمْ لَا يُفْتَنُونَ ۞

وَلَقَدْ فَتَنَّا ٱلَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ ۖ فَلَيَعْلَمَنَّ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ صَدَقُواْ وَلَيَعْلَمَنَّ ٱلْكَٰذِبِينَ﴾

Тарҷума: «Оё мардум мепиндоранд, ки ҳамин, ки бигӯянд: Имон овардаем ба ҳоли худ раҳо мешаванд ва озмоиш намегарданд? Ва ба ростӣ касонеро, ки пеш аз онон буданд озмудем, пас, албатта Аллоҳ ононро, ки рост гуфтанд маълум медорад [то ба савобу аҷр бирасанд], ва дурӯғгӯёнро низ маълум хоҳад дошт [то ҷазои хешро дарёфт намоянд]». [Анкабут-2-3]

Ва бинобар ҳикмате, Аллоҳи мутаол илми ғайбро аз махлуқот пинҳон намуда ва онро хосси Хеш қарор дода, фармудааст:

﴿عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ۚ وَهُوَ ٱلْحَكِيمُ ٱلْخَبِيرُ﴾

Тарҷума: «Ниҳону ошкорро медонад ва Ӯ ҳакиму огоҳ аст». [Анъом-73]

**Сипас эй мусулмонон:**

Офаринишу фармон фақат аз Аллоҳи яктост, ҳар чи бихоҳад дар ин ҳастӣ анҷом медиҳад ва ҳар чи бихоҳад дар шариати Хеш ҳукм мекунад ва ҳеҷ кас наметавонад Ӯро бозхост намояд ва ҳеҷ гуфторе дар ҳикмати Ӯ нуқсу халале ворид намекунад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿لَا يُسْـَٔلُ عَمَّا يَفْعَلُ وَهُمْ يُسْـَٔلُونَ﴾

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол дар баробариончӣ анҷом медиҳад, бозхост намешавад ва онҳо бозхост мегарданд». [Анбиё-23]

Ва банда ба убудияти далолаткунандаҳои номи «Ҳаким»-и Аллоҳи мутаол дастур дода шудааст, агар ба ҳикмати Аллоҳ дар ҳама чиз яқин намояд, аз хилқати зебову устувори Аллоҳи мутаол лаззат мебарад ва дар он тафаккур менамояд, қонуни Аллоҳро таъзиму бузургдошт

мекунаду аз Аллоҳ метарсад; аз анҷоми гуноҳ шарм мекунад ва таслими дастуроту манъшудаҳояш мешавад; хушҳолияш аз ин ки Аллоҳи мутаол ӯро бинобар ҳикмате, ки хоста, ҳидоят кардааст, чандин баробар мешавад ва ин шариат аз ҷониби Зоти боҳикмат барои саодати башар омадааст ва агар ба ӯ мусибате расид ба тақдири илоҳӣ розӣ шавад ва ин ки ба онҷӣ Аллоҳ бароящ муқаддар намудаасту дар он маслиҳату хайре барои ӯ вуҷуд дорад, таслим шавад,

﴿وَعَسَىٰٓ أَن تَكۡرَهُواْ شَيۡـٔٗا وَهُوَ خَيۡرٞ لَّكُمۡۖ﴾

Тарҷума: «Чи басо чизеро хуш надошта бошед, ҳол он ки бароятон беҳтар аст». [Бақара-216]

Ва яқин намо, ки пушти ин саҳнаҳо (-и зиндагӣ) ҳикмате нуҳуфтааст, ки онро намедонед; ва инро дар ёд доред, ки ӯ (яъне, фарди мӯъмин) дар хушиву нохушӣ дар неъматҳои Аллоҳи мутаол мебошад. Паёмбар (с) фармуданд:

**«عَجَباً لِأَمْرِ المُؤْمِنِ! إنَّ أَمْرَهُ كُلَّهُ خَيْرٌ، وَلَيْسَ ذَاكَ لِأَحَدٍ إلَّا لِلْمُؤْمِنِ؛ إنْ أَصَابَتْهُ سَرَّاءُ شَكَرَ فَكَانَ خَيْراً لَهُ، وَإنْ أَصَابَتْهُ ضَرَّاءُ صَبَرَ فَكَانَ خَيْراً لَهُ»**

Тарҷума: «Кору [оқибати] мӯъмин шигифтангез аст, зеро тамоми умураш ба хайри ӯ мешавад ва ин вазъиятро ҷуз мӯъмин касе дигаре надорад; мӯъмин ҳангоми шодӣ Аллоҳро сипос мегӯяд, ва ин ба нафъи ӯст ва ҳангоми мусибат, сабр пеша мекунад, ки ин [кор] ҳам ба хайри ӯст». (Ривояти Муслим)

Пас, ба зиндагие, ки Аллоҳ онро офарида ва иродаи шаръиву дунявӣ намудааст, хушу хурсанд бош ва умуратро ба Зоте боҳикмат бисупор, ба ту бузургтар аз орзуҳоят медиҳад.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿شَهِدَ ٱللَّهُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَأُوْلُواْ ٱلۡعِلۡمِ قَآئِمَۢا بِٱلۡقِسۡطِۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾

Тарҷума: «Аллоҳ гувоҳӣ медиҳад ки ҳеҷ маъбуде барҳаққе ҷуз Ӯ нест, ҳамчунин гувоҳӣ медиҳад, ки Ӯ адлу додгарӣ мекунад, фариштагон ва уламо, низ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳеҷ маъбуде барҳаққе ҷуз Ӯ нест ва Ӯ азизу ҳаким аст». [Оли Имрон-18]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони азимушшаън баракат фармояд…

## Хутбаи дуввум

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуд ва тавфиқ дод ва миннат ниҳод ва гувоҳӣ медиҳам ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи мутаол нест, яктосту шарике надорад, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Паёмбари мо Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва аҳли байту ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол ҳадафҳои бузурги офариниш ва авомирашро барои бандагонаш муаррифӣ намудааст. На ҳамаи ҳадафҳо ва ҳикматҳои хурд ва кулли тафсилҳои онҳоро ва ҳар онҷӣ аз ҳадафҳо ва ҳикматҳояш барояшон пинҳон мемонад, аз ҷумла ҳикмати офариниш ва ибдоъ, амру шаръу қазо ва қадраш; шинохти умумии онҳо кофӣ мебошад, ки ҳатман Аллоҳи мутаол, ҳикмате дар он доштааст, гарчанде, ки тафсилҳои онро надонанд ва тафосили он аз умури ғайбист, ки Аллоҳи мутаол онро махсуси Хеш намудааст.

Пас, бидонед ки Аллоҳ шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намуда…

# Ғазаби Аллоҳи мутаол[1]

Ҳамоно тамоми ҳамду ситоишҳо махсуси Аллоҳи мутаол мебошанд, Ӯро сипос гуфта, аз Ӯ ёрӣ меҷӯему талаби омӯрзиш мекунем, аз бадиҳо ва аъмоли ношоистаамон ба Ӯ паноҳ мебарем. Ҳар касеро Аллоҳи мутаол ҳидоят кунад, ҳеҷ кас наметавонад ӯро гумроҳ созад ва ҳар касеро гумроҳ созад, ҳидоятгаре нахоҳад ёфт. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктосту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи бисёру пойдор ба ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Аммо баъд:**

Эй бандагони Аллоҳ тақвои Ӯро ҳамон тавре, ки шоистаи Ӯст, пеша созед ва ҳар кас тақворо пеша намуд, растагор шуд ва ҳар кас аз зикри Ӯ саркашӣ намуд, ҳалок шуд.

**Эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол Хешро ба махлуқоташ он тавр, ки дар Қуръон ва суннати Расулаш (с) омадааст, муаррифӣ намудааст. Барои Ӯ мисоли волотарин дар номҳову сифоти волояш мебошад; ва тадаббуру андеша дар сифатҳо ва ибодат намудани Ӯ бо он номҳову сифатҳо, роҳи расидан ба муҳаббату биҳишти Ӯ мебошад, инчунин василае барои расидан ба самараҳои он - аз ҷумла тарс аз Ӯ ва доштани умеду муҳаббату таваккал ба Ӯ ва ғайра мебошад.

Ва ақидаи гузаштагони ин уммат низ - собит намудани номҳову сифоти Аллоҳи мутаол мебошад, ҳамон тавре, ки дар Қуръон ва суннати Расулуллоҳ (с) омадаанд ва аз ҷумлаи сифоти Аллоҳ, ки сабабгори хавфу тарс аз Ӯ мешавад - ин сифати «**Ғазаб**»-и Аллоҳи мутаол мебошад. Пас Аллоҳи мутаол хашм мегирад (аз рӯи сарпечӣ ва нофармонии бандагон) ва розӣ мегардад (бо пайравӣ ва анҷом додани аъмоли солеҳ); ва албатта на монанди ҳеҷ як аз махлуқоташ. Ва ҳар сифате аз сифоти Аллоҳи мутаол нишонае дорад ва аз ҷумлаи аломату осори ғазаби Аллоҳи мутаол, ин уқубатҳои умумии дунё ва балоҳо мебошанд. Аллоҳи мутаол мефармояд:

---

[1] Ин хутба дар рӯзи ҷумъа, 9-уми зулқаъдаи соли 1440-и ҳиҷрӣ дар Масҷиди Расулуллоҳ (с) хонда шудааст.

﴿وَمَن يَحۡلِلۡ عَلَيۡهِ غَضَبِي فَقَدۡ هَوَىٰ﴾

Тарҷума: «Ва ҳар кас хашми Ман ӯро фаро гирад; ба ростӣ, ки нобуд шудааст». [Тоҳо-81]

Суфён ибни Уяйна (раҳ) мегӯяд: «Ғазаби Аллоҳи мутаол бемориест, ки ҳеҷ даво ва доруе надорад».

Ва норизоятии Аллоҳи мутаол гоҳе сабаби нобудии амали банда мегардад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمُ ٱتَّبَعُواْ مَآ أَسۡخَطَ ٱللَّهَ وَكَرِهُواْ رِضۡوَٰنَهُۥ فَأَحۡبَطَ أَعۡمَٰلَهُمۡ﴾

Тарҷума: «Ин ба хотири он аст, ки онҳо аз он чӣ, ки Аллоҳро ба хашм меовард, пайравӣ карданд ва аз он чӣ, ки сабабгори хушнудии Ӯст, дурӣ ҷустанд. Аз ин рӯ аъмолашонро нобуд кард». [Муҳаммад-28]

Ва агар Аллоҳи мутаол аз қавме хашмгин шавад, аз онҳо интиқом мегирад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿فَلَمَّآ ءَاسَفُونَا ٱنتَقَمۡنَا مِنۡهُمۡ﴾

Тарҷума: «Вақте Моро ба хашм оварданд, аз онҳо интиқом гирифтем». [Зухруф-55]

Имом Ибни Қаййим (раҳ) мегӯяд: «Азоб аз ғазаби Аллоҳи мутаол содир мешавад ва оташи ҷаҳаннам ҷуз бо ғазаби Аллоҳ шӯълавар намегардад».

Аллоҳи мутаол қавмҳоеро муҷозот кардааст ва ахбори онҳоро барои мо баён намудааст, то мо аз саркашиву нофармоние, ки онҳо муртакибаш шудаанд, барҳазар бошем. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿ضُرِبَتۡ عَلَيۡهِمُ ٱلذِّلَّةُ أَيۡنَ مَا ثُقِفُوٓاْ إِلَّا بِحَبۡلٖ مِّنَ ٱللَّهِ وَحَبۡلٖ مِّنَ ٱلنَّاسِ وَبَآءُو بِغَضَبٖ مِّنَ ٱللَّهِ﴾

Тарҷума: «Ҳар куҷое, ки ёфт шаванд, бар онҳо [мӯҳри] хорӣ зада шудааст, магар дар паноҳи амоне аз Худо ва амоне аз мардумони [мусулмон, ки ба он дохил шаванд]; ва сазовори хашми Аллоҳ шуданд ва [мӯҳри] бенавоӣ бар онҳо зада шудааст, ин аз он сабаб аст, ки онҳо оёти Аллоҳро инкор мекарданд ва паёмбаронро ба ноҳақ мекуштанд. Ин ба сабаби гуноҳ кардани онҳо аст ва он ки аз ҳадд мегузаштанд». [Оли Имрон-112]

Ва қавмҳое оёту нишонаҳои Аллоҳи мутаолро баъд аз ин ки барои онҳо оварда шуд, мункиру кофири онҳо гаштанд, пас сазовори хашме бар болои хашми дигар шуданд, пас хашми Аллоҳ қавмеро домангир шуд, ки дар натиҷа Аллоҳ чеҳраҳои онҳоро дигаргун сохта, ба ҳайвон табдил дод. Паёмбар (с) фармуданд:

«إِنَّ اللَّهَ غَضِبَ عَلَى سِبْطٍ مِنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ؛ فَمَسَخَهُمْ دَوَابَّ يَدِبُّونَ فِي الأَرْضِ»

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол аз гурӯҳе аз Бани Исроил хашмгин гардид ва онҳоро ба ҳайвоноте табдил намуд, ки дар рӯи замин роҳ мераванд». (Ривояти Муслим)

Ҳеҷ паёмбаре наёмадааст, магар ин ки қавми хешро аз ғазаби Аллоҳ барҳазар доштааст, Мӯсо (а) хитоб ба қавмаш фармуд:

﴿أَمۡ أَرَدتُّمۡ أَن يَحِلَّ عَلَيۡكُمۡ غَضَبٞ مِّن رَّبِّكُمۡ﴾

Тарҷума: «Оё хостед, ки хашме аз сӯи Парвардигоратон домангиратон шавад». [Тоҳо-86]

Соҳибони фитрати салим аз хашми Аллоҳ бар нафси хеш метарсиданд, Зайд ибни Амр ибни Нуфайл пеш аз зуҳури Ислом ба дигар минтақаҳо мерафт ва аз дин савол мекард, то ин ки рӯзе бо олиме аз уламои яҳуд бархӯрд кард, пас аз динашон пурсид ва онҳо гуфтанд:

«لاَ تَكُونُ عَلَى دِينِنَا حَتَّى تَأْخُذَ بِنَصِيبِكَ مِنْ غَضَبِ اللَّهِ، قَالَ زَيْدٌ: مَا أَفِرُّ إِلَّا مِنْ غَضَبِ اللَّهِ، وَلاَ أَحْمِلُ مِنْ غَضَبِ اللَّهِ شَيْئاً أَبَداً، وَأَنَّى أَسْتَطِيعُهُ؟»

Тарҷума: «Ба дини мо ҳеҷ гоҳ дохил намегардӣ, магар ин ки қисмате аз хашми Аллоҳро начашӣ! Зайд гуфт: Ман аз хашми Аллоҳ фирор мекунам ва ман ҳаргиз тоқати ғазаби Аллоҳро надорам, чӣ тавр тавоноии таҳаммулашро

дорам?». (Ривояти Бухорӣ)

Ва мусулмон ба сӯи Аллоҳ бо умеди раҳмату ризояташ ва тарс аз хашму азобаш мешитобад; ва бузургтарин чизе, ки сабаби хашми Аллоҳ мешавад, ширк мебошад, Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ ٱلۡعِجۡلَ سَيَنَالُهُمۡ غَضَبٞ مِّن رَّبِّهِمۡ وَذِلَّةٞ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا﴾

Тарҷума: «Ҳамоно касоне, ки гӯсоларо маъбуди худ гирифтанд, ба зудӣ хашме аз ҷониби Парвардигорашон ба онҳо мерасад ва зиндагии дунёии онҳоро хорӣ фаро мегирад». [Аъроф-152]

Ва намоз хондан ба тарафи қабрҳо яке аз сабабҳои хашми Аллоҳи мутаол мебошад. Паёмбар (с) фармуданд:

«اشْتَدَّ غَضَبُ اللَّهِ عَلَى قَوْمٍ اتَّخَذُوا قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ مَسَاجِدَ»

Тарҷума: «Хашми шадиди Аллоҳ бар қавмест, ки қабрҳои паёмбарони худро масҷиду ибодатгоҳ қарор доданд». (Ривояти Имом Молик)

Ҳар кас дар сифате аз сифоти Аллоҳ худро рақиби Ӯ бидонад,

Аллоҳ ӯро бар хилофи қасдаш азоб медиҳад. Паёмбар (с) фармуданд:

«اشْتَدَّ غَضَبُ اللَّهِ عَلَى رَجُلٍ تَسَمَّى بِمَلِكِ الأَمْلاَكِ»

Тарҷума: «Ғазаби шадиди Аллоҳи мутаол бар касест, ки худро шоҳаншоҳ биномад». (Ривояти Аҳмад)

Аллоҳи мутаол карим аст, дӯст медорад бандагонаш аз Ӯ талаб кунанд ва аз касоне, ки аз талаб кардан аз Ӯ такаббур меварзанд, хашм мегирад. Паёмбар (с) фармуданд:

«مَنْ لَمْ يَسْأَلِ اللَّهَ يَغْضَبْ عَلَيْهِ»

Тарҷума: «Касе, ки аз Аллоҳ ҳоҷаташро талаб накунад, Аллоҳ бар ӯ ғазаб мекунад». (Ривояти Тирмизӣ)

Ва Аллоҳи мутаол куфрро дӯст намедорад ва ба куфр розӣ нест ва агар бандае муртакиби куфр шуд аз ӯ хашм мегирад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿مَّن شَرَحَ بِٱلۡكُفۡرِ صَدۡرٗا فَعَلَيۡهِمۡ غَضَبٞ مِّنَ ٱللَّهِ وَلَهُمۡ عَذَابٌ عَظِيمٞ﴾

Тарҷума: «Онҳое, ки синаи худро барои куфр густарда сохтаанд, ғазаби Аллоҳ бар онҳост ва барояшон азоби бузургест». [Наҳл-106]

Ва ислоҳи ҷамъият дар ислоҳи ботину зоҳир мебошад, пас, ҳар кас бадӣ дар даруни хеш махфӣ дорад ва баръакси онро ошкор созад (мурод дар ин ҷо мунофиқ аст), чунин шахсе ба Аллоҳ бадгумон аст ва ғазаби Аллоҳ ба ӯ мерасад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَيُعَذِّبَ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ وَٱلۡمُنَٰفِقَٰتِ وَٱلۡمُشۡرِكِينَ وَٱلۡمُشۡرِكَٰتِ ٱلظَّآنِّينَ بِٱللَّهِ ظَنَّ ٱلسَّوۡءِۚ عَلَيۡهِمۡ دَآئِرَةُ ٱلسَّوۡءِۖ وَغَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمۡ وَلَعَنَهُمۡ وَأَعَدَّ لَهُمۡ جَهَنَّمَۖ وَسَآءَتۡ مَصِيرٗا﴾

Тарҷума: «То мардону занони мунофиқ ва мардону занони мушрикро, ки бар Аллоҳ бадгумонанд, азобашон кунад ва пешомадҳои бади рӯзгор бар онҳо бод! Ва Аллоҳ бар онҳо хашм гирифту лаънаташон кард, ва дӯзахро барояшон омода сохт; ва чӣ бад саранҷомест!». [Фатҳ-6]

Беҳтарини махлуқот паёмбарон мебошанд, ҳар кас онҳоро азият кунад, сазовори сахттарин ғазаби илоҳӣ мегардад. Паёмбар (с) фармуданд:

«اشْتَدَّ غَضَبُ اللَّهِ عَلَى قَوْمٍ دَمَّوْا وَجْهَ نَبِيِّ اللَّهِ»

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол бар қавме, ки чеҳраи паёмбарашро хунолуд гардониданд, сахт хашмгин шуд». (Муттафақун алайҳ)

Бадбахтарини махлуқот касоне ҳастанд, ки ба дасти паёмбарон ба

қатл мерасанд. Паёмбар (с) фармуданд:

«اشْتَدَّ غَضَبُ اللهِ عَلَى مَنْ قَتَلَهُ نَبِيٌّ»

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол бар касе, ки тавассути паёмбаре кушта шавад, сахт хашмгин гардад».

Ва ҳар кас авлиёву дӯстон ва бандагони солеҳи Аллоҳро ба хашм оварад, Аллоҳи мутаол аз ӯ хашмгин мешавад. Паёмбар (с) фармуданд:

«لَئِنْ كُنْتَ أَغْضَبْتَهُمْ - يَعْنِي: نَفَراً مِنَ الصَّحَابَةِ - لَقَدْ أَغْضَبْتَ رَبَّكَ»

Тарҷума: «Агар боиси хашми онҳо гардӣ -яъне: гурӯҳе аз саҳобагон - дар воқеъ, Аллоҳи мутаолро хашмгин сохтаӣ».

Сару садо ва бетобӣ дар мусибат тақдирро иваз намекунад ва ҷазои чунин шахсе монанди амалкардаш мебошад. (Ривояти Муслим)

Паёмбар (с) фармуданд:

«وَمَنْ سَخِطَ - أَيْ: عَلَى القَدَرِ - فَلَهُ السُّخْطُ»

Тарҷума: «Ҳар кас аз тақдири илоҳӣ нохушнуд бошад, нохушнудии Аллоҳ баҳраи ӯст». (Ривояти Тирмизӣ)

Ва боздоштан аз роҳи Аллоҳ бо гуфтор ё кирдор сабабгори азоби илоҳӣ мегардад. Аллоҳ субҳонаҳу мефармояд:

﴿وَٱلَّذِينَ يُحَآجُّونَ فِي ٱللَّهِ مِنۢ بَعۡدِ مَا ٱسۡتُجِيبَ لَهُۥ حُجَّتُهُمۡ دَاحِضَةٌ عِندَ رَبِّهِمۡ وَعَلَيۡهِمۡ غَضَبٞ وَلَهُمۡ عَذَابٞ شَدِيدٌ﴾

Тарҷума: «Касоне, ки дар бораи Аллоҳ ҷидол мекунанд, пас аз он ки даъвати Ӯро [қисми зиёде аз мардум] иҷобат карданд, назди Парвардигорашон бурҳонашон ботил аст; ва хашми Аллоҳ бар онҳо буда, азоби шадиде дар интизорашон аст». [Шӯро-16]

Ибни Аббос (р.х) дар ин маврид мефармояд:

«جَادَلُوا المُؤْمِنِينَ بَعْدَ مَا اسْتَجَابُوا لِلَّهِ وَلِرَسُولِهِ؛ لِيَصُدُّوهُمْ عَنِ الهُدَى، وَطَمِعُوا أَنْ تَعُودَ الجَاهِلِيَّةُ»

Тарҷума: «Бо мӯъминон баъд аз ин ки фармони Аллоҳ ва Расулашро иҷобат намуданд, муҷодила карданд, то онҳоро аз ҳидоят боздоранд ва дар баргаштани онҳо ба ҷоҳилият тамаъ доштанд».

Ва ҳар кас ба онҷӣ медонад, амал накунад, пас Ӯ аз зумраи касонест, ки Аллоҳи мутаол бар онон ғазаб гирифтааст. Инчунин ба мусулмонон дастур дода шудааст, ки дар ҳар ракъати намоз дуо намоянд, то Аллоҳи мутаол онҳоро аз роҳу равиши он ашхос дур нигоҳ дорад.

Аллоҳи мутаол ҳуқуқи падару модарро ба хотири гаронқадр

буданашон, бузургу азим муаррифӣ намуда, ризояти Хешро вобаста ба ризояти онҳо қарор додааст, инчунин норизоятии Хешро дар норизоятии онҳо қарор додааст. Абдуллоҳ ибни Умар (р) мегӯяд:

«رِضَى الرَّبِّ فِي رِضَى الوَالِدِ، وَسَخَطُ الرَّبِّ فِي سَخَطِ الوَالِدِ»

Тарҷума: «Ризояти Аллоҳ дар ризояти падар аст ва норизоятии Аллоҳ дар норизоятии падар қарор дорад».

Хуни мусулмон маҳфуз аст, ҳар кас мусулмонеро бикушад сазовори ғазабу лаънати Аллоҳ мешавад. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَمَن يَقْتُلْ مُؤْمِنًا مُّتَعَمِّدًا فَجَزَآؤُهُۥ جَهَنَّمُ خَٰلِدًا فِيهَا وَغَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيْهِ وَلَعَنَهُۥ وَأَعَدَّ لَهُۥ عَذَابًا عَظِيمًا﴾

Тарҷума: «Ҳар кас мӯъминеро барқасдона бикушад, ҷазои ӯ ҷаҳаннам аст, ки дар он барои ҳамеша хоҳад монд; ва Аллоҳ бар ӯ хашм мегирад, лаънаташ менамояд, ва азоби дардноке дар интизораш хоҳад буд». [Нисо-93]

Ва амволи мусулмонон дар амон мебошанд, ва ҳар кас ба моли шахси мусулмон дастдарозӣ намояд, сазовори ваъдаи сахти Аллоҳ мебошад. Паёмбар (с) фармуданд:

«مَنْ حَلَفَ عَلَى يَمِينِ صَبْرٍ- أَيْ: مُتَعَمِّداً -يَقْتَطِعُ بِهَا مَالَ امْرِئٍ مُسْلِمٍ، وَهُوَ فِيهَا فَاجِرٌ، لَقِيَ اللهَ وَهُوَ عَلَيْهِ غَضْبَانُ»

Тарҷума: «Ҳар кас ба ноҳақ савганд ёд кунад - яъне қасдан - ва бо савганд хӯрдани дурӯғин моли мусулмонеро дар тасарруф даровард; дар ҳоле бо Аллоҳ таоло рӯ ба рӯ мешавад, ки Аллоҳ бар ӯ хашмгин аст». (Муттафақун алайҳ)

Агар зане бо ҳамсараш лиъон намуд - дар ҳоле ки дурӯғгӯ бошад - ҳамеша дар ғазаби Аллоҳ мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَٱلْخَٰمِسَةَ أَنَّ غَضَبَ ٱللَّهِ عَلَيْهَآ إِن كَانَ مِنَ ٱلصَّٰدِقِينَ﴾

Тарҷума: «Ва панҷумин [гувоҳӣ он зан бояд чунин бошад], ки хашми Худованд бар ӯ бод агар [шавҳараш] аз ростгӯён бошад». [Нур-9]

Ва ҳар кас дар зулму ситаме даст дошта бошад, Аллоҳ аз ӯ хашм мегирад. Паёмбар (с) мефармояд:

«مَنْ أَعَانَ عَلَى خُصُومَةٍ بِظُلْمٍ - أَوْ: يُعِينُ عَلَى ظُلْمٍ - لَمْ يَزَلْ فِي سَخَطِ اللهِ حَتَّى يَنْزِعَ»

Тарҷума: «Касе дар низоъе золимона - ё дар ҳамкории иҷрои зулм - ёрӣ бирасонад; ҳамеша дар хашми Аллоҳ аст, то вақте ки аз он даст

бардорад». (Ривояти Ибни Моҷа)

Ва забон яке аз навъҳои имтиҳону санҷиши бандагон аст, гоҳе як калима сабабгори растагории банда ё ҳалокати ӯ мегардад. Паёмбар (с) мефармояд:

**«إِنَّ أَحَدَكُمْ لَيَتَكَلَّمُ بِالْكَلِمَةِ مِنْ سَخَطِ اللَّهِ مَا يَظُنُّ أَنْ تَبْلُغَ مَا بَلَغَتْ، فَيَكْتُبُ اللَّهُ عَلَيْهِ بِهَا سَخَطَهُ إِلَى يَوْمِ يَلْقَاهُ»**

Тарҷума: «Ҳамоно як шахс суханеро, ки сабабгори хашми Аллоҳ аст бар забон меорад, дар ҳоле ки худаш таъсири он намедонад ва ба василаи он сухан Аллоҳи мутаол ғазабашро то рӯзе, ки вайро мулоқот кунад, барои вай менависад». (Ривояти Тирмизӣ)

Ва фирор намудан аз майдони ҷанг ҳангоми набард бо душманон, сабабгори хашми Аллоҳ таоло мешавад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَمَن يُوَلِّهِمْ يَوْمَئِذٍ دُبُرَهُۥٓ إِلَّا مُتَحَرِّفًا لِّقِتَالٍ أَوْ مُتَحَيِّزًا إِلَىٰ فِئَةٍ فَقَدْ بَآءَ بِغَضَبٍ مِّنَ ٱللَّهِ وَمَأْوَىٰهُ جَهَنَّمُ ۖ وَبِئْسَ ٱلْمَصِيرُ﴾

Тарҷума: «Ва ҳар кас дар он ҳангом ба онҳо пушт намояд ва фирор намояд; магар ба қасди ҷо ба ҷои набард ё пайвастан ба гурӯҳи дигаре аз муҷоҳидон; гирифтори хашми Аллоҳ хоҳад шуд ва ҷойгоҳи ӯ дар дӯзах хоҳад буд ва ҷӣ бад ҷойгоҳест». [Анфол-16]

Ва ҳаққи неъматҳо қадрдонии онҳо мебошад, ва такаббуру фаромӯш намудани Эҳсонкунанда муҷозоташ зудрас аст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿كُلُوا۟ مِن طَيِّبَٰتِ مَا رَزَقْنَٰكُمْ وَلَا تَطْغَوْا۟ فِيهِ فَيَحِلَّ عَلَيْكُمْ غَضَبِى﴾

Тарҷума: «Аз ризқҳои покизае, ки рӯзиятон қарор додаем, бихӯред ва дар он таҷовуз накунед, ки онгоҳ хашми Ман домангиратон хоҳад шуд». [То-ҳо-81]

Ва ҳар кас муртакиби умуре шуд, ки боиси хашми Аллоҳ шуд, душманӣ бо чунин шахсе лозим ва дӯстӣ бо ӯ ҳаром аст. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تَتَوَلَّوْا۟ قَوْمًا غَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيْهِمْ﴾

Тарҷума: «Эй мӯъминон! Ҳаргиз қавмеро, ки Аллоҳ бар онҳо ғазаб кардааст, ёру дӯст нагиред». [Мумтаҳана-13]

Ва бар бандагон лозим аст, ки барои Қиёмат омодагии комил дошта бошанд ва аъмоли нек анҷом диҳанд; зеро шадидтарин хашми Аллоҳ

бар бандагон дар Саҳрои маҳшар аст ва ба ҳамин хотир паёмбарон (а): Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо ва Исо дар он ҳолат мегӯянд:

«إِنَّ رَبِّي قَدْ غَضِبَ الْيَوْمَ غَضَباً لَمْ يَغْضَبْ قَبْلَهُ مِثْلَهُ، وَلَنْ يَغْضَبَ بَعْدَهُ مِثْلَهُ»

Тарҷума: «Парвардигорам чунон хашмгин аст, ки пеш аз ин, ҳаргиз чунин хашме накардааст ва баъд аз ин ҳам, ҳаргиз чунин хашме нахоҳад кард». (Муттафақун алайҳ)

**Ва сипас эй мусулмонон:**

Аллоҳи мутаол тавонову қавист ва бандагонашро аз хашми Хеш барҳазар доштааст. Аллоҳи мутаол мефармояд:

﴿وَيُحَذِّرُكُمُ ٱللَّهُ نَفۡسَهُۥ﴾

Тарҷума: «Аллоҳи мутаол шуморо аз (нофармонии) Худаш барҳазар медорад». [Оли Имрон-28]

Ва бар бандагон лозим аст, ки мағрури сабру бурдбории Аллоҳи мутаол набошанд; зеро агар Ӯ хашм бигирад ва иҷозати азоб бидиҳад, пас ҳеҷ боздорандае аз тақдири илоҳӣ вуҷуд надорад, ва агар бандагон муртакиби гуноҳе шуданд ва Ӯ неъматҳояшро бар онҳо арзонӣ дошт, ин аломату нишонаи наздик будани азоби илоҳӣ мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَأُمۡلِي لَهُمۡۚ إِنَّ كَيۡدِي مَتِينٌ﴾

Тарҷума: «Ва ба онҳо мӯҳлат медиҳем, бегумон тадбири Ман устувор аст». [Аъроф-183]

Ва агар бандагон ба сӯи Аллоҳ баргарданд, дарвозаҳои тавба ва хайру ризояти Хешро барояшон мекушояд.

**أعوذ بالله من الشَّيطان الرَّجيم**

﴿أَفَمَنِ ٱتَّبَعَ رِضۡوَٰنَ ٱللَّهِ كَمَنۢ بَآءَ بِسَخَطٖ مِّنَ ٱللَّهِ وَمَأۡوَىٰهُ جَهَنَّمُۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ﴾

Тарҷума: «Оё касе, ки дар пайи хушнудии Аллоҳ аст, монанди касест, ки сазовори хашми Аллоҳ шуд ва ҷойгоҳи ӯ дӯзах аст? Ва он чӣ бад ҷойгоҳест». [Оли Имрон-162]

Аллоҳи мутаол ба ману шумо дар ин Қуръони азимушшаън баракат иноят фармояд…

## Хутбаи дуввум

Ситоишу шукр шоистаи Аллоҳ аст, ки эҳсон намуду тавфиқ дод ва миннат гузошт, ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, яктосту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки ҳамоно Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, дуруду саломи фаровони Аллоҳ бар ӯ ва хонадону ёронаш бод.

**Эй мусулмонон:**

Фармонбардорӣ сабаби ҷалби ризояти Аллоҳ ва мӯҷиби касби раҳматаш мебошад. Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَرَحۡمَتِي وَسِعَتۡ كُلَّ شَيۡءٖۚ فَسَأَكۡتُبُهَا لِلَّذِينَ يَتَّقُونَ وَيُؤۡتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱلَّذِينَ هُم بِـَٔايَٰتِنَا يُؤۡمِنُونَ﴾

Тарҷума: «Раҳмати Ман ҳама чизро дарбар гирифтааст, онро насиби касоне хоҳам кард, ки тақворо пеша месозанд, закот медиҳанд ва ба оёти Мо имон меоваранд». [Аъроф-156]

Ва аз васеъ будани раҳмати Аллоҳ бар бандагонаш; сабқат гирифтани раҳмати Ӯ бар ғазабаш мебошад. Паёмбар (с) фармуданд:

«إِنَّ اللهَ كَتَبَ كِتَاباً قَبْلَ أَنْ يَخْلُقَ الخَلْقَ: إِنَّ رَحْمَتِي سَبَقَتْ غَضَبِي، فَهُوَ مَكْتُوبٌ عِنْدَهُ فَوْقَ العَرْشِ»

Тарҷума: «Ҳамоно Аллоҳи мутаол пеш аз офариниши махлуқот, навиштаеро навишт, ки: "Раҳмати Ман бар хашмам сабқат гирифтааст" ва он навишта назди Ӯ болои Арш қарор дорад». (Ривояти Бухорӣ)

Ва паноҳ ҷустан аз хашми Аллоҳ яке аз василаҳои боздорандаи хашми Ӯ - Ин шо Аллоҳ - мебошад. Ва аз ҷумлаи дуоҳои Паёмбар (с) ин будааст:

«اللَّهُمَّ أَعُوذُ بِرِضَاكَ مِنْ سَخَطِكَ» (Ривояти Муслим)

Тарҷума: «Бор Илоҳо! Ба ризояти Ту аз қаҳру ғазабат паноҳ мебарам».

Мусулмони зираку ҳушёр ҳамеша барои ҷалби ризояти Аллоҳи мутаол талош мекунад ва нафси худро аз иртикоби умуре, ки сабабгори хашми Аллоҳ мегарданд, бозмедорад.

Пас бидонед, ки Аллоҳ шуморо ба дуруду салом фиристодан бар Паёмбараш амр намудааст…

# Феҳристи мавзӯъҳо


Муқаддима ..... 5
Аҳамияти тавҳид ..... 6
Чанг задан ба тавҳид ..... 13
Самараҳои тавҳид ..... 25
Фазилати калимаи тавҳид ..... 35
Маҳбубтарин амал назди Аллоҳи мутаол ..... 51
Азамату бузургии Аллоҳи мутаол ..... 60
Таъзиму бузургдошти Аллоҳи мутаол ..... 70
Шинохти Парвардигори худ ..... 82
Ақидаи мусулмон ..... 92
Гумони нек ба Аллоҳ ..... 99
Халалдоркунандагони тавҳид ..... 113
Номҳои неки Аллоҳи мутаол ..... 128
Номи Ҳакими Аллоҳи мутаол ..... 142
Ғазаби Аллоҳи мутаол ..... 151
Феҳристи мавзӯъҳо ..... 161

КОРПОРАТСИЯИ НАШРИЁТ ВА ТАҚСИМОТ
00966506090448




## Китобҳои дигаре, ки муаллиф таълиф намудааст

### Силсилае аз хутбаҳои Масҷиди Набавӣ



Аркони Имон



Аркони Ислом



Ахлоқ



Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам